# Ҳодисае, ки дар Швартсенек рӯй дода буд

Падар гуфта буд, ки ин хона лаънатзада аст.

Франк дар болои шохаи борики дарахти себ нишаста, ба тарафи хона нигарист. Ҳозир ӯ аллакай калонтар ҳаст ва мефаҳмад, ки падараш бо ин гуфтанӣ буд, ки сокинони ин хона ва оилааш лаънатзада ҳастанд. Лекин дар ин нисфирӯзӣ хона низ лаънатзада менамуд. Ранги хокистариранги девор ва ранги осмон ба якдигар монанд буданд. Шамол шохаҳои дарахтро бераҳмона ба боми хона мезад. Ранге, ки бо он бобокалонаш терезаю дарро ранг карда буд, аз он мерехт ва пардаҳое, ки аз вақти момокалонаш буданд, терезаҳоро маҳкам мекарданд. Боғе, ки онҳо меҳрубонона нигоҳ карда буданд, вахшӣ шуда буд.

Дар ҳақиқат хона лаҳнатзада менамуд.

Ба Франк менамуд, мисле ки тамоми лаънати ин хонаи деҳавӣ ҳамчун соя дар зиндагияш меистад, лекин то ба қарибӣ ӯ ҳоло намедонист, ки лаънат дар чӣ буд. Аз ҳам бад ин буд, ки ҳеҷ кас дар бораи ин ба ӯ чизе гуфтан намехост.

Агар ӯ мепурсид, ба ӯ мегуфтанд: ”Вақте ки ту калон мешавӣ, ту инро ҳоло мефаҳмӣ.” Ин тавр дар фикраш лаънат даҳшаттар шудан мегирифт ва дар охир ӯ чунон чизҳои бад тассавур мекард, ки дар вақти хоб шабона тарсида, сарашро дар таги кӯрпа баҷо мекард.

“Асосан ман инро танҳо якчанд моҳ медонам”, гуфт ӯ худ ба худ, “лекин он ба ман ҳамчунон метобад, ба монанде ки онро аллакай солҳо пеш медонистам.” Ӯ он рӯзи муҳимтарини зиндагияшро ба хотир овард. Дар нисфирӯзӣ чӣ хел борон борида буд! Ӯ бо рӯйхати дуру дароз ба мағозаи Михел даромада буд. Ҷаноб Михел ягона мағозаро дар наздикӣ дошт. Лекин ӯ ҳама чизро, ки тассавур карда мешуд, дар мағозааш дошт – ба ҳар ҳол инро худаш мегуфт. Франк бояд хандад, ҳангоме Ҷаноб Михел ба фикраш омад. Ӯ чунон фарбе буд, ки одамон мегуфтанд, ки ӯ аз мағоза ҳеҷ гоҳ намебароянд, чунки дар дар намеғунҷад. Ӯ чунон ҳикоя мекард, ки дигар ҳеҷ кас мисли Ӯ инро наметавонист. Гарчӣ нақлҳояш доим дар бораи бадбахтии

дигарон буданд, онҳо низ ҳақиқат буданд. Барои ҳамин ҳам калонсолон ӯро ин қадар дӯст намедоштанд, лекин кӯдакон ба ӯ мечаспиданд.

Дар ин нисфирӯзӣ Франк ӯро дар паси мизи фурӯшӣ дида буд. Ӯ дар онҷо нишаста, як ба як шириниҳоро мехӯрд. Ин нишони хуб буд – тоби ӯ зӯр буд ва ӯ ҳозир нақл карданро нағз медид.

“Вай дод!” ҷеғ зад ӯ, вақте ки Франк ба мағоза даромад. “агар туро дар нимторикӣ мебинам, ту ба мисли модарат метобӣ.”

Дар вақте ки ҷаноб Михел чизҳоеро, ки дар рӯйхати Франк буданд, ҷамъ мекард, фикрҳои ҳар хела дар сари Франк давр мезаданд. Имрӯз якум бор дар умраш касе дар бораи модараш чизе гуфт.

“Агар ман ӯро танҳо ба гапзанӣ биёрам”, фикр кард ӯ, ”баъд ман фаҳмидан метавонистам...ҳамаашро! Ҳозир танҳо ҳеҷ кас ба мағоза надарояд ва моро халал нарасонад!“ Дили ӯ хеле лаппиш мезад, ҳангоме ки ӯ пурсид:

”Шумо модари маро мешинохтед, ҷаноб Михел?“

”Оё ман ӯро мешинохтам?“, ҷавоб дод ӯ ва рӯяшро ба тарафи Франк гардонд. Дасти ӯ, ки бо он чизеро аз ҷевон гирифтанӣ буд, ҳоло дар ҳавво монд. ”Албатта ман ӯро мешинохтам; ман ҳамаро дар ҳавлии боло мешинохтам.“

Франк чуқур нафас кашид. ”Набошад шумо аз бадбахтӣ хабар доред?“

”Оё ман хабар дорам?“ боз пурсид ҷаноб Михел. ”Албатта.“

”Лекин ман ҳоло не“, Франк бо овози паст гуфт; ”Ба фикри шумо, ман  ин қадар калон ҳастам, то аз он бифаҳмам?“

Ҷаноб Михел шоколадро аз ҷевон гирифта, онро мелучид. Франк ҳозир дар ёд дошт, ки чӣ тавр ҷавоби ӯро интизор буд. Ба Франк менамуд, мисли он шоколади калонтарин дар ҷаҳон буд, чунон вақт бисёр сарф шуд, то ҷаноб Михел онро тамом хӯрад. Баъд ӯ ҷавоб дод:

”Мумкин ту калон ҳастӣ, бача, мумкин; лекин ба падарат ҳеҷ вақт нагӯ, ки ман инро ба ту гуфтам!

Ман бибикалонатро ҳоло нағз дар ёд дорам – кампири хеле меҳрубон бо бинии калон.“

”Ман медонам“, хандид Франк, ”дар меҳмонхона мо дар чорчӯбаи калон сурати сиёҳсафеди ӯро дорем. Дар он сурат ӯ китоби калон хонда истодааст.“

”Ҳа“, мегӯяд ҷаноб Михел, ”ин Китоби Муқаддаси ӯ буд. Ҳангоме ӯ дар кунҷи ошхона менишаст, ӯ онро соатҳо мехонд. Одамон мегуфтанд, ки ӯ аз ҳад бисёр вақташро бо он сарф мекунад. Лекин агар ҳамон одамон ғам медоштанд, рост ба назди он занак мерафтанд, то ёрӣ бипурсанд. Вақте ки ман ин мағозаро кушодам, падарат марди ҷавон буд ва якҷоя бо падару модараш ҳавлиро нигоҳ мекард. Кампир якҷоя бо онҳо зиндагӣ мекард. Онҳо он вақт бой буданд. Ман ҳар рӯз танҳо анҷомҳои беҳтаринро ба ҳавлии боло мефиристодам.“

”Лекин баъд чӣ шуд?“ пурсид ӯро Франк бетоқатона.

”Хайр, волидони падарат рӯзе бо асп ба ҷангал рафтанд. Онҳо ба назди кон омаданд, ки санг аз онҷо канда мешуд. Ба фикри милитсия асп аз заргӯш ё ягон чизи дигар тарсид. Ба ҳар ҳол чунин шуд, ки ароба чаппа шуд ва ҳардуи онҳо ба санг афтиданд.

Падари бечораи ту! Ин хел марди ҷавон! ‘Ин қадар бад ҳам не’, гуфтем ҳамаи мо, ‘Ӯ кампирро ҳоло дорад. Кампир ба ӯ нигоҳ мекунад.’ Ва инро ҳам кард! Ӯ аз ҷояш хеста, пешбандакро пӯшида, мепухт, тоза мекард ва ба ӯ нигоҳ мекард. Лекин ин кор барои синнусоли ӯ, ҳаштод сола, осон набуд, ва ӯ дар муддати як сол аз олам гузашт.“

”Набошад падарам танҳо монд?“

”Ҳа, танҳои танҳо бо як ҳавлӣ, ки онро нигоҳ кардан даркор буд. Дар ин лаҳза ӯ ҳоло нав бисту панҷ сола буд. Мо ҳама ба ӯ гуфтем, ки ҳавлиро фурӯшад, лекин ӯ нахост. Ӯ корро давом дод бо ёрии ҷаноб Фурман ва Адалберт. Дар як сол ҳамаи хукҳо касал шуданд ва мурданд. Дар дигар сол қисми калони ҳосилро оташ сӯзонд. Ман намедонам, ки ӯ чӣ хел инро тоқат карда тавонист; як бадбахти паси ҳам меомад. Аҷоиб намебуд, агар ӯ ба роҳи нодуруст афтида, мегурехт, мисли тағоят Ҳарри, гусфанди сиёҳ дар оила.“

Ҷаноб Михел хеле хурсанд буд, мисли ҳар вақте ки ӯ нақлҳои ғамгин нақл мекард.

”Мо албатта ҳама шод будем, вақте ки ӯ бо модарат шинос шуд. Ӯ дар он вақт тақрибан бистуҳаштсола буд.“

Ин мағзи нақл буд; ин лаҳзаро Франк дар тамоми умраш интизор буд. Ӯ нафасро боздошт ва фикр кард: ”Агар ҳозир як кас ба мағоза ояд... Ман намедонам, ки чӣ кор мекардам.“ Лекин ӯ худро боздошта, пурсид: ”Намуди модарам чӣ хел буд?“

”Ӯ мӯи дарози тиллоӣ дошт – рангаш мисли мӯйи ту буд – ки онро мебаст ё бо рӯймол мепӯшонд. Ӯ духтари шӯх буд, доим механдид ва дар ҳар лаҳзаи зиндагӣ хурсанд буд. Лекин аз ҳама шод он гоҳ буд, вақте ки бо аспаш бо суръати тез саворӣ мекард. Ӯ аспи сиёҳи калон дошт, шӯх мисли худаш – ман аз аввал гуфта будам, ки ин асп хатарнок аст! Дар зимистон онҳо тӯй карданд ва пас аз як сол ту таваллуд шудӣ.“

Хомӯшӣ дарозу нофорам буд. Дар охир Франк бо овози паст, ки ба ӯ ношинос манамуд, пурсид:

”Набошад ман ҳам бадбахтӣ будам?“

”Ҳа, писарам ту ин будӣ. Як хел одамон фикр мекарданд, ки ин ҷаъзои шӯх будани модарат буд. Лекин духтурҳо мегуфтанд, ки ин танҳо яке аз ҳодисаҳое мебошад, ки гоҳе мешаванд. Аввал онҳо фикр мекарданд, ки ту гапзаданро ҳеҷ вақт ёд намегирӣ ва гирду атрофатро намефаҳмӣ. Шукр гӯй Франк, ки ту ақаллан дар сар дуруст ҳастӣ, гарчӣ баданат чунон нест, мисле ки бояд мебуд. Лекин барои ин шукр гӯй!“

Франк дар ёд дошт, ки чӣ тавр ба поён ба пои калони худ бо пойафзоли махсус ва ба пои чаппи тунуку ба дасти чаппе, ки ба ягон кор истифода бурда намешавад, нигоҳ карда буд. Бо маъзаи талх дар даҳон ӯ фаҳмид, ки бисёр чиз набуд, ки ӯ ба он шукр гуфта метавонист. Фикри баде аз сараш гузашт:

”Падари ман инро дидан нахост? ... Маро, охир?“

Ҷаноб Михел печенӣ гирифта, онро газид, то ин лаҳзаи шармгинро рӯйпуш кунад:

”Медонӣ, агар ҳавлӣ чандин сол дар дасти як оила бошад, онҳо орзу мекунанд, то писари боқувват таваллуд шавад, ки ин расмро давом дода метавонад; лекин модарат падаратро бо ханда аз ғамаш баровarda, гуфт, ки ҳоло бисёр писарони дигар таваллуд мешаванд. Ту дар он вақт ниничаи хурдакак будӣ, чандин моҳа, лекин ба ин аҳамият надода, модарат ҳар рӯз бо аспи калони сиёҳаш аспсаворӣ мекард.

Лекин ин охир дошт. Ман он рӯзи бадро хуб дар хотир дорам. Ӯ бо аспаш аз мағоза гузашта, дасташро ҷунбонд. Ман ӯро дигар ҳеҷ вақт надидам. Вақте ки ман хабари бадро шунидам, ман рост ба ҳавлии боло рафтам.“ Ҷаноб Михел ҳама вақт, ба ҷое, ки ягон ҳодисаи шавқовар мешуд, мерафт.

”Духтур гуфт, ки агар ӯро рост ба беморхонаи шаҳри наздик мебурданд, умед мебуд, лекин ӯро аввал ба ҳавлӣ оварданд. Асп се рӯз ёфт нашуд.

Дар он шаб ману Адалберт тамоми бегоҳ дар ошхона нишаста, қаҳва нӯшидем. Ин як шаб буд! Ман ягон бор чунин тӯфон надида будам. Шамол ба девор зада, овоз мебаровард.“

Франк дар ёд дошт, чӣ тавр рӯйи ҷаноб Михел наздик шудан мегирифт ва ӯ аз ҳар як калимаи гуфтагӣ ҳаловат мебурд.

”Ҳа, дар ҳақиқат, шаби даҳшатнок буд. Дар охир духтур аз ошиёнаи дуюм фаромада, рост ба берун рафт. Баъди чанд вақт падарат оҳиста ба ошхона омада, дарро пӯшид ва бо пушташ ба он такя кард.

‘Фоида надорад’, гуфт ӯ, ‘ман ҳозир аниқ медонам, ки Худо зидди ман аст. Як вақт ман ӯро дӯст медоштам, ҳозир ӯро бад мебинам. Ман ӯро аз хона, аз зиндагии худам ва аз зиндагии писарам берун мекунам. Ман бо ӯ ягон кор доштан намехоҳам. Ин хона лаънатзада аст.’

Баъд чизе бо ӯ шуд. Ӯ аз ҳуҷра ба ҳуҷра рафт ва ҳама оятҳое, ки бибикалонат дар онҷо кашол карда буд, аз девор канд. Агар як ҳуҷраро тарк мекард, шамол дарро чунон мепӯшид, ки тамоми хона меларзид. Баъд ӯ китоби Муқаддаси бибияшро гирифта, дар оташи калон бо дигар оятҳо сӯзонд. Вақте ки вай оташро даргиронд, худаш

ба хона рафта, моро дар берун танҳо монд. Шамол дарро аз пушташ зад, монанде ки Худо бо ин дар ҳақиқат барои ҳама вақт аз хона берун карда шуд.“

”Ва давомаш?“ пичиррос зад Франк.

”Шамол оташро ба тарафи оғил бурд ва агар мо намебудем ва оташро хомӯш намекардем, тамоми ҳавлиро оташ фурӯ мебурд.“

”Китоби Муқаддас дар ҳақиқат тамоман сӯхт?“

”Не, пурра не. Ман ба Адалберт гуфтам, ки онро ба оташи ошхона партояд, лекин ӯ гуфт, ки ӯ аз кампир эҳтиром дорад. Ин хел ӯ онро дар ягонҷо баҷо кард. Ман дигар намедонам дар куҷо ва ӯ ҳам инро фаромӯш кардааст.“

Франк хунук мехӯрд ва либосашро сахтар ба худ кашид; дар болои дарахти себ хеле хунук буд. Чӣ хел нисфирӯзӣ буд ва чӣ гуна ба охир расид! Бечора ҷаноб Михел! Ӯ нақл карданро дӯст медошт ва онҳоро чунон нақл мекард, ки шунавандагонаш бо сари ҷунбон аз мағоза мебаромаданд. Дар ин нисфирӯзӣ лекин хурсандии вай рафт. Вақте ки ӯ ба қуллаи нақлаш расид, аз саросемагӣ ду кексро якҷоя қӯрт кард. Аз чашмонаш ашк баромад ва рӯяш ранги сурхро гирифт. Ӯ бо сулфа ва акса ба хонааш, ки дар пушти мағоза буд, гурехт. Вақте ки Франк мағозаро тарк кард, ӯ сарашро ҷунбонд, лекин на аз тарс, балки аз ханда. Ӯ тамоми роҳ ба хона хандид.

Ноқуллай аз дарахти себ баромада, хандид, чунки чашмони ашкдори ҷаноб Михелро ба ёд овард. Лекин ӯ низ ба худ қасам дод: ӯ Китоби Муқаддасро мекобад, агарчӣ зиндагияшро бо ин сарф мекунад.

## Марди даҳшатнок аз ҷангал

Вақте ки Франк як нисфирӯзии хунук дарро аз пушти худ пушид, ӯро ҳиссиёти гармӣ пахш кард. Ӯ ба ошхонаи кӯҳна бо кафелҳои сурх, мизи пурқувват ва оташи калон  нигоҳ кард. Ин хонаи ӯ буд. Мумкин он аз берун безеб метофт, лекин дар дарун ӯ худро мисли дар хона ҳис мекард.

Базӯр ӯ курткаи боронии худро кашид ва онро овезонид. Дар назди курткаи худ, Франк курткаи резинии хола Ҳилдеро дид. Падараш ҳеҷ вақт дар бораи ин гап намезад, лекин онҳо ин курткаро ҳеҷ вақт нагирифтанд. Ҳама вақт, вақте ки онҳо ин курткаро медиданд, онҳо хурсанд мешуданд, ки хола Ҳилде дигар ҳеҷ вақт омада инро намепӯшад.

Хола Ҳилде (асосан ӯ холаи ҳақиқати ягон кас набуд) баъд аз вафоти модари Франк  хонаро дар зери дасти худ гирифт. Франк, падараш ва хона аз ин ҳеҷ вақт набаромаданд. Аз саҳари барвақт то бегаҳ ӯ ҳама чизро ва ҳамаро тоза макард. Дар он вақт онҳо дар ҳама ҳуҷраҳои хона зиндагӣ мекарданд – ба ғайр аз ошхона. Ба он онҳо намедаромаданд, он ҷои шахсии хола Ҳилде буд, ки дар он хӯрокҳои аҷоибро тайёр  мекард ва либосҳоро пеш аз чиркин буданаш мешуст.

Франк ҳиссиёти безеброро ба ёд овард, ки дар ӯ буд, ҳангоме ки ӯ курткаю мӯзаашро баъд аз мактаб бо ёрии хола мекашид.

“Ман мумкин боқувват набошам”, дар миёни дандонҳояш гуфта буд Франк, “лекин ман сустак нестам!”

Инро падараш шунид, ва яке дар ин марди ором чизе шуд. Ӯ бо мушташ ба миз зад ва ба Хола Ҳилде гуфт: “Ту ана ҳаминро мекунӣ! Ту аз писари ман маъюби бекор мекунӣ ва аз хонаи ман як... як... осорхонаи тозагӣ.” Ва ӯ бисёр чизи дигарро мегуфт, ки Франк кайҳо гуфтанӣ буд.

Баъд аз он ки ӯ аз сӯи қасд хӯроки бемаззаро пухт, бегоҳӣ  аз хона рафт.

Франк сар кард, косаю табақро ба рӯи миз мондан. Ӯ дасти сиҳати ростро истифода бурд, то бекор будани дасти чапро пӯшонад. Чӣ қадар зиндагӣ баъд аз ин хуб шуд! Ӯ ва падараш ҳама ҳуҷраҳоро дар хона маҳкам карда, дар ошхона ва ду хонаи боло зиндагӣ мекарданд.

Франк сатилро бо об пур карда, онро ба болои оташ монд. Хола Ҳилде ба ӯ ин хел кор карданро намемонд. Чӣ хел ҳиссиёти нағз буд, чун мард, на чун кӯдак ҳисоб ёфтан! Ӯ ба назди печка хам шуда, ба даруни он чашм андохт. Аз хурсандӣ қариб ба қафо афтид. Хонума Фурман котлетҳои бамаззаро пӯхт. Ҳар нисфирӯзӣ хонума Фурман

меомад. Ӯ фарбеҳ буд ва нӯҳ кӯдак дошту ягон дандон не. Тозакуниро бад медид, лекин ҳар рӯз барои онҳо хӯроки бамаззаи бегоҳиро тайёр мекард.

Ногаҳон овози дарро шунид ва падараш бо ду саги калонашон ба ошхона даромаданд. Онҳо ҳама хеле гушна буданд ва каме дертар онҳо боиштиҳо хӯрокро мехӯрданд. Франк ва падараш танҳо чизи даркорири бо якдигар гап мезаданд; онҳо аз будани якдигар ҳаловат мебурданд – гапзадан кори занакҳо аст. Хушҳолона ягон зан дар хона набуд, ки оромии мардонро бо гапҳои беҳуда, мисли дастҳоро хушрӯ ба рӯи миз мон, халал расонад. Лекин бадҳолона ягон зан барои косаю табақшӯи ҳам набуд. Лекин ин тез иҷро мешуд. Падар дар як тарафи миз нишаста, ҳисоботи деҳқонӣ мекард, Франк бошад дар дигар тарафи миз нишаста, вазифаҳои хонагияшро иҷро мекард. Сагҳо дар назди оташдон нишаста, дам мегирифтанд. Мавҷҳои оташ девори ошхонаро ба ранги сурх табдил медоданд.

Мактаб чизи нағз мебуд, агар саҳни мактаб вуҷуд намедошт, саҳар ҳамгоми ба мактабравӣ дар ҷангал фикр кард Франк. Барои ба мактаб расидан, ӯ бояд аз ҷангал гузарад. Вақте ки ҳама талабагон якҷоя дар синфхона паси мизҳо менишастанд, дар байни онҳо фарқ вуҷуд надошт. Лекин агар дар танаффуси нисфирӯзӣ як кас пешниҳод мекард: “Биёед, бозӣ мекунем!”, ҳама як хел набуданд. Ба Франк маъқул набуд, ки дар он вақт ӯ аз майдони бозӣ рӯ бояд гардонад ва ба кунҷи мактаб равад.

Ҳеҷ гап не, фикр кард ӯ, пагоҳ Шанбе аст.

Ногаҳон аз буттае, ки дар наздикии он буд, овоз баромад. Бо як ҳаракат худро тоб дода, ба пушташ нигоҳ кард. Мири мушон аз наздаш гузашта, нопадид шуд; баъд ҳамааш боз ором монд. Бо роҳи ҷангал ба мактаб рафтан хеле шавқовар буд. Ҳеҷ вақт маълум набуд, ки пас аз дарахтон чӣ мавҷудот пайдо мешавад.

Ҷангал хеле калон буд ва масоҳати чандин гектарро дошт. Соҳиби он номаълум буд. Ин рози калон буд ва танҳо як мард, ки ба ҷангал нигоҳ макард, медонист, ки соҳиби он кӣ аст. Франк ҷангалро акнун

тарк кард ва ба деҳа наздик шуд. Ӯ мағозаи Михелро, мактаб ва саҳни сабзи онро, майдони голфро ва ҷамоатгоҳро дида метавонист.

Роҳ дар инҷо ба ҷарӣ мерафт ва Франк танҳо оҳиста пеш меомад. Ӯ қариб ба поён расид, ки аз боло овози баланд омад, мисле ки подаи гов бесоҳиб шуда, медавид. Сангҳо ба ҳар тараф меафтиданд ва парранда тарсида аз ҷояшон мепариданд. Аз онҷо бо суръати тез писари калон пайдо мешуд. Пойафзоли калони ӯ овоз мебароварданд ва сумкаи мактабии ӯ ҳамчун байрақ аз пушташ мепарид. Дар назди Франк ӯ манъ карда хандид:

“Ман фикр кардам, ки боз ба мактаб дер мондам”, чуқур нафас кашида гуфт ӯ. “Ман нисфи шаб бедор буда, дар оғил будам. Барраи мо баррачаҳо кард.”

Роберт ба касби деҳқонӣ хеле шавқ дошт ва қариб дар бораи чизи дигар гап задан наметавонист.  Ӯ онро чунон дӯст медошт, ки шабҳо бо ягон китоб дар бораи деҳқонӣ хоб мерафт.

“Агар ман мисли Роберт боқувват мебудам”, фикр мекард Франк, вақте ки якҷоя роҳ мерафтанд, “баъд падарам аз ман фахр мекард.”

Шодона Роберт дар бораи дугоники барраашон гап мезад. Онҳо акнун ба меҳмонхонаи голф расиданд, дар онҷо Ҳорст онҳоро интизор буд. Падараш соҳиби он меҳмонхонаи хурд буд. Лекин агар Ҳорст гап мезад, тассавур карда мешуд, ки ӯ дар ягон меҳмонхонаи бузурги пойтахт зиндагӣ мекард. Вале ӯ танҳо дар он хонаи хурд зиндагӣ мекард,  ки одамон бояд дар он хӯрокҳои модарашро ва “нақлҳои хандоварӣ”-и бешавқи падарашро тоқат кунанд.

Дар ин саҳар Ҳорст курткаи нав пӯшида буд. Ӯ ҳангоми интизор шуданаш, онро чандбор рост кард, то он ба ҳама маълум шавад.

“Салом, ҳардуи шумо”, гуфт ӯ, ба мисле ки подшоҳ ба ду хизматгоронаш салом мегӯяд. “Шумо медонед, ки ман пагоҳ саҳар чӣ кор мекунам?”

“Наҳорӣ мехӯрӣ?” Франк бо овози нохуш гуфт.

Ҳорст ба ӯ бо рӯи турш нигоҳ кард.

“Албатта баъд аз наҳорӣ. Ман ба Барон фан Колбен дар бозии голф ёрӣ мерасонам. Ба ӯ гуфтанд, ки ман беҳтарин ёрдамчӣ дар ин маҳала

ҳастам. Ӯ дар меҳмонхонаи мо зиндагӣ мекунад.” Ӯ инро чунон гуфт, ба монанде ки ба хонаи онҳо ҳар рӯз чунон одамони баланд меомаданд.

Дар давоми роҳ Роберт аз як тарафи Франк дар бораи барраҳояш гап мезад ва аз дигар тарафаш Ҳорст чаққонии худро таъриф мекард. Дар мобайни онҳо Франк мерафт ва орзу мекард, ки худро чунон хурд ҳис намекард.

Дарси охирон барои синфи болоӣ таърих буд. Мактаб аз бистуҳашт талабагон ва як муаллима иборат буд. Онҳо ҳама каса дар як синфхона менишастанд, лекин ҳар синф як қатор барои худаш дошт. Франк дар қатори синфҳои болоӣ бо Роберт, Ҳорст ва дигарон менишаст. Онҳо бисёр меомӯхтанд, муаллима Клаар ба онҳо гуфт буд: “Ман мехоҳам, ки шумо ҳама ба мактаби болоӣ гузаред”.

Ҳар вақт, вақте ки ӯ инро мегуфт, Франк медид, чӣ хел ӯ бо чашмони нофорамаш ба Себастиан чашм медӯхт. Франк дар назди Себастиан нишаста буд ва мисли дигарон ӯро ҳамчун камақл медид, лекин аз дигар тараф ӯро дӯст медошт. Себастиан гӯшҳои калон дошт ва шимҳояш доим як-ду размер калон буданд. Ӯ бо даҳони кушода дар рӯй миз менишаст ва дар бораи ҳеҷ чиз фикр мекард. Роберт дар тарафи дигари Себастиан менишаст ва дар пушти китоби таърихаш нақшаи фикри наваш барои табобати барраҳо мекашид. Ногаҳон дар қатори охирин варақча аз Ҳорст омад. “Баъд аз дарс ба назди мағозаи Михел барои хӯрдани якмос биёед”, дар рӯяш нависта шуда буд. Акнун ягон кас дар охири ҳафта пул боқӣ намонда дошт. Лекин онҳо ҳама чизро, ки Ҳорст мегуфт, иҷро мекарданд. Барои зиндагии форам ин аз ҳама қуллайтар буд.

Ҳама аз синфи болои ба мағоза мерафтанд: Роберт, Себастиан, Франк, Ҳорст ва дугоникҳои Фергусон, духтарҳои нигаҳбони ҷангал. Дугоникҳо зоҳиран ба якдигар хеле монанд буданд, лекин феълан тамоман дигаргун. Модарашон онҳоро доим якхела мепӯшонид. Лекин Сибилле бо либосҳояш доим тоза ва ором метофт, вале Ҳайде шух.

Ҳайде аз ҳамааш, чӣ ки мекарданд, доим шод буд. “Биёед!” ба дигарон мегуфт. “Мумкин имрӯз ягон нақли шавқоварро шунида метавонем.”

Ӯ якум ба мағоза расид. Ӯ ду зинаро ба мағоза баромад ва ба он даромаданӣ шуд, ки ногаҳ дар ҷояш шах монд ва ба шишаҳои дар нигоҳ кард. Дигарон низ аз ҷояшон наҷунбиданд.

“Тез!” гуфт ӯ ба онҳо. “Пушти хона! Ин ҳамон даҳшатнок аз ҷангал аст. Ӯ ҳозир мебарояд.”

Ҳама дар пушти мағоза руст шуданд. Танҳо Франк он қадар тез набуд ва қариб бо он марди даҳшатнок якҷоя мезад. Одамон дар деҳа мегуфтанд, ки ин мард, марди безебтарину даҳшаттарин дар ҷаҳон аст.

Дигарон якҷоя истода он мардро нигоҳ карданд, ки чӣ гуна халтаро гирифта лангида-лангида аз деҳа дур мешуд.

Ҳайде чуқур нафас мекашид. “Вой дод! Ин даҳшат намебуд, агар бо ӯ танҳо дар ҷангал вомехӯрдӣ?” Бо дастони ларзон ҳама ба мағоза даромаданд.

“Шумо он мардро дидед?” пурсид мағозачӣ ҷаноб Михел ва дасташро ба яхдон дароз кард, то яхмосро барои Ҳорст барорад. “Ман доим метарсам, вақте ки ӯ ба мағозаи ман меояд. Мӯйи ман он гоҳ фақат мехезад.”

Аз сабабе ки Михел дигар мӯй дар сараш надошт, онҳо ба ӯ бовар намекарданд. Лекин онҳо ӯро бо чашми калон нигоҳ карданд, ҳангоме ӯ суханашро давом дод: “Ҳаннес Ламмерих, ҷангалбони пештара, дина дар ин ҷо буд ва ба ман нақл кард, ки ӯ дар ҷангал аз хонаи он мард – як вагон бо девор – гузашт. Медонед, ки ӯ чиро аз пушти девор шунид?”

“Чиро?” пичиррос заданд ҳама, ва Франк боварӣ дошт, ки мӯйҳои ӯ акнун рост меистоданд.

“Ҳа, медонед чиро ӯ дар пушти ин девори баланд мешунавид? Овозҳои даҳшатнок – занозанӣ, чирросзанӣ ва овозҳои аҷоиби дигар.”

“Шумо чӣ фикр мекунед, дар паси девор чӣ ҳаст?” пурсид Себастиан, ки гӯшҳояш аз ҳаяҷонӣ суп-сурх шуданд.

“Инро ҳеҷ кас гуфта наметавонад”, бо рӯи ҷиддӣ гуфт ҷаноб Михел, “чунки девор баланди бад аст. Лекин як чизро аниқ медонам – ӯ кори нағз намекунад. Як хешам дар вагзал кор мекунад ва ба ман гуфт, ки ин мард қуттиҳои хурди чӯбинро ба қатора мебарад. Онҳо бо қатора мераванд ба бад аз якчанд рӯз боз бармегарданд. Лекин ин қуттичаҳо дар куҷо буданд ва чиро дар бар мегиранд... инро ман тассавур кардан намехоҳам!”

Ин гуфтугӯ ҷаноб Михелро хаста кард ва ӯ худаш яхмосеро гирифта, онро хӯрд. Ӯ хеле дар фикр буд ва гурӯҳи ҷавонон ӯро тарк карданд.

“Оҳ Худо”, гуфт Ҳайде, вақте ки ба берун расиданд, “ман ҳамаашро медодам, агар дониста метавонистам, ки дар пушти ин девор чист.”

“Ман ҳам”, ба ӯ овоз дод Себастиан, “лекин ягонтаи мо ҷуърат намекард, ки танҳо ба онҷо чашм андозад.”

“Ҳа, инро ман ҳоло намедонам”, худро нишон дод Ҳорст. “Барои ман ин душворӣ намебуд: бо овози паст наздик шудан, зинапояро ба девор мондан ва дар як сония ҳамаашро медидам. Не, ман тамоман тарс намедоштам.”

“Барои чӣ ту инро пагоҳ намекунӣ?” пешниҳод кард Себастиан. “Мо ҳама бо ту мерафтем.”

“Ман... оҳ... ҳа, ман пагоҳ кор дорам. Ман бояд дар голфбозӣ ёрӣ расонам”, ҷавоб дод Ҳорст, шод аз он, ки баҳонае ба хотираш омад.

“Лекин ин танҳо саҳарӣ аст”, гап гардонд Роберт.

“Ман зинапоя ҳам надорам.” Ҳорст кӯшиш мекард, ки баҳона ёбад.

“Ин ҳеҷ гап не, мо яке аз зинапояҳои сабук дорем”, гуфт Роберт бо фахр. “Падарам албатта ба ин розӣ мешавад.”

Ҳорст донист, ки ӯро ба тангӣ оварданд.

“Хайр майлаш”, гуфт ӯ на он қадар шод, “лекин аз ман шикоят накунед, агар моро мекушанд ё мо аз ҳайвонҳои аҷоиб хӯрда мешавем.”

## Акнун туро дорам

Дар рӯзи дигар дар нисфирӯзӣ онҳо ба ҷангал рафтанд. Офтоби зимистона дар осмон медурахшид. Одатан Франк аз бозиҳои дигарон дур мешуд. Ӯ бад медид, вақте ки дигарон ӯро интизор мешуданд, ё ки ба ӯ кӯмак мерасонданд. Имрӯз лекин дар бораи ин фикр накард. Барои ин ӯ кунҷкоби бад буд.

Роберт зинапояро ва хӯроки нисфирӯзии ҳамаро мебурд. Ӯ чунон боқувват буд, ки ду баробари ин бардошта метавонист.

Онҳо ба торикии ҷангал даромаданд ва дере не, ки гирду атрофи онҳо дар оромӣ ғарқ шуд. ”Аз ҳама беҳтарин ин аст, агар мо он роҳро, ки аз кӯли ‘Безамин’ мегузарад, равем”, гуфт Ҳорст. Ӯ дар тоби нағз буд, чун ки Барон ба ӯ панҷ ва на се Марк (пули пештараи Германия) ёрдампулӣ дод. Барои ҳамин ӯ хост каме Себастианро тарсонад.

“Себастиан”, гуфт ӯ, “ту медонӣ ки дар ин кӯл чӣ аст?”

“Не”, ҷавоб дод Себастиан ва Ҳорстро бо даҳони воз нигоҳ кард.

“Ин маънои он дорад, ки падарат ба ту аз он хатар хабар надод?”

“Не, барои чӣ?”

“Набошад ту дар бораи деви бадҳайбат нашунидаӣ?”

Ҳамаи дигарон хандаро боз доштанд. Себастиани бечора ба ҳама чиз, ки ба ӯ нақл мекарданд бовар мекард.

“Гӯш кун, Себастиан”“, Ҳорст давом дод, “ту деви бадҳайбати Лох Нессро мешиносӣ? Хайр ҳамин, дар баробари ин дев танҳо мӯрча аст. Ба аз ҳама бадтарин: ин деви бадҳайбат одамонро зинда фурӯ мебарад.”

“ Шумо фикр намекунед, ки мо бояд дигар роҳро гирем?” тарсида гуфт Себастиан ва гӯшҳояш сурх шуданд.

“Мумкин беҳтар мебуд”, Ҳорст гуфт, “лекин барои он ки ман туро дӯст медорам, ман ба ту сирри ин деврo мегӯям. Ту танҳо бояд якбор ба ӯ хӯрок диҳӣ. Ӯ туро дар ёд мегирад ва тамоми умрат ту аз ӯ халос мешавӣ. Агар ман ба ҷои ту мебудам, ба ӯ хӯроки нисфирӯзиямро медодам.”

Дар рӯи Себастиан тарс пайдо шуд: “Лекин ман торти мевагӣ овардам”, гуфт ӯ бо овози гирён.

“Себастиани азиз”, гуфт Ҳорст бо рӯи ҷиддӣ, “як дона торт баробари зиндагият чист?”

Дар ин вақт онҳо ба кӯл расиданд. Ҳайде худро дар пушти дарахт баҷо кард, то хандаи ӯро дида нашавад. Роберт бошад сулфа мекард. Оҳиста Себастиан хӯроки нисфирӯзияшро гирифта, танҳо ба соҳили кӯл рафт. Овози ”платч“ шунида мешуд ва Себастиан бо рӯи озод боз баргашт.

“Ин хел аз ҳама беҳтар буд”, гуфт ӯ, “ман аз ту хеле миннатдорам, Ҳорст. Барои ҳамин хӯроки туро низ ба кӯл партофтам. Акнун он дев туро низ намехӯрад.”

“Ту чӣ кардӣ?” дод зад Ҳорст. Ӯ дар бораи хӯрокаш фикр кард: нон бо паниру бодринг.

“Ман ҳам нони туро партофтам, то ки ту ҳам аз ӯ бехатар бошӣ. Ту аз он шод нестӣ?”

Ҳорст ба тарафи ӯ давид ва агар аз болои зинапоя намеафтид, Себастиан ба назди хӯрокаш мепарид.

Ин хел лекин онҳо роҳро давом доданд ва Ҳорст биниашро молид, ки ҳангоми афтидан зада буд. Ҷангал доим ториктар ва тарсон мешуд.

“Нағзтараш мо бо овози паст гап мезанем”, пичиррос зад Ҳайде. “Ба қарибӣ мо мерасем.”

Дере не ва онҳо ба назди деворе, ки дар пушташ он мард зиндагӣ мекард, расиданд. Ҳеҷ кас намедонист, ки барои чӣ ҷангалбон ӯро дар онҷо зиндагӣ кардан мемонд. Ҷаноб Михел гуфт, ки ин шармандагӣ аст.

Беовоз онҳо ба девор наздик шуданд. Қариб беовоз – дар таги пойҳои Себастиан шохаҳо аз ҳама баланд мешикастанд. Лаҳзаи муҳим омад. Зинапоя ба девор монда шуд. Дили ҳама тез малаппид ва онҳо орзу мекарданд, ки ҳеҷ вақт ба инҳо намеомаданд.

“Акнун баро, Ҳорст”, пичиррос зад Себастиан.

“Оҳ”, бо овози паст гуфт Ҳорст. Забонаш қоқ буд, “ман ба шумо фаромӯш кардам, ки гӯям, ки духтур ба ман ба зинапоя баромаданро манъ карда буд. Ман касалии Верти-... мм... верти-кимчиро дорам.”

“Лекин дина ту тамоман сиҳат будӣ-ку?” Ҳейде пичиррос зад.

“Оҳ, ин яку якбора ин саҳар сар шуд”, гуфт Ҳорст ва кӯшиш кард, ки бемор тобад.

Бо китфҳои хамида онҳо дуртарак, ба таги сояи дарахтон рафтанд.

“Ҳайр, ман бисёр сахт метарсам“, иқрор шуд Роберт, ва дар кундаи дарахт нишаста буд.

“Себастианро роҳӣ кардан, фоида надорад”, тахмин кард Ҳорст. “Ӯ беақл аст. Ӯ баъд ба мо гуфтан наметавонад, ки чиро дар пушти девор дида буд.”

“Ман ба болои он зинапоя намебароям; ман куртаи нави худро бо ин чиркин мекунам”, ноз кард Сибилле.

“Ман меравам”, оромиро бурид Франк.

“Ту?”, ҳама якҷоя гуфтанд ва Франкро бо чашмони калон нигоҳ карданд. “Ту ба зинапоя баромадан метавонӣ?”

Ба ин Франк он қадар боварӣ надошт, лекин ӯ оромона ҷавоб дод: “Албатта” ва ба назди девор баргашт. Ӯ доим метарсид, ки ӯро мисли камқадр нигоҳ мекарданд. Акнун ӯ имконият дошт, ки набуданӣ инро исбот кунад.

“Танҳо дар ними роҳ руст монда, худро шарманда накунам”, тарсида фикр кард ӯ.

Вақте ки ба назди зинапоя расид, Себастиан онро дар даст дошт ва Франк якум қадамҳоро оҳиста кард. Зинапояро бо танҳо як почаи сиҳат баромадан осон нест, лекин дар охир ӯ дар боло буд. Почаи росташро ба болои девор гузошт. Ин тавр ӯ худро нағзтар дошта метавонист. Лекин пеш аз имконияти дидан, бадбахти ба воситаи Себастиан рӯй дод. Ӯ чунон дар ҳаяҷон буд, ки дар ҷояш рост истода наметавонист. Ӯ ҷаҳида, пояшро ба зинапоя зад. Зинапоя ба як тараф афтид ва Франк худро дар девор дошт. Овози боқаҳр аз поён омад. Франк дид, ки дӯстонаш ба ҷангал гурехтанд. Себастиан аз болои решаи дарахт афтида дод мезад.

Ногаҳон замин ба Франк наздик мешуд. Доим наздиктар мешуд ва ногаҳон ӯ бо китфаш онро расид. Ӯ оромона дар рӯи замин хоб буд.

Дар аввал ӯ надонист, ки оё ӯ мурда ё зинда аст. Ӯ худро ҳис мекард, ба монанде ки дар ҳавво парида истода аст. Яке ӯ нӯги почаи чиркинеро дид, ки кунҷковона аз пойафзол нигоҳ мекард. Дар рӯи ин пойафзол шими тамоман чиркин дида мешуд ва каме дертар рӯи одами безабтарин, ки Франк дида буд.

“Акнун туро дорам!” гуфт он мард бо овозе, ки мисли овози кабк буд.

Франк чуқур нафас кашид ва кӯшиш мекард, ки аз ҷояш хезад. Дарвозаи девор дар наздикии ӯ буд.

“Бахшиш барои ин халалрасонӣ”, гуфт ӯ. “Ман боз меравам.”

“Ту дар поят захмдор шудӣ”, гуфт он мард бе ягон дилсӯзӣ.

“Оҳ не”, кӯшиш кард Франк. “Ман бо ин таваллуд шудам.”

“Биё, ба аробаи ман даро ва бо ман як пиёла қаҳва нӯш.” Ин мисли фармон, на мисли савол тофт.

“Не раҳмат; ман бояд ба роҳ бароям.” Франк чӣ карданро надонист.

“Ман ба ту гуфтам, ки бо ман биё ва як пиёла қаҳва нӯш.”

Ин бор Франк гап нагардонд ва аз пушти мард ба аробаи ӯ рафт. Вақте ки Франкро баъдтар пурсиданд, ки дарунии ин ароба чӣ тавр буд, ӯ ҳеҷ чиз ба онҳо гуфта наметавонист. Ӯ танҳо медонист, ки дар нимторикӣ ҳама ҷо *ҷом*ҳо буданд. Дар болои миз, рафи китобҳо ва дар замин. Як хелҳо он калон дигарон хурд буданд.

Мард Франкро ба болои як харак нишонд ва ба бакали калон кофе резонд. Ӯ ба он шир андохт, пас аз он ба он шакар дохт. Дар охир онро бо як дандоншӯяк омехта кард.

Франк ӯро тамошо кард, мисле ки харгӯш рӯбоҳро тамошо мекунад. Оё одам чунон безеб шуда метавонад? Ин айби биниаш буд. Он қариб сиёҳ буд ва ба ҳар тарафи рӯй паҳн мешуд. Он пир танҳо се дандон дошт, ки ранги онҳо зард буданд. Ҳам дида намешуд, ки мӯй дар куҷо тамом мешуду риш аз куҷо сар мешуд.

“Ман безеб ҳастам, хайр не?” Овози он мард Франкро аз фикрҳояш бедор кард.

“Ман... ммҳ... ман фикр кардам...”, бо ҳиҷо гуфт ӯ.

“Барои ҳамин ман дар инҷо зиндагӣ мекунам, дур аз ҳама одамон. Ман тоқат карда наметавонам, вақте ки маро чунин тамошо мекунанд.” Дар фикр ӯ ба қаҳвааш нигоҳ кард. “Ман тамоми зиндагиям дар ҷангал кор мекардам – асосан дар Канада – ва кӯшиш мекардам, ки аз одамон гурезам. Пеш аз бист сол ман корро бас кардаму ба инҷо омадам. Ман то охири умрам мехоҳам аз дигарон бачо шавам, то ҳол чашм дӯхтани дигаронро тоқат намекунам.”

Барои як чанд вақт дилаш ба ин мард сӯхт ва ӯ тарсашро фаромӯш кард.

“Медонед, ман ҳам гоҳе худро чунон ҳис мекунам”, гуфт ӯ зиндадил. “Ман маъюб ҳастам.”

“Аҳ”, гуфт он мард ва хест, то бакалашро бо оби хунук шӯяд. Ногаҳон ӯ тоб хурда ба Франк нигоҳ кард ва бакали тарашро ба ҳаво бардошт.

“Бача!” дод зад ӯ, “ту бояд ҳеҷ вақт аз одамон натарсӣ ё ту зиндагиятро вайрон мекунӣ. Ту ба иҷозат ба майдони ман омадӣ ва акнун бояд маро гӯш кунӣ.” Франк дигар илоҷ надошт. Бакал танҳо панҷ сантиметр назди бинияш малаппид.

“Барои одамон ҷанг кардан беҳтарин ҳимоя аст”, гуфт марди пир. “Агар ту аз худат шарм

*Ҷом* – медал,

мекунӣ, дон ки дигарон бо пусти худашон ҳам розӣ нестанд. Мумкин онҳо фарбеҳ ҳастанд, ё ки чашмони онҳо соз нест, ё онҳо хеле доно нестанд, ё ки мисли ман бинӣ доранд.” Овози ӯ доим баландтар мешуд. “Ба онҳо рост ба рӯяшон нигоҳ кун ва дон, ки онҳо худро барои ягон чизи дигар бад ҳис мекунанд.”

Ногаҳон ӯ ба курсӣ нишаст ва дастоҳоро пеши чашмонаш дошт.

“Инро як кас ба ман гуфта буд ва ман кӯшиш мекардам, ки чунон рафтор кунам, лекин натавонистам. Инро ба ёд гир писарам, ё ту мисли ман марди пиру танҳо мешавӣ.”

Ӯ дастҳоро аз рӯяш гирифт ва аз Франк пурсид: “Ту яке аз чемпионҳои маро мехоҳӣ?”

Сари Франк чунон гаранг буд, ки ӯ чемпион шунида, чемпиони гӯштингро дар назар дошт. Ӯ дар худ фикр кард, ки падараш чӣ мегуфта бошад, агар ки ӯ бо чемпиони гӯштинг ба хона меояд.

“Биё”, фармон дод он марди пир, “ва ман ба ту ёдгорӣ ба ин рӯз медиҳам.”

Франк бо хандаи талхи дарунӣ аз пушти ӯ рафт. Ба ӯ ягон чизи ёдгорӣ лозим нест; ӯ низ рӯзи даҳшатро ҳеҷ вақт фароамӯш намекунад.

Онҳо аз хонаи аробагӣ баромада ба пушти он рафтанд. Барои вақти кӯтоҳ Франк хаёл мекард, ки ӯ дар шаҳри калон бо бисёр хонаҳои бисёрошинёна аст. Лекин баъд ӯ фаҳмид, ки ин хона не, балки қафасҳо ҳастанд. Онҳо дар тарафи девор ва дар як тарфаи ароба буданд. Дар мобайни онҳо роҳ вуҷуд дошт. Дар даруни ин қафасҳо хукҳои обӣ буданд. Яке калон, дигаре хурд. Онҳо ба сими қафас баромада, мардро салом аллейк мегуфтанд. Ҳар яке бо овози баланди худ.

“Инро Ҳаннеси пир шунида буд”, фикр кард Франк.

“Инҳо яке аз хукҳои обии машҳури мамлакат мебошанд”, мард бо фахр гуфт, “хукҳои обии оддӣ не. Ман онҳоро ба ҳар гуна мусобиқа дар ҳар ҷои мамлакат мебарам. Онҳо ҷомҳои нуқрагинро, ки дар хонаам ҳастанд, ғолиб карданд. Ман бо онҳо бисёртар ғолиб баромадам, назар ба дигар каси ин ҷаҳон.”

“Лекин онҳо чӣ гуна ба ҷои мусобиқа мерасанд, агар шумо онҳоро набаред?”

“Одамоне мисли ман ба ҳар ҷои мамлакат сафар кардан наметавонанд. Не, ман онҳоро ба қуттичаҳои чӯбин мемонам ва онҳоро ба воситаи қатора ба ҷои мусобиқа мебарам. Одамон аз онҷо онҳоро аз қатора мегиранд.”

“Лекин ин ба хукҳои обӣ халал намерасонад?”

“Не, тамоман не! Ба фикри ман ба онҳо ин ҳатто маъқул аст. Пеш аз сафарашон ман ба онҳо хӯроки дӯстоштаашонро медиҳам. Вақте ки бармегарданд – ва ғолиб мебароянд – онҳо шир бо тухм мехӯранд. Ба

фикрам онҳо аз худ фахр мекунанд. Онҳо худашон медонанд, ки чемпион ҳастанд.”

Меҳрубонона ӯ шаҳри хурди худро нигоҳ мекард. “Безеб будани ман ба онҳо фарқ надорад”, гуфт ӯ ва дарчаи қафаси калонро кушод. ”Ин аст ’Кайсар‘”. Бо фахр илова кард ӯ, “бобои тамоми насл. Ӯ себор чемпион гашт. Якбор ӯро нигар: сафед, ҷигарранг ва сиёҳ. Намуди пашмашро бин, он шаклҳоро ва бинии зебои ӯ бо ин гӯшҳо. Ӯ ягона аст, якка!”

Дигарон хукҳои обӣ низ монанд буданд, лекин ба Франк маълум буд, ки зеботарини онҳо ‘Кайсар’ аст.

“Ман албатта бисёр хукҳои обӣ дорам, лекин ман танҳо беҳтарини онҳоро интихоб мекунам. Дигаронро ба боғи ҳайвонот роҳӣ мекунам. Ман танҳо якчандто дорам, барои парвариш ва мусобиқаҳо. Як бор ба инҷо нигар!” Ӯ як қафасро бо шаш ҳайвончаҳои майда кушод. Онҳо аз муш калонтар набуданд.

“Он майдачаро мебинӣ, ки гӯшҳояшро мехорад? Ин як рӯз чемпион мешавад, лекин дигарон...” Онҳо роҳро давом доданд.

Ногаҳон Франк мебинад, ки ду чашми хоболуди ҷигариранг ӯро нигоҳ мекунанд. Биничаи сурх ӯро бӯй мекашид ва ӯ донист, ки дилашро дар он гум кардааст.

“Оҳ, номи ин чӣ аст?” пурсид ӯ.

“Ин Петер аст, набераи ‘Кайсар’; ӯ ҳафтаи гузашта аввалин ҷомро бурид. Ту онро гирифтан метавонӣ”

“Гирифтан?” Франк нобоварона такрор кард. “Аз ростӣ гирифтан?”

“Ман ба ту гуфта будам, ки ман ба ту барои ин рӯз ёдоварӣ медиҳам!” нохоҳона ҷавоб дод мард. “Ана, ту онро дар ин қафаси кӯҳна гирифта метавонӣ. Ба он ҳар рӯз каме сабӯс ва ҷав деҳ. Дар баҳор бошад бисёр сабза. Ту бо он шод мешавӣ.”

Вақте ки ӯ қафасро ба Франк медиҳад, мард мепурсад: ”Номат чист бачаам?“ Баъд аз он ки Франк номашро гуфт, танаффус шуд. Дар рӯи мард тарс пайдо шуд.

“Ту яке аз он Шаферҳо аз Швартсенеқ ҳастӣ?”, гуфт ӯ бо овози бегона. “набошад тез аз ин ҷо рав ва ҳеҷ гоҳ дигар ба наздикии ман

наой!" Дар лаҳзаи дигар Франк дар берун буд ва дарвоза аз пушташ бо овози баланд маҳкам шуд.

## Кашфиёти ҳаяҷон

"Биё, Петер; ман карами бомазза барои ту дорам."

Франк карамро ба назди симтур дошт ва Петер гурусна ба назди ӯ омад. Ӯ дар назди симтур хӯрда бо чашмонаш шукргӯён ба тарафи Франк нигоҳ кард. Дандононаш дар он вақт бе танаффус меҷунбиданд.

Ӯ ба қафаси худ тез одат кард. Франк ӯро ба анбори чӯбине, ки дер боз истифода набурда шуд, гузошт. Охирин модараш дар он аспи калони сиёҳи худро дошт. Ин пеш аз ёздаҳ сол буд, лекин то ҳол дар он афзоли асп, ки бӯи форами чарму асп мекунанд, нигоҳ дошта мешуд.

Франк дар болои сатиле, ки чаппа ба замин монда буд, менишаст ва Петерро ҳангоми хӯрокхӯрӣ нигоҳ мекард. Имрӯз рӯзи якшанбе буд ва ӯ дигар коре надошт. Рӯзи Шанбе барои ӯ пур аз ҳаяҷонӣ буд, лекин имрӯз аллакай ба нохушӣ табдил дода буд.

"Якшанбе чӣ гуна рӯзи дароз, хароб ва безеб аст", гуфт ӯ худ ба худ, "ва ҳозир боз ҳам борон боридан сар кард."

Якшанбеҳо барои Франк хеле дароз менамуданд ва дар ин якшанбеҳо ӯ ҳам хеле гӯшна мешуд. Хонума Фурман рӯзҳои шанбеву якшанбе ба хонаи онҳо намеомад ва падараш қариб тамоми рӯз дар каташ хоб буд. Танҳо нисфирӯзӣ аз ҷояш мехест, то ягон хӯрок гирад. Хӯроки доима дар нисфирӯзӣ лӯбиёи чӯшомада ва бегоҳиҳо нони хушк бо мураббо буд.

Ҳа, якшанбе рӯзи дарозу гушна буд.

"Ҳамаи дигарон ҳозир дар дарси якшанбегӣ ҳастанд", фикр кард Франк. "Ин хушҳолон дар бораи Худо мешунаванд!" Як оҳ кашида, ҷумларо ба охир расонд.

Худо барои Франк як чизи махфӣ буд, чунки ӯ ҳеҷ вақт имконият надошт, ки дар бораи ӯ чизе фаҳмад. Ӯ ҳоло дар ёд дошт, ки падар ба

хола Ҳилде чӣ гуфта буд: “Як чиро ба хотир гир, Ҳилде! Ман намехоҳам, ки ягон чиро дар бораи Худо ба писарам нақл кунӣ.”

Дар хурдӣ Франк мехост, ки ба мактаб равад, то дар онҷо каме дар бораи Худо шунавад. Лекин дар якум рӯзи хониш падараш ӯро ба мактаб бурд ва бо муаллимаяш гап зад. Муаллимаи ӯ низ бо падараш дар мавзӯи Худо ҳамфикр буд. Барои ҳамин Франк ҳар саҳар, вақте ки ҳамсинфонаш дар синф нишаста аз Китоби Муқаддас мехонанд, бояд дар долон нишаста, китоби дигареро хонад. Чӣ қадаре, ки ҳам кӯшиш мекард, ӯ калимаҳоеро, ки дар дарун гап зада мешуданд, намефаҳмид.

Бо мурури вақт шавқаш ба Худо бисёр мешуд ва рӯзе ӯ аз Адалберт пирсида буд: “Худо чиз аст ё кас?”

Адалберт сари калашр хорида, гуфт, ки ӯ инро аниқ гуфта наметавонад. “Лекин”, илова кард ӯ, “як хелҳои одамон дар инҷо мегӯянд, ки қаҳри Худованд ба падарат меояд, чунки ӯ ба ту ҳеҷ чиз дар бораи Худо нақл намекунад.” Адалбарт чаппа кардани суханро дӯст медошт: “Лекин агар ман ҳозир ба ту бисёртар нақл кунам, қаҳри падарат ба тарафи ман меояд. Барои ҳамин рав ва дар бораи дигар чиз фикр кун.”

Франк кӯшиш кард, ки дар бораи дигар чиз фикр кунад, лекин ин чизе бо номи “Худо” ӯро ҷалб мекард. Рӯзе ӯ ба Дифлинген – шаҳри наздиктарин – рафт ва дар библиотека китобҳоро нигоҳ кард. Дар онҷо бисёр дар бораи бостоншиносӣ, қиомате дар бораи саънати сабадсозӣ, лекин дар бораи Худо ҳеҷ чиз нахонд. Рӯза ӯ ҳама қувваташро ҷамъ карда, Сибиллеро пурсид. Сибилле ӯро танҳо аз боло нигоҳ кард ва гуфт: “Франк, агар ту ҳатто инро намедонӣ, ман ба ту ҳам ҳеҷ чиз дигар намегӯям.”

Вақте ки ӯ Ҳайдеро пурсид, аҳволаш ҳам дигар нашуд. Ҳайде танҳо хандид.

Баъди ин ҳодиса ӯ дигар ҳеҷ касро напурсид. Лекин ӯ як нисфирӯзӣ ба назди хонаи шӯбони калисои он деҳа рафт. Лекин шӯбон хеле пир ва гӯшҳояш хеле кар буданд. Франк шарм дошт аз ӯ чизе пурсад, чунки ӯ мебоист назди гӯшҳояш дод занад. Барои ҳамин ҳам ӯ ба хона

баргашт. Акнун ӯ, писари ёздаҳсола, ҳоло ҳам бо кунҷковӣ азоб мекашид.

Ҳавво хеле сард буд. “Ба фикрам, ман нағзтараш ба хона меравам”, гуфт ӯ ба Петер, ки худро ҳамчун тӯбча кард ва ба ӯ дигар аҳамият намедод. “Ҳайр, хоби хуш”, бо овози паст гуфт Франк. Ӯ аз рафтори Петер пушаймон буд, лекин Петер ба ӯ нигоҳ накарда боз худро сахтар мепечонид.

Хунук хӯрда, Франк ба тарафи хона шитобид. Ӯ зидди шамоли хунук, ки аз баландӣ меомад, меҷангид. Вақте ки аз хонае, ки дар он ҳезумро зағира мекарданд, гузашт, ба ёдаш омад, ки падараш ба ӯ гуфта буд, ки ҳезум ба хона биёрад. Ӯ тез ба он хонача даромад ва гирду атрофи ӯ бо бӯи чӯб пур шуд.

Вақте ки тоби Адалберт бад буд, ӯ ҳезум мекафонд. Барои ҳамин ҳам ҳезумхона одатан пур аз ҳезум буд. Лекин аз он вақте ки падари Франк маоши ӯро баланд кард, тобаш доим нағз буд. Аз он сабаб ҳезумхона қарибе ки холӣ буд.

Франк дар тамоми хона ҳезуми майдаро мечинд. Ногаҳон ӯ чизеро дид, ки ба ҳезум монандӣ надошт. Ӯ худро хам кард ва аз онҷо линчаи кӯҳнаро, ки дар дохилаш чизи чоркунҷаро дошт, баровард.

“Ин як намуди қуттӣ аст!” пичиррос зад ӯ. Нафасаш кӯтоҳ мерафт. “Мумкин ин ганҷи пинҳонӣ аст ва мо метавонем ба ҷойҳои дур сафар кунем ва ё ба худ мошини қиммат харем.”

Линчаро бо тамоми қувваташ кашид, лекин он аллакай шах шуда, кӯҳна буд. ” Дар инҷо чӣ бошад? Он хеле вазнин аст – мумкин дар он тангаи тиллоӣ ҳастанд ё сангҳои қимматбаҳо.“ Дар охир линча дарид ва дохили вазнини он ба замин афтид.

Аввал Франк хеле пушаймон буд. “Ин танҳо китоби нимсӯхтаи кӯҳна аст”, гуфт ӯ ба худаш. “Лекин дар куҷо ман инро дидагӣ будам?” Яке пушаймонии Франк ба хурсандӣ табдил ёфт. Ӯ ганҷу мошинро фаромӯш кард, ӯ гуруснагию хунукиро фаромӯш кард; ӯ он чиро, ки чандин моҳҳо мекофт, ёфт – он китобро, ки падараш бад медид ва аз он рӯзи даҳшатӣ дар инҷо хобидааст. Намуди китоб хеле безеб шуда буд, лекин Франк онро аз рӯи сурати меҳмонхона шинохт. Он

рӯйпуши металлӣ ва дигар – ин бешӯбҳа китоби Муқаддаси бибикалонаш буд, ки онро ҳама гумкарда фикр мекарданд.

Як дақиқаи пурра ӯ онро нигарист. Ҳозир, вақте ки ӯро ёфтааст, ӯ метарсид ки онро кушояд. Мумкин он яке нест мешавад... Лекин баъд ӯ оҳиста муқоваи сиёҳи китобро кушод, ва якум як суратро дид. Он як сурати бибикалонаш буд, ки боэҳтиётона ба китоб часпонда шуд. Бибикалонаш дар он духтари ҷавон бо мӯи дарози сиёҳ буд. Дар таги он номи ӯ навистагӣ буд. Ғайр аз ин дар ин саҳифа боз чизи аҷоибе навишта шуда буд:

*“Яъқуб 4, ояти8*
*Ба Худо наздик шавед, ва ӯ*
*ба шумо наздик хоҳад шуд.”*

Ин чӣ маъно дорад? “Яъқуб 4, ояти 8?” Ин ба ҳар ҳол хеле аҷоиб буд. Лекин аз дигар ҷумлааш: “Ба Худо наздик шавед, ва ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд”, чизе фаҳмидан мумкин мешуд. Ин маънои онро дорад, ки мо танҳо бояд пеши Худо биёем, то ӯро шиносем ва ӯ худаш ба назди мо меояд. Вақте ки ӯ меояд ин маънои он дорад, ки ӯ кас аст, яъне як шахс.

Ҳиссиёти хурсандӣ дар ӯ ҷорӣ мешуд. “Акнун”, гуфт ӯ ба худ, “ман ҳама чизро, ки дар бораи Худо донистан мехоҳам, метавонам хонам.” Бо дастони ларзон ӯ китобро варақ мезад. Як хел варақҳо чунон сӯхта буданд, ки онҳоро хонда намешуд, лекин дигарон низ буд, ки бе камбудӣ буданд. Франк аз ҷояш хест ва китобро оғӯш кард. Ӯ мехост ки хандад ва гиря кунад ва дод занад ва суруд хонад, ҳамааш дар як вақт.

“Ман онро ба назди Петер мебарам”, гуфт ӯ, “ва ҳар як калимаро, ки хонда мешавад, мехонам, то ҳамаи ҳамаашро донам.”

Акнун дигар танҳо шавқмандӣ набуд. Мисле ки қуввати ноаён ӯро дошта, мехост, ки ӯ ҳамаи инро донад.

Ӯ дар болои сатили кӯҳна нишаста, китобро кушод. Калимаҳое, ки бо ҳарфҳои калон навишта шудаанд, ба тарафи ӯ нигоҳ мекарданд:

“Дар ибтидо Худо осмон ва заминро офарид.”

Дар фикраш ӯ инро тассавур мекард. Ӯ доим, вақте ки чизеро мехонд, онро дар хаёлаш бо суратҳо медид. Ин тавр ҳозир низ ин ҳодиса дар назди чашмонаш рӯй медод. Ӯ дида метавонист, ки Худо чӣ тавр аз лой кура карда, онро ба кайҳон партофт. Ӯ дид, ки Худо чӣ тавр қитъаҳою уқёнусҳоро дар он мекашид, мисли ки Франк онҳоро дар дарси ҷуғрофия мекард. Баъд ӯ тассавур кард, ки чӣ тавр алаф мерӯид ва паррандаҳову моҳиҳо омаданд. Ва дар охир одамонро .

“Ваҳ!” гуфт Франк ва чашмонаш аз ҳайрат давраи калон шуданд. “Худа бояд дар ҳақиқат ҳам хеле бузург бошад! Барои чӣ бибикалонам навиштаанд, ки мо бояд ба ӯ наздик шавем? Ман ҳеҷ вақт ба касе, ки чунон бузург аст, наздик шуда наметавонам. Ӯ ба фикрам вуҷуд доштани маро намедонад.”

Ӯ давомро мехонд ва аз ҳаяҷонӣ қарибе, ки саҳифаҳоро гардонда наметавонист. Вақте ки ӯ ба ҷое расид, ки мор Ҳаворо ба васваса овард, ӯ мехост ки Ҳаворо аз гирифтани мева боздорад. Лекин дар ин вақт ӯ шунид, ки падараш ӯро ба хӯроки бегоҳи фарёд кард.

Ӯ китобро ба таги сатил монду ба хона даромад. ӯ бегоҳии нооромро гузаронд. Кошкӣ падараш ӯро барои ноором буданаш напурсад! Лекин шодона падараш бо хондани рӯзнома машғул буд ва ба ӯ аҳамият надод.

Вақте ки Франк наҳорияшро хӯрд, ӯ ба назди хуки обиаш рафт. Баъде ки Петерро хӯронд ӯ давоми китобро хонд. Вақте ки ӯ ба ҷое расид, ки Одам ва Ҳаво аз биҳишт берун карда шудаанд, ӯ фаҳмид, ки ба мактаб дер мекунад.

Ӯ чӣ қадаре, ки як почаи ланг иҷозат медод, дар роҳ давид. Ӯ араққарда ва бенафас ба мактаб расид.

“О не!” гуфт ӯ, вақте ки аз дарун овози зарбкунии талабаҳоро мешунавид. “Ман дер кардам; онҳо аллакай дар дарси математика ҳастанд!” Ӯ дарро кушода, ба синф даромад.

Асосан талабаҳо ба деркунанда як чашм андохта, корро давом медиҳанд. Лекин имрӯз рӯзи даҳшатӣ буд. Яку якбора синфхона ором шуд. Ҳама саронро ба тарафи ӯ кард, ӯро нигоҳ карданд. Қаламу

китобҳо ба замин афтиданд ва аз як талабаи хурд тахтачаи математикӣ афтид.

“Хайр”, гуфт муаллима ва айнакашро гирифт, “баъде ки ман ҳикояро аз рӯзи шанбе фаҳмидам, ман фикр накардам, ки ту имрӯз ба мактаб меоӣ.”

Дигарон боз вазифаҳояшонро давом доданд, лекин гоҳе ба тарафи ӯ чашм дохтанд. Ӯ қаҳрамон барои инҳо буд. Ҳайде дертарак ба ӯ нақл кард, ки Ҳорст ҳамчун қаҳрамон мегашт ва нақл мекард, ки вақте ки Франк аз девор афтид, ӯ – Ҳорст  - албатта қаҳрамонона ба назди он хона рафт. Лекин ӯ чунон овозҳои заданро шунид, ки боз баргашт. “Ман албатта медонистам, ки ин гап рост нест, лекин дигарон ба ӯ бовар мекарданд”, хандида гуфт Ҳайде.

Вақте ки занг барои танаффус шуд, дар гирди Франк кӯдакҳо ҷамъ шуданд. Тамоми талабагон ба назди ӯ омада, ҳама якбора гап мезаданд ва ба ӯ савол медоданд. Ӯ ба ин боварӣ надошт, ки онҳо бо “Франки хӯрдакак”, ки асосан танҳо меистод, гап мезананд. Ӯ худро мисли Ҳорст ҳис мекард, вақте ки ҳодисаро нақл кард. Ҳама хап буда, бо даҳони воз ӯро гӯш мекарданд. Ҳама – ба ғайр аз духтараки хурдакаки Хонума Фурман. Ӯ доим мегуфт: “Оҳ Франк, ту чӣ қадар далер ҳастӣ! Оҳ чӣ қадар далер!”

“Ва баъд маро маҷбур кард, ки аз бакали кӯҳна қаҳва нӯшам”, давом дод Франк ва ба ӯ нақлкунӣ хеле писанд омад.

“Дар он заҳр буд?” гапашро бурид Себастиан.

“Албатта не, бекалла, агар не ӯ ҳозир мурда мебуд”, хандида гуфт Ҳорст.

“Хайр баъд Ӯ ба ман нақл кард, ки...” Дар инҷо Франк ист кард. Не, нағзтараш инро ба онҳо ҳикоя накунад. Онҳо ӯро партофтанд-ку, вақте ки дар душворӣ буд.

“Ӯ ба ман бисёр чизҳои шавқоварро гуфт, лекин ин дар байни ману ӯ роз аст”, гарчӣ дигарон ба ӯ савол медоданд, аз ӯ дигар ҳеҷ чиз намешуниданд.

Дар ин рӯз ӯ писари дӯстдоштаи мактаб буд. Роберт ба ӯ шоколад тӯҳфа кард, ва Сибилле ӯро ҳамчун қаҳрамон дигоҳ мекард, мисли ки

Ҳорстро нигоҳ мекард. Ҳатто Ҳорст дӯстона ба китфонаш зада, гуфт: “Ман боварӣ надоштам, ки ту ба зинапоя баромада метавонӣ. Ман туро каси хӯрдакаку нодан фикр кардам.”

Себастиани бечора худро айбдор фикр мекард ва ду шаб хоб карда натавонист. Дар саҳари дигар мӯйҳои ӯ ба монанди хорпуштак менамуданд.

Чӣ тавре ки ҳам бошад: ин рӯзи беҳтарин буд, ки Франк дар мактаб гузаронида буд. “Лекин”, фикр кард ӯ, вақте ки дар назди мизаш нишаста, дар бораи розаш фикр мекард, “агар медонистанд, ки ман дина чиро ёфтам! Дар он вақт онҳо ҳатто хукҳои обиро оддӣ мегуфтанд.”

Дар нисфирӯзи чунон бисёр кӯдакон ба хонаи ӯ омаданд, то ки Петрро бинанд, ки Франк вақт барои хондани Китоби Муқаддас наёфт.

Дар мурури замон мактаб боз ба ҳолати пешина баргашт ва Франк мисли пеш дар кунҷи майдони мактаб танҳо менишаст. Ӯ кӯшиш мекард, ки ба маслиҳати марди пир гӯш диҳад. Ӯ рост ба чашмони одамон нигоҳ мекард ва ба чӣ фикр кунии онҳо аҳамият намедод. Лекин ҳолати ӯ мисли аз они он мард буд ва дере не, ки ӯ кӯшишкуниро бас кард.

Барои ӯ аз ҳама душвор дарси варзиш буд. Ӯ худро нодаркор ҳис мекард, чунки ба монанди дигарон давида наметавонист. Бародари муаллима дар се нисфирӯзии ҳафта омада, онҳоро то мондашавӣ медавонд. Асосан касби ӯ артист буд, лекин ӯ дарс диҳиро дӯст медошт ва ба мактаб меомад. Ӯ овози баланди меҳрубон дошт. Ғайр аз ин ӯ камонзаниро чунон дӯст медошт, ки ба ҳама онро ёд дод ва дигарон низ инро дӯст медоштанд. Франк танҳо нишаста нигоҳ мекард, ки дигарон чӣ тавр тирҳоро рост ба мақсад мапаронданд. Кошкӣ ӯ чизеро карда метавонист!

Дар ин рӯзҳо ӯ асосан дар синфхона нишаста, кӯшиш мекард, ки китоб хонад. Ӯ чунон худро бад медид, ки онро ба синфхона партофтан мехост. Танҳо фикри китобе, ки дар таги сатил буд, ӯро аз ин кор боз дошт. Ҳар рӯз ба хона шитоб кард, то онро давом диҳад.

“Писар”, фикр кард ӯ, вақте ки ҳикояи Иброҳимро мехонд, “тассавур кун, ки ӯ чӣ тавр бо Худо гап мезад ва ҳатто аз ӯ дӯсти ман номида мешуд. Ба фикри ман дар замони ҳозира ҳеҷ кас ин тавр бо ӯ гап зада наметавонад.”

## Бастӣ

Бо Петер чизе дуруст набуд. Ин рӯзи якуми таҳтили баҳорӣ буд ва Франк ғамхорона дар назди қафаси Петер нишаст буд. Аллакай ду рӯз шуд, ки Петер чизеро нахӯрд ва имрӯз ӯ бо чашмони ғамгинона ба назди Франк нигоҳ мекард.

“Бечора”, гуфт Франк ва сари онро молид. “Ман ба назди Адалберт меравам ва ӯро мепурсам. Ӯ ҳама чизро дар бораи ҳайвонот медонад.”

Адалберт дар машғули оғилтозакунӣ буд. Он оғили буқае буд, ки ӯро падару Франк хеле ҳурмат мекарданд. Лекин бо Адалберт ӯ дӯст буд ва онҳо якдигарро хуб мефаҳмиданд.

“Адалберт”, фарёд зад Франк аз як тарафи бехатарӣ, “бо хуки обии ман чизе хато аст.”

Рӯи аз офтоб сӯхтаи Адалберт дар пушти буқа пайдо шуд. “Ҳа, асалакам”, гуфт ӯ бо овози хирриаш, “ман ҳозир ӯро мебинам.” Ӯ буқаро ба яктараф тела дод, мисле ки он як сагча бошад. Пас аз пушти Франк рафта, дастҳояшро дар шимҳояш тоза кард.

Ӯ Петерро нигоҳ карда, ҳуштак кашид. Баъд гуфт: “Ин бачача рафиқ мехоҳад. Ба ӯ духтарча лозим аст. Ман ин ҳайвонҳои ғамгинро хуб мешиносам. Агар ман ба ҷои ту мебудам, ба мағозаи ҳайвонот рафта, духтарачаи хӯшрӯчаро барояш мехаридам.”

Мошин дар роҳ мерафт. Франк аз ҳаяҷонӣ рост дар ҷои пеш дар назди падараш нишаст. Дар зонуяш қуттие бо сабзӣ буд. Дар кисааш ҳама пул, ки ӯ дошт – се марк ва сиюҳафт пфенниг – буд. Ҷамъкардаи тамоми умри кӯдакияш.

“Хуки обии сафед чӣ гуна бошад?” фикр кард ӯ. “Ё ба Петер бисёртар сиёҳ маъқул мешавад? Ба ҳар ҳол бояд арӯси чемпион зебо бошад.”

Ӯ қариб ин роҳи дурро тоқат намекард. Барои чӣ ин мошин тезтар намеравад? Ӯ ба сӯи падараш чашм дӯхт. Чӣ тавр падараш метавонад, ба зидди ин Худои бузург гап занад? Ба ҳар ҳол ин ӯро хушбахт накард. Орҷинҳо рӯяшро пур карданд. Ва ӯ доим ғамгин метофт, ҳатто ҳангоми хандидан.

Дар охир мошин ба шаҳраки майда омада, расид. Вақте ки падар мошинро монда, ба тарафи бозори ҳайвонҳо рафт, Франк ба кофтуковӣ мағозаи зоологӣ рафт. Ӯ хеле вақтро сарф кард, то дар охир ба назди хонаи нимшикаста расид. Аз тереза ӯ харгӯши безебро дид. Лекин аз дигар тарафи тереза қафаси калоне дид, ки дар он бисёр хукчаҳои обӣ барои хӯрок ҷанг мекарданд.

Франк ба мағоза даромада, дар он мардеро дид, ки барои сагҳо хӯрок тайёр мекард. Ӯ ба Франк аҳамият намедод ва Франк ба назди қафас рафта, ба он чашм дӯхт. Дарав хукҳои обӣ аз хӯрок дур шуда, дар як кунҷи қафас ҳамчун тӯдаи тарсон ҷамъ шуданд. Танҳо яктояш ба ӯ аҳамият намедод ва оромона хӯрокро мехӯрд. Ӯ бо кунҷи чашмаш ба тарафи Франк нигарист.

Як чиз дар ин хуки обӣ ба ӯ шинос буд. Франк фикр карда, ба он нигоҳ кард.

“Ин як касро ба ёдам меорад – лекин киро?” Ба ӯ ҷунбидани бинияш, мӯяш ва гӯшҳояш шинос буданд. Гӯшҳои он сурх буда, хеле калон буданд ва аз ду тарафи сараш мебаромаданд.

“Себастиан!” паст дод зад Франк.”Ин ба ӯ чун оина монанд аст.” Ва ин ин тавр ҳам буд!

“Ман бояд инро гирам”. Фикр кард ӯ. “Лекин барои чӣ? Ин аз ҳама безебтарин ҳаст. Ба Петер ба фикрам ин хокистаранг ё ин сиёҳсафед писанд меомад.” Лекин чашмони ӯ доим ба тарафи “Себастиан” баргаштанд ва ӯ донист: ин ҳамон ҳайвон буд, ки ӯ мехост.

“Ин чанд пул меистад?” пурсид ӯ мардро.

“Се марк”, гуфт ӯ ва монда ва ба тарафи ӯ омад.

“Ман духтарча мехостам”, гуфт Франк ва каме хандид, то ки ин мардро шод кунад.

“Ин ҳамааш духтар ҳастанд”, ҷавоби нофорам ӯ буд.

”Набошад ман ин қаҳварангро мехоҳам”, интихоб кард Франк ва ба “Себастиан” ишора кард.

“Агар ман ба ҷои ту мебудам, ман инро намегирифтам. Инро бин!” Ӯ чиллики ярадори худро ба Франк нишон дод. “Ин шӯх аст; ман ҳайрон намебудам агар дар авлоди ӯ ягон калламуш буд. Барои чӣ ту ин ҳайвончаи зебои сафедро намехоҳӣ?” Франк ӯро дид, ки чӣ тавр он дар кунҷ нишаста, худро тоза мекард. Ӯ ба Сибилле хеле монандӣ дошт.

“Не раҳмат”, гуфт ӯ бо овози устувор. “Ман ин қаҳварангро гирифта, хонагӣ мекунам.”

“Ту метавонӣ кӯшиш кунӣ, лекин инро карда наметавонӣ. Дар охир нагӯ, ки ман ба ту инро нагуфта будам. “ Бо ин маслиҳати на он қадар хӯш ӯ рафт, то дастпӯш биорад. “Ман боз як чилликро гум кардан намехоҳам”, гуфт ӯ ба худаш, вақте ки ҳайвончаро гирифта ба қуттича монд, ки Франк оварда буд.

“Номи ӯ Себастина аст”, ба падараш гуфт Франк дар роҳ, “лекин ман ӯро кӯтоҳ карда, Бастӣ меномам.”

“Ман чӣ кунам, агар онҳо бо якдигар ҷанганд?“ фикр кард ӯ, вақте ки ба хона расиданд. “Мумкин онҳо якдигарро мисли хонума ва ҷаноб Фурман бад мебинанд. “

Дили ӯ сахт мелаппид, вақте ки ӯ қафасро кушода, Бастиро ба он андохт. Петер овози саломро дод, лекин Бастӣ ба ӯ тамоман аҳамият надод. Ӯ дарав ба назди хӯрок рафта онро мехӯрд. Дар муддати кӯтоҳ хӯрок нест шуд ва Франк ба ӯ боз як коса сабус дод. Лекин ӯ танҳо сарашро чунбонид, ки Бастӣ инро ҳам хӯрда шуд.

“Ӯ ҳам мисли Себастиан чашмгурусна аст”, хандид Франк ва ба назди хона рафт, то карам биёрад. Басти тамоми вақт мехӯрд ва танҳо танаффус мекард, вақте ки Адалберт омад, то ӯро бинад. Дар он вақт ӯ Адалбертро бо қаҳр нигоҳ кард.

“Инро ҳеҷ гоҳ ром карда наметавонӣ!” гуфт ӯ дар бораи хуки обӣ.

“Оҳ ҳа; инро ман мекунам”, қарор дод Франк, “ва пагоҳ саҳар бо ин сар мекунам.”

Гарчӣ Франк ба гапаш қарор меистод, Бастӣ ба қарори худ боз ҳам бисёртар меитод. Вақте ки ӯро дигар саҳар аз қафас баровард, то ӯро бо шона тоза кунад, ӯ ин фурсатро истифода бурда, ба тамошои хона баромад.  Худро аз дасти Франк озод кард ва Франк тамоми саҳар аз пушташ давид. Ба Бастӣ ин хеле маъқул шуд ва вақте ки Франк хӯрокро тайёр кард, ӯ ба Франк иҷозат дод, ки ӯро биорад.

Ин воқеа низ дар нисфирӯзӣ рӯй дод ва дар бегоҳ Франк тамоман монда буд, мисли Петер, ки ба ӯ Бастӣ тамоман аҳамият намедод. Ғайр аз ин Бастӣ хӯроки ӯро мехӯрд ва ҳатто иҷозат намедод, ки аз он бӯй кашад.

Баъд аз хӯроки шом Франк бо даста пур аз алафи баҳорӣ омад, то ки ба онҳо хӯрокӣ бегоҳиро диҳад. Лекин вақте ки ӯ алафро ба қафас мондан хост, ӯ яке ҳайрон шуд. Ӯ чизи ҳайратоварро дид, лекин ин бояд танҳо тассавурот бошад – ба ҳар ҳол ӯ инро танҳо тассавур кард. Петер дар қафас мегашт, ба монанде ки ӯ боз як ҷом буридааст. Бастӣ бошад дар як кунҷ хобида, ором ва розӣ метофт. Вақте ки Франк онҳоро нигоҳ кард, ӯ чизи майда, сафедеро дар назди  ӯ дид.

“Ин ин тавр будан наметавонад”, гуфт ӯ, ”лекин ин ин тавр аст!”

Ӯ аз дар баромада, ҳавлиро давида тай кард ва ба дари Адалберт мезад.

Адалберт ба худаш хӯрокӣ бегоҳиро тайёр мекард ва аз омадани Франк ҳайрон шуд.

“Ба фикрам..., Бастӣ кӯдакҳо таваллуд кард”, бенафас гуфт ӯ. “Биёед ва онро бинед.”

“Оҳ, оҳ!” гуфт Адалберт доно ва худро тарзи духтур кард. Мисли духтур ӯ “Ҳм, ҳм” кард, вақте ки хукҳои обиро дид. Баъд ӯ гуфт: “Ҳм, ҳм, ба ӯ каме шири ширгарм, нон ва каме картошкаи хом деҳ. Пас онҳоро то пагоҳ саҳар танҳо мон. Онҳо инро худашон карда метавонанд”, доно гуфт ӯ. “Ҳм, ҳм” кунон аз хона дур шуд.

Дар саҳар Франк пеш аз равшан шудан хест ва равшаниро орзу мекард. Вақте ки равшан шуд ӯ ба назди хукҳои обӣ рафт. Аввал ӯ ҳеҷ чизро дида наметавонист, лекин баъд чизи сафед бо пойҳои ноустувор ба тарафи ӯ омад. Ин чизи хурдакак ӯро кунҷковона нигоҳ

мекард. Вақте ки Франк дасташро дароз кард, то онро молад, чизи дигари хурдакак аз нимторикӣ омад. Он ҳам сафед буд, лекин доғҳои қаҳварангро дар пушташ дошт. Дар охир чизи қаҳваранги хурд омад, ки чун оина ба модараш монанд буд. Он гӯшҳои калон дошт, ки аз модараш ҳатто сурхтар буданд.

Ин рӯзҳои баҳор барои Франк рӯзи хурсандӣ буданд. Ӯ он ҳуҷраро тарк намекард ва худро хушбахтар ҳисобида наметавонист, вақте ки дар болои сатил нишаста, Китоби Муқаддасро мехонд. Дар он вақт Петер дар кисаи шимаш ҷо мегирифт, хурдакакҳо дар таги почааш мегаштанд ва Бастӣ оромона дар бағалаш хоб мерафт.

Франк ҳоло дар ҳеҷ ҷое китоби беҳтар нахонда буд. Лекин чӣ қадаре ки аз Худо бисёртар мехонд, ҳамон қадар саволҳо пайдо мешуд. Худо дар замони мо  чӣ кор мекунад? Ӯ ба ҳар ҳол ҳамчун сутуни оташин намегардад, баҳрҳоро ҷудо намекунад ва лашкарҳои калонро ғарқ намекунонад – агар инро мекард, ҳама дар бораи ӯ гап мезаданд.

Кунҷковии ӯ чунон калон буд, ки ӯ як якшанбе ба ҷамоат рафта, дар пушти тереза нишаст ва гӯш медод, лекин ӯ танҳо овози ларзони шӯбонро мешунид, ки дар бораи мавзӯи аниқ гап намезад.

“Ман ин розро ҳоло мекушоям”, ба худ ваъда дод Франк ва хондани Китоби Муқаддасро давом дод.

## Қафаси холӣ

Рӯзе Франк давоми китобашро мехонд. Дар болои саҳифаҳои китоб “Доварон” нависта буд. Ногаҳон ӯ овози қадамҳои вазнинро аз берун шунид. Тез ӯ китобро баҷо кард. Ӯ фикр мекард, ки Ҳорст аз дар бедарояд, лекин он Себастиан буд. Ӯ шод буд, ки Себастианро мебинад, чунки соддагии Себастианро дӯст медошт.

“Ман хостам биёям, то ки хукҳои обиятро бубинам”, гуфт ӯ. “Вай дод! Ту акнун чӣ қадар дорӣ?”

“Ман барои Петер духтарча харидам ва дар рӯзи дигар ӯ се кӯдакча дошт”, Франк фахр карда фаҳмонд.

Себастиан дар назди қафас нишаста, онҳоро бодиққат нигоҳ мекард.

“Оё ӯ худро мешиносад?” фикр кард Франк, вақте ки ба назди Себастиан нишаст.

“Хурдакакон ширин ҳастанд”, мулоҳиза кард ӯ, “лекин модарашон хеле безеб аст, не?”

“Ӯ танҳо каме бенур аст”, ҷавоб дод Франк ва кӯшиш мекард, ки нахандад.

“Ӯ тамоман гӯшҳои калон дорад”, давом дод Сеабстиан. “Номи ӯ чист?”

“Себастина.”

Дар рӯи Себастиан хурсандӣ ҷорӣ шуд. ””Ин қариб номи ман аст – чӣ хел аҷоиб! Кӯдакҳо ҳам ном доранд?”

“Ҳа; сафеду ҷигарӣ Ева ном дорад, сафедро Сара меномам ва он хӯрдакакро, ки ба модараш монанд аст, Тиан номидам.”

“Ин ҳам ба номи ман монанд аст”, Себастиан хурсанд шуда гуфт. “Ман шарт мекунам, ки ту онҳоро нафаҳмида, ба номи ман ниҳодӣ!” Ӯ аз хурсандӣ ба ронаш зад ва ҳардуяшон хандиданд – танҳо аз сабабҳои гуногун.

“Ман омадам, то бо ту гап задам, худро тамоман бад ҳис мекунам”, гап зад Сеабастиан, “лекин ман дер зиқ мондан наметавонам.”

“Барои чӣ ту ғамгин будӣ?” пурсид Франк ва тараферо, ки аз ханда дар мекард, расид.

“Хешҳои ман аз шаҳри Глазштат.”

“Онҳо гузаштанд, ё ки беморанд?”

“Не, онҳо моро пагоҳ хабаргирӣ меоянд. Онҳо худро хеле нишон медиҳанд, чунки падари онҳо, назар ба падари ман бисёртар маош мегирад. Доим онҳо чизеро дорад, ки бо он худро нишон медиҳанд. Даъфаи гузашта онҳо қатораи электрикӣ доштанд. Пеш аз ин худро бо як модели киштӣ  нишон доданд. Ғайр аз ин онҳо боз чанд гуна бозичаҳои дигар доранд.”

Падари Себастиан дар ҷангал кор мекард ва қисми калони маошашро дар рӯзи шанбе дар Дифлинген менӯшид. Ин тавр пул ба

пойафзоли нав барои Себастаин намерасид, дар бораи қатораи электиркӣ тамоман гап задаҳам намешуд.

“Вақте ки онҳо меоянд, ман худро тамоман камбағал ва беақл ҳис мекунам.”

Ба хотири Франк суханони он марди пир омаданд, ки ҳар одам чизеро дорад, ки бо он худашро хуб ҳис намекунад.

“Кошки ман ҳам чизе медоштам, ки бо он худро нишон дода метавонистам”, оҳ кашид Себастиан. “Оҳ ман қариб фаромӯш кардам, ки бояд ба мағозаи Михел равам. Ақалан хӯроки хуб дорем, вақте ки онҳо меоянд.”

Дар саҳари дигар Франк соати даҳ хест. Ин рӯзи охирини таҳтил буд ва Франк имконияти дерхобкуниро истифода бурд.

“Имрӯз чӣ кор кунам?” фикр кард ӯ, вақте ки ҳоло дар ҷогааш буд. “Мумкин имрӯз хонаи хукҳои обиро тоза кунам. Баъд алафи тару тозаро гирифта, қафасро бо он пур мекунам. Ин барои тамоми оила ид мешавад!”

Тез либосҳоияшро пӯшида, кашаеро, ки падараш чор соат пеш барои ӯ тайёр карда буд, хӯрд.

Вақте ки ӯ ба дари хонаи хукҳои обӣ расид, ӯ донист, ки чизе нодуруст аст. Аллакай овози хукчаҳои обӣ шунида намешуд. Дили ӯ тезтар мелаппид. Дар ҳақиқат: дари қафас калон кушода буд ва қафас холӣ буд.

“Оҳ не!”, гуфт Франк. “Ман зинда намемонам.“

Ӯ Адалбертро фарёд кард, ки бо пойҳои пираш ва бо тамоми қувваташ тез омад.

“Ҳа писарам”, гуфт ӯ ғамгинона, “ту пӯшидани дарро дина фаромӯш кардӣ?”

“Лекин онҳо бояд дар инҷо мебуданд; онҳо аз ин хона баромадан наметавонанд.” Франк тез-тез ҳама чоро мекофт.

“Ман имрӯз дидам, ки дар кушода буд“, гуфт Адалберт ва бинияшро хорид. “Дилам ба ту месӯзад, писарам, лекин ба фикрам ту онҳоро дигар намеёбӣ. Гурбаи мо калламушҳоро мехӯрад ва ғайр аз ӯ боз

сагҳо ҳастанд." Ғамгинона ӯ ба назди оғил рафт ва Франкро танҳо дар онҷо монд.

"Агар якеи онҳо ҳоло зинда бошад, ман онро меёбам!"

Ӯ оғилҳои говро, анборро, гаражро ва дигар ҷойҳоро кофт; лекин дар вақти кофтани ӯ гурбаи хона омада, дар назди Франк лабони худро мелесид.

Вақте ки аллакай нисфирӯзӣ шуд, Франк тамоман ноумед шуд. Ӯ дар назди қафаси холӣ нишаста, гирист.

"Ту бояд шарм дорӣ, Франк Шафер", ба худ гуфт Франк. "Писари калони ёздаҳсола, ки мехоҳад дигар сол ба мактаби болоӣ равад, мисли кӯдак гиря мекунад!"

Ӯ хеле шарм дошт, лекин ашкҳо бас нашуданд. Дар хӯроки шом ӯ хӯроки бомаззаи хонума Фурманро хӯрда наметавонист ва падараш ӯро ғамгинона нигоҳ кард.

"Франк, писарам", гуфт ӯ, "мо рӯзи Шанбе ба Дифлинген рафта, ҳайвонҳои нав мехарем. Розӣ?"

"Не", зиқона рад кард Франк. "Ман Петер ва Тиани хӯрдакак, Бастии шӯх ва дигаронро дӯст медоштам; онҳоро бо дигарчиз иваз карда намешавад. Ба фикрам ман боз якбор берун рафта, онҳоро мекобам."

"Хуб, писарам", меҳрубонона гуфт падар. "Ман ин бегоҳ косаю табақро мешӯям."

"Ба фикрам падарам боз ҳам ғамгинтар буд, вақте ки як бадӣ паси дигар бадӣ дар ин ҳавлӣ рӯй медод", фикр кард Франк, вақте ки дар Ҳавлӣ мегашт, "гарчанде ки чизи бадтар аз ин, ки шуд, шуда наметавонад."

Ӯ дар болои сатил нишаста, ҳатто китоби бибикалонашро хондан намехост.

Ӯ хост, ки ба хона баргардад, ки дар кушода шуду Себастиан даромад. Ӯ қуттии калонро дар дасташ дошт ва тамоми рӯяш аз хурсандӣ медурахшид. "Ана, ту дар ин ҷо ҳастӣ", гуфт ӯ. "Ман онҳоро боз ба ту овардам. Ман гуфтам, ки инҳо аз они ман ҳастанд ва хешҳои ман тамоман бахилӣ карданд. Ман фикр кардам, ки ту ҳеч зиддият надорӣ."

Франк тамоман худро гум кард, гарчанде ки ӯ одами ором буд. Ӯ сурх шуд ва ларзидани ҳама устухонро ҳис мекард. “Чӣ тавр ту инро карда метавонистӣ! Чӣ тавр ту инро карда метавонистӣ! Чӣ тавр ту инро карда метавонистӣ!” бо қаҳр гуфт ӯ. “Ту чӣ тавр ин хел беақл буда метавонӣ? Ман мехостам ... гарданатро тоб диҳам.”

Бо овозе, ки аз дурӣ метофт, гуфт Себастиан: “Оҳ Франк, қаҳр накун. Ман надонистам... ман фикр накардам...”

“Ту фикр накардӣ!” дод зад Франк. “Ман онҳоро ба ту медодам, агар ту мепурсидӣ, лекин ту танҳо омада, онҳоро медуздӣ!”

Ӯ хост, ки гардани Себастианро қапад, лекин ба рӯйи Себастиан нигоҳ кард ва дид, ки хандаи рӯяш рафта буд ва ӯ ғамгинона бо намуди тавбакарда ба ӯ нигоҳ мекард. Даруни Франк механдид. Ӯ хандид, то ашкҳо аз чашмонаш баромада ба замин афтиданд.

Себастиан рост истода, ӯро намефаҳмид. “Барои чӣ ту механдӣ?”

“Рӯи ту”, гуфт Франк. “Ту намедонӣ, ки чӣ хел аҷоиб метобӣ.”

“Набошад ту дигар аз ман дар ғазаб нестӣ?” пурсид Себастаин ва оҳиста дар рӯяш ханда намоён шуд. “Ту боз дӯсти ман ҳастӣ?”

“Ҳа.”

“Чӣ хел шодӣ!” оҳ кашид Себастиан ва ба рӯи сатил нишаст. “Ин натиҷаи хуб буд. Бозичаҳо назар ба инҳо хеле оддӣ метофтанд. Барои он ки онҳо дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, ба онҳо доштани ҳайвоноти хонагӣ манъ аст. Ман тамоми рӯз худамро бо хуки обӣ нишон додам ва дар охир Себастина хеши калониро газид –ин ҳамааш хеле зӯр буд!” Ӯ хеле шод метофт ва Франк ӯро ғамгинона нигоҳ мекард.

“Сеабстиан”, гуфт ӯ дар охир, “асосан ман бояд туро кушам; ман худам намедонам, барои чӣ туро дӯст медорам!”

Ҳорст дар он соли хониш хеле бад рафтор мекард. Ҳама аз барои имтиҳон шуда метарсиданд ва асабнок буданд, лекин Ҳорст инро истифода бурда, якбора фармондеҳ шуд. Ӯ ба Себастиан фармон медод ва духтаронро ғам диҳад. Сухани ӯ дар мактаб қонун буд. Ҳама вақти худро ва қисми бисёри пули худро ба ӯ медоданд, то ки ӯ ба онҳо ҳеҷ чиз накунад.

Рӯзе дар танаффуси нисфирӯзӣ тамоми синфи болои дар пушти мактаб ҷамъ шуд. Сибилле нохунҳои тозаи худро боз ҳам тозатар мекаард; Себастиан ҳавворо тамошо мекард; Роберт китоб дар бораи парвариши хукҳо мехонд ва Ҳорст голфзаниро машқ мекард. “Муаллими голф мегӯяд, ки ман бисёр нерӯ дорам”, фахр карда, гуфт ӯ. Франк намедонист, ки маънои нерӯ чист, лекин агар ин бо ҳавобаландӣ вобастагӣ дошта бошад, ӯ бо муаллими голф ҳамфикр аст.

“Оҳ, ман орзу мекунам, ки мо ҷавобҳои имтиҳонро медонистем”, оҳ кашид, Ҳайде; “ман ин интизориро бад мебинам.”

“Ман аллакай медонам, ки аз имтиҳон нагузаштаам”, фурӯтанона гуфт Себастиан. “Ман инро ҳама вақт фикр мекардам.”

“Ман, ман пурра боварӣ дорам, ки аз имтиҳон гузаштам”, гуфт Ҳорст ва ба чӯби голфаш такя кард. “Ман имтиҳонҳоро ҳама вақт беҳтарин шуда мегузарам.”

“Сабабаш дар он, ки ту эркаи муаллима ҳастӣ”, гуфт Франк.

Якбора оромӣ шуд. Асосан ҳеҷ кас ин тавр бо Ҳорст гап намезанад – бо Ҳорст, сардори гурӯҳ, боақлтарин ва пешрафтарин писари мактаб.

“Ту чӣ гуфтӣ?” пурсид ӯ бо овози хатарноки ором.

“Ман танҳо гуфтам, ки ту дӯстдоштаи муаллима ҳастӣ”, бо овози паст гуфт Франк ва якбора орзу мекард, ки инро баланд гуфта метавонист.

Ҳорст оҳиста ба назди ӯ меомад, то қоммати баланди ӯ дар назди Франк буд. Хандаи бад дар рӯяш намоён шуд.

“Медонӣ”, гуфт ӯ, “агар ту каме калонтар ва каме боқувваттар мебудӣ, ман туро бо шодӣ мезадам. Лекин ман намехоҳам, ки чунон шахсияти бечора, беқудрат ва касалиро монанди ту бо дастонам расам!”

Франк рӯяшро дарҳол гардонд. Ин гап ба ӯ сахтар расид, назар ба як задан.

Хушҳол дар ин лаҳза занг шуд ва талабаҳоро ба дарс фарёд мекард. Франк дар ягонта аз дарсҳои омада дуруст гӯш намекард. Ӯ нишаста, бо дастҳояш аз қаҳр мушт мекард.

“Рӯзе касе бояд аз Ҳорст қасди худро гирад”, фикри ягонаи ӯ буд.

Баъд аз дарс муаллима аз синфи болоӣ хоҳиш мекард, ки дар ҷояшон нишаста монанд. Ӯ мактуберо аз рӯи миз гирифт. “Дар инҷо ман натиҷаҳои имтиҳонро дорам.”

Дар тамоми синф овозе шунида намешуд. Ҳайде тамоми диққаташро ба муаллима дод; Сибилле даҳони хурди худро маҳкам мемонд; Себастиан ангуштҳои худро ба гӯшҳояш монд; танҳо Ҳорст ором истод.

“Ҳайде Фергусон – ту гузаштӣ.”

Рӯйи Ҳайде ором шуд.

“Сибилле, ту ҳам гузаштӣ.” Дар рӯи Сибилле чизе дида намешуд.

“Роберт, ту бо кӯшишат гузаштӣ ва ту, Франк Шафер, низ гузаштӣ.”

То ин лаҳза ба Франк маълум набуд, ки ӯ чӣ қадар мехост ба мактаби болоӣ равад.

“Себастиан, ту нагузаштӣ”, давом дод муаллима, “ва ман хеле ҳайрон ва ғамгин ҳастам, ки Ҳарст ҳам нагузашт.”

Ҳама ҳайрон шуда, хап мекарданд; ҳеҷ кас бовар карда наметавонист. Баъд ҳама ба Ҳорст нигоҳ мекарданд. Рӯи ӯ сурх шуд ва ӯ бо қаҳр аз ҷояш хест: “Ман ҳеҷ вақт ба ин мактаби девонаҳо рафтанӣ набудам. Ман махсусан нагузаштам.” Бо ин гапҳо ӯ аз синфхона баромад ва дарро аз пушташ зад.

Франк қариб тоқат накард, то ин хабарро ба падараш гӯяд. Ӯ ҷой дар мактаби болоӣ дорад! “Акнун ӯ метавонад бо ман фахр кунад”, фикр кард ӯ, лекин падараш танҳо ғамгинона хандид ва гуфт: “Хайр ин ба ту ёрдам медиҳад, ки баъдтар дар корхонае кор ёбӣ. Ту якум Шафер мешавӣ, ки бо замин кор намекунад.”

Франк қариб орзу мекард, ки аз имтиҳон намегузашт. Ӯ фикри корхонаро бад медид. Ӯ бисёртар озодӣ ва ҳавои тозаро мехост. Лекин ӯ чӣ хел метавонад бо почаи лангаш ва дасти беқувваташ деҳқон шавад?

**Ёфт шуд**

Ягонхел Франк рӯзҳои мактаброро гузаронд. Ӯ барои хукҳои обияш ва барои Китоби Муқаддас зиндагӣ мекард. Хурдтаракон рӯз ба рӯз калонтар мешуданд ва бисёр алаф мехӯрданд. Франк зуд-зуд ҳамаи ҳайвонҳоро шона мекард, ки акнун ҳатто Бастӣ зебо менамуд.

Ҳафтаҳо мегузаштанд ва Франк боб ба боби Китоби Муқаддасро бо шавқ мехонд. Ӯ ин ҳикояҳоро дӯст медошт ва ба худ подшоҳони золим ва ҷанговарони қаҳрамонро тассавур мекард. Лекин бисёр саҳифаҳои китоб чунон сӯхта буданд, ки ӯ саҳифа ба саҳифа бояд мегардонид ва гоҳе танҳо калимае, ҷумлае ё сарлаҳвае хонда метавонист.

“Чӣ хел бад!”, ҷанг мекард ӯ. “Ман ин қадар ҷойҳои муҳимро хонда наметавонам. Агар ин чунин давом диҳад, ман ҳеҷ гоҳ чизе дар бораи Худо фаҳмидан наметавонам.”

Аз ҳама бад қисми миёнаи китоб сӯхта буд, чунки он дар миёна кушода буд, вақте ки ба оташ партофта шуд.

“Дар охир беҳтар шуда истодааст”, фикр кард Франк, вақте ки рӯзе пас аз мактаб мехонд. “Ҳа, аниқтар шуда истодааст.” Ва ин тавр низ буд. Вақте ки ӯ ба китоби “Инҷили Луқо” расид, ӯ бе душворӣ ҳар калимаро хонда метавонист.

Акнун ӯ  ҳикояҳоро боз мисли пештар зинда тассавур мекард.

“Ба фикрам Марям хеле тарсида буд, ҳангоме ӯ фариштаи калони азимеро дар наздаш дид.” Ӯ лабханда кард. “Лекин ӯ боз ҳайронтар шуд, вақте ки фаҳмид, ки писараш шоҳи абадӣ мешавад ва подшоҳияш ҳеҷ вақт охир надорад. Ин набошад маънои он дорад, ки он ҳоло вуҷуд дорад.”

Вақте ки ӯ давомашро мехонд ӯ боз ҳам ҳайронтар мешуд. Ӯ дар фикраш дид, ки Маряму Юсуф чӣ тавр ба Байт-Лаҳм расиданд ва диданд, ки ҳама меҳмонхонаҳо банд ҳастанд.

Ӯ дар ёд дошт, ки онҳо дар мактаб боре ин ҳикояро дар саҳнача нишон дода буданд. Лекин ҳеҷ кас ба ӯ нагуфта буд, ки ин бо Худо вобастагӣ доранд. Муаллима нигоҳ кард, ки инро ҳеҷ кас бо Худо вобаста накунад.

“Ӯ чӣ гуна одам буд?” ҳайрон шуд Франк, вақте ки дар бораи Фариштаҳо мехонд, ки тамоми осмонро фурӯ гирифта буданд. “Ӯ бояд хеле муҳим бошад.”

Дар ин лаҳза ӯ овози Адалбертро шунид: “Франк, пас аз панҷ дақиқа соат нӯҳ мешавад. Ту боз ба мактаб дер мекунӣ. Биё, ман туро бо мошин ба деҳа мебарам.”

Дере нагузашта онҳо бо суръати тез роҳи вайронро тай мекарданд. Вақте ки Адалберт дар паси рул мешинад, ӯ фикр мекунад, ки чемпиони ронандаҳо ҳаст. Барои ҳамин ҳамаи одамон ӯро аз дурӣ дида, ба як тарафи роҳ рафта, кудакону сагҳоро дар пушташон медоранд.

“Барои ман як кор кун”, гуфт Адалберт, вақте ки Франк дар назди дарвозаи мактаб аз мошин баромад. “Пас аз дарс ба мағозаи Михел рав ва ба ман каме гӯшт биёр. Ман бе гӯшт зиндагӣ карда наметавонам, лекин агар ман ба мағоза дароям ман дигар ҳеҷ вақт намебароям – Михел ҳар вақт бисёр гап мезанад.”

Бо ин суханҳо ӯ газро чунон зер кард, ки овози чархҳо баромаданд. Ӯ қариб бо се мурғ ва Себастиан, ки низ дер карда буд, якҷоя мезад.

Пас аз дарс Франк ба мағозаи Михел даромад. Ӯ дарав донист, ки чизе соз нест. Ҷаноб Михел бо рӯйи ғамгинона дар пушти мизаш менишаст ва чизе намехӯрд – ҳатто шириничаро не!

“Бо шумо чӣ шуд?” тарсон пурсид Франк.

“Ман бояд парҳез кунам”, ҷавоби ғамгинона буд. “Духтур мегӯяд, ки ман бояд сию панҷ кило хароб шавам, чунки фишори хунам баланди бад аст. Акнун ба ман мумкин нест, ки чизи болаззат хӯрам – танҳо салат бо қаҳваи сиёҳ. Даҳшатовар!” гуфт ӯ. “Ин тамоми савдои маро вайро мекунад. Ман бояд охир ҳамашро чашам, пеш аз он ки мефурӯшам! Агар он сифати нағз надошта бошад, ман одамонамро гум мекунам!”

Ӯ як шокаладро аз ҷевон гирифта ба Франк дод ва гуфт: ”Дина ман инро мехӯрдам, барои ҳамин ту инро гирифта метавонӣ. Ту бовар намекунӣ, лекин як вақт буд, ки ман ба монанди ту харобу нозук будам.”

Франк ба ин бовар накард, лекин ӯ раҳмат гуфта, гӯшт барои Адалберт хоҳиш кард. Вақте, ки Михел ҳоло ғамгинона бо корча гӯштро мебурид, Франк пурсид: "Исои Масеҳ кӣ буд?"

Ҷаноб Михел аз ин савол чунон ҳайрон шуд, ки ҷояшро иваз кард ва дар ин лаҳза бо остинаш қуттии тухмро зад, ки он ба замин афтид. Албатта дар замин шӯрбои тухм пайдо шуд. Мард косаро гирифт ва бо рӯи дурахшон тухмшурборо ба он дохт. "Чӣ хел хуб!", хурсанд шуд ӯ. "Акнун ман ин бегоҳ тухмбирён хӯрда метавонам. Асосан ин мумкин нест, лекин ман дигар бо ин тухмҳои бечора чӣ кунам? Ва ғайр аз ин тухмбирён яке аз хӯрокҳои дӯстдоштаам мебошад."

Ӯ акнун розӣ метофт ва Франк боз як бор пурсид: "Илтимос, ба ман гӯед – Исои Масе кӣ буд?"

Ҷаноб Михел ба миз такя карда, фикр кард. "Ман одами оддӣ ҳастам", гуфт ӯ, "лекин ман доим фикр мекардам, ки Исо писари Худо аст. Ӯ ба дунё омад, то мисли одами оддӣ зиндагӣ кунад ва ба мо нишон диҳад, ки Худо кист; аммо чӣ хеле ки аллакай гуфта будам – ман одами оддӣ ҳастам. Ту бояд шӯбони нави калисоро пурсӣ, ки ба наздикӣ меояд."

"Шӯбони нав меояд?" пурсид Франк, на он қадар бо шавқ.

"Ҳа, Шӯбони пештара дар моҳи оянда нафақахӯр мешавад ва шӯбони нав меояд." Акнун ҷаноб Михел шод менамуд. Ҳар шахси нав, ки ба деҳа меояд, ба ӯ имконияти бисёртар гапзаданро медиҳад. Франк ӯро бо фикри тухмбирён ва шӯбони нав дар мағоза монда, худро ба сӯи хона роҳакӣ мекунад. Ӯ дар фикр буд.

Исои Масеҳ писари Худо буд. Франк ҳаяҷон шуд. Исо омад, то ки ба одамон нишон диҳад, ки Худо кӣ буд. Инро Франк донистан мехост.

Дар рӯзҳои оянда ӯ таассуроти аҷоиб дошт. Вақте ки ӯ дар бораи Исо мехонд, ӯ на ягон ҳикоя мехонд. Ба ӯ чунон менамуд, ба мисле ки ӯ бо шахсе шинос мешуд. Гоҳе ӯ чунон ҳис мекард, ки Исо дар назди ӯ аст. Ӯ тарс намедошт, балки худро хеле шод ҳис мекард ва ин шодӣ аз ӯ ҳеҷ вақт дур нашуд.

"Ман фаҳмида метавонистам, ки падарам бо Худо коре доштан намехост, агар Худо танҳо бузург ба даҳшат мебуд ва доим бо овози

тандур гап мезад, лекин ман ба худ тассавур кардан наметавонам, ки Худоро бад мебинад, лекин медонад: Худо мисли ин Исо аст. Ӯ дар ҳақиқат одамонро дӯст медошт. Ман мехостам, ки яке аз шогирдони ӯ мебудам. Ин зӯр мебуд: бо ӯ будан ва бо ӯ чунон чизҳои аҷоиб дидан.”

Франк гирду атрофашро нигоҳ мекард. Боз як бор ӯ бовар мекард, ки танҳо дар ҳуҷра нест. “Агар Худо дар ҳақиқат мисли Исо аст”, фикр кард ӯ, “мумкин ман метавонистам ба ӯ наздик шавам, мисли ки бибикалонам гуфта буд. Агар ман танҳо медонистам, чӣ тавр!”

Бо ташнагӣ ӯ давомашро мехонд, то бифаҳмад, ки нақл чӣ тавр давом дорад. Ӯ охиреро интизор буд, ки Исо бо ракета ба абрҳо парвоз мекард ва ҳамаи одамон дар замин доду қарсак мезаданд. Якбор инро дар шаҳри наздик карда буданд, вақте ки президент гузашта буд – ва ба ин Исо ин дар ҳақиқат меарзид!”

Лекин Франк пушаймон шуд.

“Онҳо инро чӣ тавр карда тавонистанд?” Ҳангоми ки хонд, ки аскарон бо Исо чӣ карданд, ӯ нафаскаширо фаромӯш кард. Арақ аз рӯяш мерехт, вақте ки ӯ тассавур мекард, ки Исоро чӣ тавр дар салиб мехкӯб карданд. Франк пеш бо ҳеҷ кас он қадар наздик набуд, лекин акнун ба ӯ чунин буд, ки гӯё дар марги шахси дӯстдоштаи худ иштирок мекард.

“Ба фикрам Худо аз онҳо дар қаҳр буд ва ҳамаи онҳоро мекушад, мисли ки онҳоро кушта буд, дар тӯфон”, пичиррос зад ӯ. “Инро чӣ тавр бахшида метавонад. Ин писари ӯ буд-ку!”

Ӯ бо шавқ мехонд ва фаҳмидан мехост, ки чӣ мешавад. Ҳушу ӯ чунон дар ҳикоя буд, ки ӯ овози қадамҳоро нашунид, ки оҳиста наздик мешуданд. Ҳатто нафаҳмид, вақте ки дар кушода шуд. Ва вақте ки касе “А!” гуфт, ӯ фаҳмид, ки чизи бадҳайбат шуд – касе ӯро ёфт!

Ҳорст дар дар меистод ва Франкро нигоҳ мекард, ки дар болои сатил нишаста, китоби кӯҳна мехонд. Гарчӣ Ҳорст беғам метофт, ӯ дар дилаш аз кайҳо шод набуд. Тамоми зиндагияш ба ӯ мегуфтанд, ки ӯ беҳтарин, муҳимтарин ва донотарин дар ҷаҳони хурди худ мебошад. Волидонаш ҳамаашро дар нақша доштанд. Аввал ӯ бояд ба

мактаби болоӣ мерафт, баъд ба университет дохил мешуд ва хулоса, ҳунари худро бояд ба тамоми дунё нишон медод. Ҳамаи нақша шикаста шуд, вақте ки ӯро ба мактаби болоӣ қабул накарданд. Лекин ин Франки хурдакаки бечора, маъюб, ором ва бефоида метавонад ба мактаби болоӣ равад. Ва ӯ – Ҳорст – рафта наметавонад. Яке ӯ Франкро бад медид; ва ӯ онро чунон бад медид, ки мехост ба ӯ зарар расонад, ӯро дардманд кунад. Барои ҳамин ӯ шамшери дӯстдоштаашро истифода мебурд – мазоғкуниро.

“Ту дар Китоби Муқаддас мехонӣ?” Овози ӯ ганда метофт ва дар даҳонаш хандаи бад буд. “Ту маъюби хурдакаки бефоида ҳастӣ!”

Ин суханҳо ба Франк сахт мерасиданд. Тарси калонтарини зиндагияш ҳақиқат шуд; ӯро бефоида номиданд. Ба ӯ он қадар сахт намерасид, агар ӯро барои почааш мазоғ кунанд, ин айби ӯ набуд. Ӯ чунон таваллуд шуд. Лекин вақте ки ӯро бефоида мегуфтанд, ба ӯ сахт таъсир мекард. Охир ӯ тамоми зиндагияш кӯшиш мекард, ки бефоида набошад.

“Ту намедонӣ”,  давом дод ӯ бо овози бадҳайбаташ, “ки танҳо беқувватон, кампирон ва чунон маъюбон мисли ту Китоби Муқаддасро мехонанд? Падарам мегӯяд, ки ин дурӯғ аллакай дар асри пештара гум шуд ва танҳо беақлтаринҳо бо он сару кор доранд.”

“Лекин шӯбонон ва ҷамоатҳо барои чистанд?” Франк умедашро гум накард.

“Хайр, касе бояд бошад-ку, ки кампирону беқувватонро шод мекунад. Ғайр аз ин онҳо маош мегиранд. Падарам мегӯяд, ки ҳеҷ кас ин китобро намехонад, ки дар ин дунё касе будан мехоҳад.”

Агар касеи дигар инро ба Франк мегуфт, ӯ инро бовар намекард, лекин чунки Ҳорст инро гуфт, ӯ бовар кард. Ҳорст мумкин чунон доно набуд, ки ба мактаби болоӣ равад, лекин ӯ бохабар буд – ҳама дар мактаб инро медонистанд. Падараш соҳиби тарабхона буд ва бисёр одамони бой ба онҷо меомаданд. Ӯ як мард аз дунё буд, барои ҳамин низ чизе ки ӯ мегуфт бояд дуруст бошад.

“Ҳоло ист, ман инро ба дигарон дар мактаб ҳикоя мекунам. Онҳо ҳоло механданд! Ин бача дар инҷо нишаста Китоби Муқаддас

мехонад!” Ҳорст ҳаловат мебурд. Ҳеҷ вақт ӯ Франкро чунон ғам надода буд. Акнун ӯро ғамгин дид, мисли муше, ки пеш аз маргаш онро азоб медиҳанд.

“Ҳа”, давом дод ӯ, “Онҳо ҳоло механданд! Мо аз ҳозир туро маъюби хурдакаки диндор меномем.”

“Не! Инро накун!” Франк дод зад. “Ман бисёр нахондам; Ман китобро нохост ҳозирак ёфтам. Он дар инҷо буд ва ман фаҳмидан мехостам, ки дар он чӣ навишта шудааст.”

“Хайр, набошад онро тез ба оташ ё ба аҳлот партофтан лозим аст. Биё, онро ба ман деҳ; ман инро барои ту мекунам.”

Франк ба ӯ китобро дод ва дар ин лаҳза фаҳмид, ки қимматтарин чизи худро медод. Ҳорст онро беқадр ба даст гирифт ва ба дар рафт. Бо хандаи бад гуфт: “Маъёби хурдакаки диндор! Ҳа! Ман аз аввал медонистам, ки ту тарсончаки бечора ҳастӣ.” Бо ин суханҳо аз дар баромада, аз пушташ дарро зад.

Франк панҷ дақиқаи пурра дар ҷояш нишаста ба як тараф нигоҳ кард.

“Чӣ хел ман беақл будам”, бо овози паст ва дили шикаста мегуфт ӯ. “Ман бояд медонистам, ки одамони ҳозиразамон ба шахсе, ки румиён солҳо пеш кушта буданд, кордор намешаванд. Ман дар ҳақиқат нодони бефоида ҳастам. Чӣ хел фикри беақл – Исои Масеҳ дар ин хона! Ман дигар ҳеҷ вақт чунин бад фикр намекунам.” Лекин вақте ки Франк ба осмони пурабр нигоҳ мекард, ӯ ҳис мекард, ки Исои Масеҳ аз ӯ дур шуд – дӯсти ягонааш, ки ӯ дошта буд.

## Кайсар ва Бомба

Франк худаш намедонист, ки ҳафтаи омадаро чӣ тавр тоқат кард. Дар мактаб ҳама зидди ӯ буданд – инро Ҳорст бо суханҳои бадаш кард. Ҳама дод мегуфтанд: “Маъюби хурдакаки диндор” ва боз ба ҳоли ӯ механдиданд. Дар охирин вақти дарсӣ, ки боз дар тобистон буд, ҳеҷ кас тоби хуб надошт. Ва агар касе, мисли Франк бошад, ки ӯро дашном кардан мумкин аст, онҳо инро мекарданд. Ҳеҷ кас сабаби

асосиро намедонист; ҳама аз Ҳорст ибрат гирифта, мисли ӯ мекарданд. Роберт дигар дар назди “диндор” шиштан намехост, Сибилле ва Ҳайде ӯро бо хандаи мазоғи нигоҳ мекарданд, вақте бо онҳо гап заданӣ мешуд ва ҳатто Себастиан ӯро рад мекард.

Агар дар хона чунон танҳо намебуд, ӯ мактабро тоқат карда метавонист. Хукҳои обӣ ба ӯ он қадар муҳаббат нишон намедоданд, гарчӣ онҳоро доим меҳрубонона мехӯронд ва нигоҳубонӣ мекард; падар ва Адалберт бисёр бо кори ҳавлӣ машғул буданд; ҷаноб Михел аз сабаби рӯзагирияш доим тоби бад дошт ва Исои Масеҳ дар наздикияш дигар ҳис карда намешуд. Бегоҳе падараш ӯро мепурсад, ки бо ӯ чӣ шудагӣ ва ӯ ҷавоб дод, ки ин айби ҳаво аст. Падар пас аз ин дигар савол надода, бо кори худаш банд шуд.

Таҳтил дар аввали июл сар шуд. Франк танҳо дар ҳавлӣ меистод ва аз онҷо намебаромад. Агар яке ӯро ягон ҳамсинф медид, ӯро бо рӯи бад нигоҳ мекард. Ӯ ба худаш қоил шуд, ки ӯ тарсончак аст, лекин ӯ худро ҳеҷ гоҳ ҳоло қаҳрамон ҳис накарда буд. Шаб ӯ хоб кардан наметавонист ва рӯзона – гармтарин рӯзҳо дар муддати бист сол – ба ӯ чунон таъсир карданд, ки ӯ ҳеҷ чиз карда наметавонист.

“Вақте ман калон мешавам, ман аз хона мегурезам ва одами бад мешавам, мисли амакам Ҳарри. Баъд маро ҳама Франк, гуспанди сиёҳ меноманд”, ба худ гуфт ӯ як нисфирӯзӣ. Ин фикр ба ӯ чунон маъқул шуд, ки ӯ ба хона рафта, албомҳои суратҳоро мекофт. Дар он ӯ сурати бибикалонашро бо ду писаронаш медид. Бобои ӯ дар як тараф меистод, ва амакаш дар дигар тараф.

“Афти ин бача аҷоиб аст!” фикр кард Франк. “Агар рӯи ман барои гуспанди сиёҳ чунин бояд намояд, ман ҳеҷ вақт гуспанди сиёҳ намешавам.”

Вақте, ки ӯ рӯи амакашро нигоҳ мекард, он ба ӯ шинос метофт. Ӯ гуфта наметавонист, ки ин рӯйро дар куҷо дида буд. Дар ошхона равшантар буд, барои ҳамин ба назди тереза рафта, онро бодиққат нигоҳ мекард. Акнун ба ӯ боз аниқтар шуд, ки ин рӯй ба ӯ шинос аст. Дар пушти сурат чизе навистагӣ буд. Франк ҳусни хати бибикалонашро шинохт:

“Худо, илтимос писари ман, Ҳарриро, баракат деҳ, дар куҷое ки набошад”, дар он ҷо нависта шуда буд.

“Паҳ!”, гуфт Франк ва суратро ба рӯи миз партофт. “Ин дуо ба ӯ тамоман фоида надошт! Ман шарт мекунам, ки Худо инро ҳатто нашунид.”

Рӯзе Адалберт аз деҳа баргашт, ва рӯи сафеди Франкро дид: “Вой дод, бача, агар ту гов мебудӣ, ман ба ту алафи фоидаовар медодам. Лекин ман як хабаре дорам, ки барои ту шавқовар аст. Ман навакак барои харид дар деҳа будам. Тамоми деҳа гапзанон мекунад ва ҷаноб Михел албатта ҳаловат мебарад. Шӯбони нави калисо омад ва писари дувоздаҳсоларо бо худ овард. Онҳо мегӯянд, ки ӯ ду метр калон аст – шӯбон албатта – ва ӯ бо худ ҳазорҳо китобҳо дорад, ва як мошини кӯҳна. Он чунон шикаста метобад, ки одамон ҳайрон ҳастанд, ки он ҳоло кор мекунад.  Ва онҳо мегӯянд” – овози ӯ акнун паст шуд – “онҳо мегӯянд, ки зан зани ӯ нест, балки хоҳараш ва писар аз они зан, на аз они ӯст. Ва” – акнун овозаш боз пастар шуд – “ӯ ба як намуди мактаб меравад, ки онро *Ин-тиер-нат* ё ин хел монанд меноманд.”

Бо ин гапҳояш ӯ рафт, то ки Ҳорасро хӯронад ва аз рӯяш маълум шуд, ки ӯ бо *Ин-тиер-нат* хона барои кӯдакони душвортарбия тассавур мекард.

Франк ба шӯбон шавқ надошт, ки пули худро бо бесаводии кампирҳо ва сустфеълҳо кор мекард, лекин мехост, ки бо ҷияни ӯ шинос шавад. Ин тавр ӯ ҳангоми хӯроки бегоҳ гуфт: “Ман шунидам, ки шӯбони нав омад ва ҷиян дорад, ки дар синну соли ман. Ин ба фикрам якто аз ин сустфеълҳои диндор мебошад.”

“Ҳа, ҳа”, ҷавоб дод падар, ки фикраш дар ҳосил буд. “Агар ӯ дар хонаи шӯбон зиндагӣ мекунад, ӯ ба фикрам якто ... Чӣ гуфтӣ? Якто сустфеъл ҳаст. Ба ман помидорҳоро дароз кун, писарам; ман ин бегоҳ тамоман гушна ҳастам.”

Франк шӯбон ва оилаашро фаромӯш карда буд, то рӯзе Адалберт ва ӯ бо мошин ба Дифлинген рафтанд, то ки гусолаеро аз вокзал гиранд.

Онҳо барвақт ба онҷо расиданд, чунки Адалбер боз тез рафт. Франк дар харак нишаст ва Адалберт сигор мекашид. Дар вокзал ҳеҷ кас

набуд; ҷавобгари анҷомҳо дар офтоб хоб мерафт; ва билетфурӯш рӯзнома мехонд. Ҳеҷ чиз шунида намешуд, ба ғайр аз овози занбӯрҳо ва тик-таки соат.

Яке ҳамааш якбора шуд.  Дар ҷойи вокзал мошини кӯҳна манъ мекард; қатора пайдо шуд; ҷавобгари анҷомҳо аз хобаш хест ва марди калон бо мӯйи сафед ба назди қатора омад. Зани зеботарине, ки Франк дида буд, аз пушти мард мерафт. Қатора бо овози баланд манъ мекард ва аз он писар бо мӯйи бетартиб ва дар даҳон бо хандаи калон мебаромад. Ӯ ин зани зебо ва марди калонро ба оғӯш гирифт ва овозу хандаи ин се нафар тамоми вокзалро зинда мекард. Онҳо бисёр борро аз қатора мекашонданд.

Бо шавқ Франк нигоҳ мекард, ки онҳо чӣ тавр як халта либос, ду ҷомадон, якто гитарра, чӯби теннис, сето шиша ва як камон бо тирдони пур аз тир пайдо шуданд.

“Оҳ ҷон”, гуфт зани зебо, “ин ҳамааш ба мошин намеғунҷад. Ин дар ҳақиқат ҳамааш аст?”

“Ба фикрам ”, ҷавоб дод писар бо ханда дар овоз. “Оҳ не! Як лаҳза истед; ман велосипедамро фаромӯш кардам.”

Ҳар сеи онҳо ба назди вагон рафтанд, ки дар он ҷо Адалберт ва сардори вокзал ҳам буданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки гусоларо аз вагон бароранд. Яке Франк дар ҷояш шах шуд. Марди даҳшатнок аз ҷангал ба сӯи вокзал меомад.

“Илтимос, тез кунед!” онҳоро саросема кард ронанда, вақте ки гусола аз вагон фаромад. “Мо аллакай даҳ дақиқа дер кардем. Шумо ба куҷо рафтан мехоҳед?” Бо овози сахт давом дод ӯ, ҳангоме ин мард аз ҷангал аз пушти писар омад. Марди вокзал чимчиро бо овози паст гуфта, ба торикии вагон даромад, вақте ки мард бетоқатона ҳуштакро дар даҳон мемонд. Хулоса ӯ боз пайдо шуд ва дар дасташ қафаси чӯбин буд.

Писар велосипидеи худро аз вагон баровард, ки чизи даҳшатноке шуд. Марди пир дар вақти баромадан пешпо хӯрда, афтид. Дарчаи қафас кушода шуд ва аз он хуки обии калон баромад. Марди вокзали бетоқат ба давом ҳодиса аҳамият надод ва ҳуштак кашид. Аз ин

ҳайвончаи бечора чунон тарсид, ки ба тарафи қатора мешитобид. Ҳама – ғайр аз марди вокзал – аз паси он рафтанд.

“Ин “кайсар” аст!” дод зад Франк ва кӯшиш кард, ки онро дорад, лекин ҳайвон ба тарафи дигар рафта ба болои роҳи оҳан афтид. Наҷунбида, дар ҷояш истод ва ба сӯи қатора, ки оҳиста ба ӯ наздик мешуд, нигоҳ мекард.

“Оҳ не! ”Кайсар” – и ман не!” дод мезад марди пир ва рӯяшро бо дастонаш маҳкам мекард. “Танҳо “кайсар”-и ман не!”

Франк мехост, ки ба болои роҳи оҳан равад, лекин Адалберт ӯро боздошт. Онҳо диданд, ки писари бегона чӣ тавр аз назди онҳо давида гузашта ба болои роҳ мепарид. Ронанда қатораро манъ мекард, лекин он аллакай тез мерафт ва онро манъ карда намешуд. Одамон баланд гап мезаданд ва як зан дод зад. Қатора қариб писарро мерасид, ки яке ӯ худро ба болои “кайсар” партофта, ба дигар тараф тоб хӯрд. Бо овози баланд қатора дар он ҷо истод, ки ду сония пеш писар буд.

Ғала ғӯла шуд. Ронанда мушташро меҷунбонд, марди вокзал дод зада гуфт, ки ин ҷарима металабад ва дигар марди вокзал хафа шуд, ки акнун қатора боз ҳам дертар меояд. Зани зебо бо рӯймолчааш ашкашро тоза кард ва дар ақиб гусолае овоз баровард.

“Марк, барои чӣ ту ҳама вақт ин хел корҳо мекунӣ?” ҷанг кард шӯбон, вақте ки писар бо “Кайсар” якҷоя баргашт.

“Бахшиш. Ман тамоман фикр накардам”, гуфт ӯ ва бо хандаи дилсӯзон ба одамон нигоҳ мекард. Ин ханда чунон буд, ки дигар ҳеҷ кас аз ӯ хафа намемонд. Каме пас ҳама боз гап зада механдиданд.

“Писари чӣ қадар далер!” гуфт коргари вокзал. Ӯ дасти ронандаро ҷунбонда арақи рехтаашро аз сараш пок кард. Дигар коргар дар бораи писараш дар хона нақл кард, ки низ чунин бефикр амал мекард. Ноайён марди даҳшатнок “Кайсар”-ро гирифта, оҳиста гум шуд, бе ягон калимаи шукр.

“Ӯ яке гум шуд”, ногоҳ фаҳмид Марк, “мисле, ки ба марди шаффоф мубаддал ёфт.”

“Ӯ хеле шармгин аст”, фаҳмонад Франк. Ӯ ин мардро каме мефаҳмид ва барои ҳамин низ давом дод. “Ӯ бад мебинад, вақте ки ҳама одамон ба ӯ нигоҳ мекунанд. Ба фикри ман”, яке гуфт ӯ, “ту инро хеле нағз кардӣ. Ин охир “Кайсар” буд.”

“Ту фикр мекунӣ, ки ин марди пир кайсар аст?” бо чашмони калон ҳайрон шуд Марк.

“Не, хуки обӣ. Ӯ хеле машҳур аст ва бисёр ҷомҳо ғолибид. Ман якто набераи онро дорам, ва он низ ҷом буридааст.”

“Бешухӣ?” Марк ҳайрон шуд. “Ман онро рӯзе дидан мехостам.”

“Рӯзе ба назди мо биё”, даъват кард ӯро Франк ва шармгин будани одатиашро дар назди бегонаҳо, фаромӯш кард.

“Ман пагоҳ дарав меоям. Ту дар куҷо зиндагӣ меку...” Сухани ӯ аз овози баланди мошин бурида шуд. “Онҳо маро интизоранд; ман бояд равам”, ва лаҳзае баъд ӯ ба мошин нишаст. Он пур бор буд ва чанде пас дар пушти абри чанг гум шуд.

“Ҳуи!”, ҳуштак кашид Франк. “Ин чунон аст, ба мисле ки Бомба дар наздам кафида бошад.” Лекин инро шояд ҳар кас фикр кунад, ки Марк Таннерро якум бор мебинад.

## Шок барои Ҳорст

Дар нисфирӯзии дигар Франк ҳоло ҳам дар бораи он писар бо чеҳраи хандон фикр мекард.

“Ӯ чизи махсусро дар худ дошт”, фикр кард ӯ, вақте ки пашми Бастиро тоза мекард. “Ӯ зиндатар аз дигар одамон аст. Лекин ба фикрам ӯ ба ташвиш афтида, ба инҷо намеояд, то Бастиро бинад. Ӯ намедонад, ки ман дар куҷо зиндагӣ мекунам ва агар дигаронро пурсад, онҳо ба ӯ мегӯянд, ки ман чӣ хел ҳастам. Баъд ӯ дигар хуши ба инҷо омадан надорад.”

Дар ин лаҳза ӯ овози Адалбертро шунид: “Ӯ дар онҷо аст, бачаам; ба наздаш даромадан гир”, ва дар кушода шуд. Марк, ки майкаи сабз пушида буд, ба наздаш даромад. Дар пушташ як тирдон пур аз тир

буд ва дар як дасташ дастпушаки чармӣ ва дар дигараш камони калон буд.

“Ман тамоми рӯз кӯшиш кардам, ки хонаи шуморо ёбам”, хандид ӯ. “Дар охир марди фарбеҳ дар мағозаи деҳа ба ман гуфт, ки ту дар куҷо зиндагӣ мекунӣ. Чӣ хел зӯр барои ту, ки дар хонаи деҳқон зиндагӣ мекунӣ!” Ӯ гирдуатрофашро бо рӯи кушода нигоҳ мекард, тамоман шарм намедошт.

Вақте ки ӯ хукчаҳои обиро дид, ба назди онҳо нишаст, то онҳоро тамошо кунад.

“Ин дар ҳақиқат ба бобояш монанд аст, лекин ӯ хушрӯйтар ва наонқадар рӯбаланд аст. Ту ба ҳар ҳол бо инҳо бисёр хурсандӣ дорӣ.”

Каме дертар онҳо дар сӯҳбат бо ҳамдигар буданд. Онҳо дар бораи хукҳои обӣ, “марди даҳшатнок”, ҷаноб Михел ва мактаб гап мезаданд, ба монанди он ки якдигарро кайҳо боз мешинохтанд. Франк ҳоло бо ягон кас ин тавр гап назада буд ва ӯ аз ин хеле шод шуд.

“Ту камони нави маро дидаӣ?” пурсид яке Марк. “Он навтарин дар бозор аст. Дар мактаб шумо камонкашӣ меомӯзанд?”

“Ҳа”, ҷавоб дод Франк ва яке ғамгин шуд, “лекин чӣ тавре, ки ту мебинӣ, ман инро кардан наметавонам.”

Ҳайрон шуда Марк ӯро нигоҳ кард. Барои чӣ не? Дасти рости ту боқувват метобад. Бо дасти чапат чӣ карда метавонӣ?”

“Асосан онҳо чолок нестанд, тамом. Ман ҳамаи чизҳоро ба даст гирифтан метавонам, лекин почаам хеле суст аст.” Дар даруни Франк хиссиёти ҳаяҷонӣ пайдо мешуд.

“Хайр, агар ту бо он чизе доштан метавонӣ, ин аллакай мерасад. Ба ту танҳо қувват даркор, ки онро дошта тавонӣ ва ба сӯи мақсад дорӣ – ҳамаи дигарро дигар дастат мекунад. Кӣ медонад: яке ту ҳунар дорӣ. Биё ба ҳавлӣ меравем ва ту як заданро кӯшиш мекунӣ.”

Аз ин фикр дар ҳаяҷон Марк ба ҳавлӣ баромад ва дар рӯяш боварӣ дидан мешуд. Франк низ худро далертар ҳис кард. Марк ба ӯ камонро дод ва тез фаҳмонд, ки онро чӣ тавр дорад ва тирро ба куҷо монад.

“Акнун худро ба тараф мон ва саратро ба тарафи чап гардон. Ҳа, ин тавр рост”, таъриф кард ӯро Марк. “Акнун ба дастаки дар зан.” Овози

тир, ки мақсади худро расид, шунида мешуд. Франк худаш ҳайрон шуд, ки тир рост дар мақсадаш истод.

“Ана, боз якбор кӯшиш кун”, гуфт Марк. “Ҳар кас, ки сар мекунад, якум иқбол дорад.”

Лекин дуям тир низ мақсадашро расид ва Марк гуфт: “Ҳа, маро хуб фиреб кардӣ. Ба ман ҳеҷ чиз нагӯ; ту пеш аллакай машқ карда будӣ.”

“Не, бешухӣ не”, хандид Франк, “ман ба ту ваъда медиҳам, ки якбор дар умрам ҳоло камонро дар даст надоштам.”

Ӯ боз як тирро зад ва он ҳам дастаки дарро расид. Акнун Марк ҳайрон шуд ва ба ӯ нигоҳ кард.

“Ту медонӣ, ки кӣ ҳастӣ?” фарёд зад ӯ. “Ту ҳунармандӣ. Ту монанди камонзан метобӣ. Намуди заданат чӣ хел хуб аст. Ман ба ту чизе гуфтаниям! Дар ин таҳтил бо ту машқ мекунам ва ман намедонам, ки барои чӣ ту камонзани хуб шуда наметавонӣ. Онҳо ҳама ҳайрон мешаванд, вақте ки боз ба мактаб меравӣ.”

“Дар соли хониши дигар ман ба мактаби болоӣ меравам”, бенафас гуфт Франк, ”лекин дар онҷо онҳо хеле нағз дар камонкашӣ ҳастанд.”

“Ана дидӣ! Вақте ки ту дар мактаби нав сар мекунӣ ва дар ягон намудӣ варзиш, ба монанди камонкашӣ, чизеро метавонӣ, одамонро ба тарафи худ мекашӣ.”

“Ту дар ҳақиқат фикр мекунӣ, ки ман инро метавонам?” дудила пурсида Франк.

“Албатта”, ҷавоб дод Марк аниқ. “Ман ягон касро ҳоло надидам, ки нав сар карда, чунон хуб мезанад. Ту бояд ба дигарон дар мактаб хуб аҳамият медодӣ. Гӯш кун!” Марк тамоман ҳаяҷон шуд. “Мо бояд аввал барои ту анҷомҳоро ёбем. Ин камон барои ту вазнини бад аст. Ту метавонӣ камони кӯҳнаи маро, ки сабуктар аст, гирӣ. Ман ба ту ҳам дастпушак дода метавонам. Биё, ба хонаи мо ой ва мо ба мақсади ҳақиқӣ мезанем. Ман дар онҷо ҳадафи нишон дорам.”

Ҳаяҷонона гапзада, мерафтанд.

“Ту бояд дар пешкунакони ҷавонон дар Дифлинген иштирок кунӣ”, пешниҳод кард Франк. “Он дар дигар моҳ мешавад ва духтару писарон аз тамоми ноҳия иштирок мекунанд.”

“Бешухӣ?” пурсид Марк ва яке истод. “Гӯш кун, барои чӣ ту иштирок кардан намехоҳӣ? Агар ту кӯшиш ва бисёр машқ кунӣ, ин мешуд. Лекин ба ягон кас дар бораи ин нагӯ; баъд онҳо ҳайрон мешаванд.”

Франк аз хурсандӣ гӯё дигар дар либосаш намеғунҷид. Ӯ акнун ба худ боварӣ дошт. Вақте ки онҳо аз тарафи осиёб мегузаштанд, хурсандии ӯ дар як лаҳза нест шуд. Ба тарафи ӯ Ҳорст бо Роберт, Себастиан, дугоникҳо ва дуто аз кӯдакони хонума Фуҳрман меомаданд.

Акнун ҳама чиз мегузарад, ғамгинона фикр кард ӯ, вақте ки онҳо наздиктар меомаданд. Як чанд қадами дигар ва баъд Ҳорст фарёд мекунад: “Салом, Сустакак, ту баодобона дар Китоби Муқаддас хондӣ ва дуо кардӣ?” ва ҳама механданд. Ва баъд Марк ҳамааш дар бораи ӯ медонист ва ин охири дӯстияшон мешуд. Марк ба ҳар ҳол суст набуд ва бо як кас, ки суст ҳаст, гап намезад.

Лекин дигар хел шуд. Марк худаш ба тарафи онҳо рафта, камонашро меҷунбонд ва хурсандона механдид.

“Салом”, гуфт ӯ ба Сибилле ва Ҳайде, “ба фикрам шумо дугоникҳо ҳастед, ки ман ин саҳар дидам. Ман ҳама вақт мехостам, ки бо дугоникҳо шинос шавам.”

Ҳайде ба сӯи ӯ механдид. “Ва ба фикрам ту ҷияни шӯбони нав ҳастӣ”, гуфт ӯ. “Мо ба назди “кӯли безамин” рафта истодаем. Бо мо биёед; мо бисёр хӯрок бо худ дорем.”

“Меравем?” пурсид Марк Франкро. “Мо дертар ҳам ба хонаам рафта метавонем.” Франк сарашро ғамгинона меҷунбонд.

Вақте ки онҳо аз дарахтон мегузаштанд, ба ҳама як чиз маълум шуд. Онҳо мисли дар назди дигар бегонаҳо шарм намедоштанд. Ҳатто дилашон дар назди Марк кушода мешуд. Ӯ чунон бо шавқ гӯш мекард, ки худро мисли муҳимтарин одам ҳис карда мешуд. Ин ҳамаро шод мекард.

Дарав ӯ маркази гурӯҳ шуд ва ҳама бо ӯ гап зада, нақлҳои хандовар мегуфт.

Ҳама ғайр аз як кас. Ҳорст каме пушти дигарон мерафт, дастонашро дар рӯи сина маҳкам карда, қавқояшро гирифта. Якум бор дар зиндагияш ба ӯ аҳамият намедоданд. Ҳама ба дигар кас нигоҳ мекарданд ва механдиданд, агар ин дигар кас шӯхӣ мекард. Ӯ, сардори гурӯҳ, нағзтараш, ки дар хона мемонд, ба ӯ ҳеҷ кас аҳамият намедод. Рӯяш ториктар мешуд. Вақте, ки ба кӯл наздик мешуданд, Марк гуфт: “Дар ин ҷангал ҳиссиёти аҷоиб пайдо мешавад. Ба монанде ки лашкарони чӯб касеро маҳкам кардаанд.”

“Ҳа”, хандид Ҳайде, “дар инҷо бисёр ҳикояҳо ҳаст. Аввал он, ки дар ин ҷо ”марди даҳшатнок” аст.”

“Мо бо ӯ дина вохӯрдам”, ҷавоб дод Марк.

“Боз дар инҷо дев ҳаст” ба ёди Себастиан омад, “он дар кӯл зиндагӣ мекунад ва хеле хатарнок аст. Лекин агар ба даруни он хӯрок партоем, он ҳеҷ чиз намекунад.”

“Инро ба ту кӣ ҳикоя кард?” хандид Марк. “Ту ба ин бовар намекунӣ охир?”

“Албатта, бовар мекунам – Ҳорст инро ба ман гуфт”, ҷавоб дод Себастиан.

“Хайр”, давом дод Марк, “ман намедонам, ки кадомиятон Ҳорст ҳастед, лекин ба фикрам сари он нағз кор намекунад.”

“Мункин беҳтар кор мекунад, назар ба сари ту!” Ҳорст ҳис мекард, ки акнун бояд нишон диҳад, ки кист ва шод буд, ки имрӯз либоси нағзтаринашро пӯшид. Ӯ ба ин бегона ҳоло нишон медиҳад. “Ман дар инҷо сардор ҳастам ва чӣ ки ман мегӯям, он иҷро мешавад.”

“Ман шод ҳастам”, ҷавоб дид Марк, меҳрубон мисли ҳар вақт. “Набошад гӯй, ки чӣ мехоҳӣ?”

Ҳорст худро яке аҷоиб ҳис мекард. Лекин ӯ надонист, ки барои чӣ ва ба болои дарахти бурида нишаст. Ӯ кӯшиш кард, ки муҳим тобад.

“Биёед, пеш аз хӯрок оббозӣ меравем”, пешниҳод кард Ҳайде.

“Дар ин тарафи кӯл обаш чуқур аст, мо бояд ба дигар тараф равем”, гуфт Роберт.

“Чизҳои худро дар инҷо мемонем.”

Дере не, ки ҳама хандида, гап мезаданд. Онҳо хӯрокро ба як тараф монда, либосҳоро мекашиданд.

“Франки ҳурдакаки мо бисёри бад метарсад, то оббозӣ кунад, рост?” Овози Ҳорст чунон пур аз масхара буд, ки ба Франк сахт расид. Пурра оромӣ шуд.

“Ин чӣ маъно дорад?” пурсид Марк.

“Ту ҳоло Франкро хуб намешиносӣ, хайр не? Мо ба ҳар ҳол ӯро мешиносем. Ӯ Сустакаки тарсончак аст, ки ба фикрамон ҳатто почаҳояшро тар кардан намехоҳад. Ӯ дар ҳақиқат тарсончаки хурдакак аст.”

Рӯи меҳрубони Марк нест шуд ва дар ҷояш ранги сурхи ғазаб омад.

“Ту чӣ тавр метавонӣ чунин суханони бад гӯй?” фарёд зад ӯ. “Франк дӯстӣ ман аст.”

“Мункин! Лекин ӯ дӯсти ман нест ва ту ба ман гуфта наметавонӣ, ки ман чиро гӯяму чиро нагӯям.”

“Ҳа? Ман инро наметавонам?” савол дод Марк. Ӯ акнун дар ҳақиқат дар ғазаб буд.

“Агар ту боз чизи безеб мегӯӣ, ман туро бо дастони худ ба кӯл мепартоям – ба ман фарқ надорад, ки ту либоси зеботаринатро пӯшидаӣ ё не.”

“Инро ту танҳо кардан мехоҳӣ?” масхара кард ӯро Ҳорст. “Ман аз ту калонтар ҳастам ва ғайр аз ин ба ман дигарон ёрдам медоданд. Барои ҳамин ту инро наметонӣ! Ман инро ба ту исбот мекунам.” Рӯяшро ба Франк гардонада, гуфт ӯ: “Ту маъюби динӣ ҳастӣ, зиёдтар не. Рав аз инҷо! Ту дар инҷо кор надорӣ.”

“Хуб, ин бас аст!” гуфт Марк. Оҳиста ва бо фикр ӯ камону тирдонро ба замин монд. Ҳорст худро калон карда, дар ҷояш рост меистод ва ҳар як ҷунбиши Маркро мушоҳида мекард. Дар ин лаҳза ба Франк ҳикояи Ҷолиёт ва Довуд аз Китоби Муқаддас ба хотир омад.

Қадам ба қадам Марк ба Ҳорст маздик мешуд. Ин ба Ҳорст боварии сахттар ба худ медод. Ӯ ба ҳуҷуми якбораи Марк тайёр набуд. Ӯ намедонист, ки бо ӯ чӣ мешуд: яке почаҳояш азҷояш гирифта шуданд ва ӯ ба замин афтид. Марк пойҳои ӯро сахт дошта, ба тарафи кӯл

ҳаракат мекард. Ҳорст дар ҳақиқат хеле боқувват буд ва чун шер худро ҳимоя мекард, лекин Марк аз ӯ боқувваттар буд ва ӯро хуб дар назорат дошт. Ҳорст танҳо бо мушташ ҳаворо мезад.

“Рост наистед! Ба ман ёрдам диҳед, беақлон!” дод мезад ӯ, вақте ки ба кӯл наздиктар мешуд. Лекин ҳамаи онҳо аз ӯ безор буданд ва шод шуданд, ки як кас пайдо шуд, ки аз ӯ боқувваттар аст.

Бо кӯшиши хеле калон Марк Ҳорстро ба кӯл овард. Кашида, теъла дода ӯро ба кӯл партофт ва Ҳорст дод зада, ба об афтид.

Вақте ки сараш аз об боз баромад, ӯ кӯшиш кард, ки дар соҳил чизеро дорад, лекин соҳил аз харсангҳои тар иборат буд. Ӯ бо дасташ лағшид ва боз ба даруни об афтид. Боз якбор намоён шуд ва дод зад: “Ёрдам диҳед! Ман шино кардан наметавонам. Ман ғарқ мешавам!”

“Оҳ не – ман ӯро куштам!” фарёд зад Марк ва фикр накарда ба кӯл парид.

Бекор ӯ дар соли гузашта курси наҷотдиҳиро накарда буд. Ӯ ба назди Ҳорст расида, ӯро ба қафо тоб дод ва ӯро дошта, ба соҳил шино кард. Сари Ҳорстро бемалол дар рӯи об дошт.

Вақте ки онҳо ба назди соҳил расиданд, ки об дар онҷо он қадар чуқур набуд, онҳо дар болои замин истода метавонистанд. Ҳорст обро аз чашмонаш тоза кард ва лойро аз либосаш шуст. Дигарон ба тарафи онҳо давида меомаданд, лекин вақте ки чашмони пур аз кина ва қаҳрро диданд дар ҷояшон истоданд.

“Ман ҳеҷ гоҳ туро намебахшам – бачаи шӯбон”, гуфт Ҳорст ва дар ҷангал нест шуд.

Ҳама Маркро нигоҳ мекарданд, то бинанд, ки ӯ аз суханони Ҳрост метарсад ё не. Лекин Марк оромона майкаашро мекашид ва обро аз он меҷафид. Ӯ ба дигарон нигоҳ кард ва оромона пурсид: “Хӯрок дар куҷост? Ман аз гушнагӣ мемурам.” Бо ин суханон ӯ нишаста хӯрданро сар мекард. Чунон менамуд, ки одамонро ба кӯл партофтан ва баъд ба онҳо наҷот додан барои ӯ кори ҳаррӯза буд.

Онҳо ҳама каса ба хона мерафтанд. Дар назди хонаи шӯбон онҳо чизи аҷоиб диданд. Нисфи мошини кӯҳна дар гараж буд ва дигар қисмҳои он дар тамоми алафзор парешон буданд. Чархҳо дар як

тараф, қисмҳои мотор дар дигар тараф ва курсиҳо дар назди дари хона. Ҳамааш, кӣ аз шӯбон дида мешуд, ду почаи дароз буданд, ки дар таги мошин намоён буданд.

“Бо мошин чӣ шуд? Он дигар кор намекунад?” пурсид Себастиан.

“Ба фикрам то ҳол кор мекунад, лекин боз вақти дер не. Не, тағоям онро ҳар рӯзи шанбе ба қисмҳо ҷудо мекунад – ин кори дӯстдоштаи ӯ аст. Лекин ӯ баъд аз он дигар дар ёд надорад, ки кадом қисм ба кадом қисм бояд ҳамроҳ шавад. Ин хел мошинсозкунакон пули худро кор мекунанд.”

Дар ин лаҳза зани зебо бо табақ дар даст аз дар баромад ва қариб аз болои курсиҳои мошин меафтид. Меҳрубонона ба мошин так-так кард ва гуфт: “Биё Георг, каме пирог хӯр, он ҳоло гарм аст.” Вақте ки ӯ кӯдаконро дар дарвоза дид, ба тарафи онҳо гуфт: “Биёед, ман бисёр пирог дорам. Имрӯз рӯзи пухтупазии ман аст.”

Феъли ӯ ба феъли писараш монанд буд, вақте ки ӯ табақро ба дасти кӯдакон дод. Намуди ӯ чунон наметофт, ки имрӯз рӯзи пухтупазии ӯст. Пешбандаки ӯ бедоғ буд ва мӯйсараш тахткарда, дар ҷояш буд. Ба монанди хонума Фуҳрман не, ки арақ карда, сурх мешавад ва либосаш пур аз орд, фикр кард Франк.

Пур аз равған шӯбон аз таги мошин баромад. Ҳеҷ кас “салом” гуфта наметавонист, чунки даҳони ҳамаашон пур аз пирог буд.

Франк бо хурсандӣ пирогро мехӯрд ва ба ӯ он хеле Маъқул шуд. Лекин яке ӯ дид, ки модари Марк ӯро нигоҳ карда, фикр мекард. Ӯ шарм медошт, вақте ки ӯро ин тавр нигоҳ кунанд ва ӯ боварӣ дошт, ки ё либосаш ё рӯяш бояд чиркин бошад. Барои ҳамин дар пушти китфи калони Роберт баҷо мешуд.

Яке ӯро пурсид: “Ман туро дар як ҷой надида будам?”

“Ин дина дар вокзал буд, оча”, гуфт Марк бо даҳони пур.

“Не, ман туро пеш дида будам, не? Солҳо пеш. Ё ту ба як кас монандӣ, ки ман мешиносам, лекин кӣ?”

Рӯй зан боз равшан шуд. “Ҳеҷ гап не”, гуфт ӯ. “Ин ҳоло ба ёдам меояд. Ба фикрам ҳангоми оббозӣ ё дар ҷамоат ё дар дигар ҷой”, ва хандида ба ҳама боз пирог дод.

“Метавонанд пагоҳ дӯстони ман ба чойнӯшӣ биёянд? Ба ман маъқул, вақте ки мо рӯзи якшанбе бисёр меҳмон дорем. Мо метавонем пас аз ин ҳама каса ба ҷамоат равем”, ба модараш пешниҳод кард Марк.

“Ман чунон бисёр пирог дорам, ки метавонам як лашкарро сер кунам. Мумкин нағзтар, агар онҳо биёянд ва ба хӯрдан ёрдам диҳанд”, ҷавоб дод модар.

Шӯбон аз Себастиан ва Роберт хоҳиш кард, ки дар часпондани чархҳо ёрӣ диҳанд. Духтарон курсиҳоро тоза мекарданд ва Марк бо Франк рафт, то камони сабукро ёбад.

“Бачаҳо!” гуфт Себастиан, вақте ки онҳо ҳама каса ба хона мерафтанд. “Ман аллакай ҳозир шод ҳастам барои пагоҳ. Ман тамоми рӯз ҳеҷ чиз намехӯрам, то ки хуб гушна бошам.”

“Ва мо либосҳои навро мепӯшем. Ва пойафзоли баланд ”, гуфт Сибилле.

“Оҳ не!”, оҳ кашид Ҳайде. ”Ман инро тоқат намекунам!”

“Бале, мо инро мекунем. Мо бояд нағз пӯшем, вақте ки даъват шудаем”, ҷавоб дод Сибилле ноз карда.

Ҳама дар ҳаяҷон буданд. Охир, ҳар рӯз ба чойнӯшӣ даъват намешуданд. Ҳатто Роберт, ки дӯст медошт дар рӯзи якшанбе хуконро хӯрондан, меомад, вақте ки пироги бомаззаи зани зеборо ба ёд меовард. Танҳо Франк ҳангоми хона рафтан ғам хӯрд. Марк гуфта буд, ки онҳо пас аз чойнӯшӣ ба ҷамоат мераванд.

“Ман чӣ тавр ба ҷамоат равам?”, фикр кард ӯ. “Як кас метавонад инро ба падарам гӯяд ва баъд ҳама чиз тамом мешавад.” Лекин дар охир шавқаш бисёртар буд. Ӯ донистан мехост, ки дар ин ҷамоат чӣ рӯй медиҳад. Ва ӯ наметавонист ба чойнушӣ раваду ба ҷамоат не. Ва ӯ медонист – ӯ ба ҳар ҳол ба чойнушӣ меравад.

“Барои чӣ Марк ба ҷамоат меравад?” фикр кард ӯ. “Ба фикрам, тағояш ӯро маҷбур мекунад, мисли дугоникҳо, ки волидонашон онҳоро маҷбур мекунанд. Ба хаёлам ӯ инро бад мебинад, чунки ӯ ин намуди одам нест, ки бо дин ягон кор доштан мехоҳад.”

## Силвия Моҳр кист?

Дар Швартсенеқ вақти хӯроки нисфирӯзӣ буд ва онҳо мисли ҳар бор лӯбиёи ҷӯшондагӣ мехӯрданд. Фарнк чуқур нафас кашида пурсид: ”Падар, маро ин нисфирӯзӣ ба чойнӯшӣ даъват кардаанд.”

Падар ӯро дар аввал нашунид, чунки бо фикраш дар рӯзнома буд.

“Ман чӣ кунам, агар ӯ пурсад, ки ман ба куҷо меравам”, фикр кард Франк. Ӯ медонист, ки падараш ӯро ҳеҷ гоҳ ба хонаи шӯбон намемонд.

“Ман гуфтам, ки ба чойнӯшӣ даъват шудам”, такрор кард ӯ тарсида.

“Чӣ хел?”, пурсид ӯро падар ва танҳо барои лаҳзаи кӯтоҳ чашмашро аз рӯзнома бардошт. “Бешухӣ? Илтимос, ба ман як пиёла каҳва резон.”

Франк, ки ҳоло ягон бор ба чойнӯшӣ даъват нашуда буд, аз ин хеле дар ҳаяҷон буд. Вақт то чойнӯшӣ барои ӯ дароз мегузашт.

“Ман чизи соз барои пӯшидан надорам”, фикр кард ӯ ва либосҳояшро кофт. Либосҳои падараш ва худаш бисёр сӯрохиҳо доштанд, чунки хонума Фуҳрман дӯхтанро бад медид. Хулоса ӯ аз Адалберт як галстуки зард бо даврачаҳои сурх гирифт ва худро бо он хеле хубтар ҳис кард.

Онҳо бо ҳамдигар маслиҳат карда буданд, ки бо ҳамдигар дар мактаб вомехӯранд ва баъд ҳама каса ба хонаи Марк мераванд. Ҳеҷ кас намехост, ки танҳо дар он ҷо расад. Вақте ки Франк ба саҳни мактаб расид, Себастиан аллакай интизор шуда, дар болои девор нишаста буд. Мӯйи сари ӯ бо об шона карда буданд.

Духтарони хурдатарини хонума Фуҳрман омада истода буданд. Онҳо ҷанг мекарданд, ки Марк дӯсти кадомияшон мешавад.

“Духтарон чӣ хел аҷоиб ҳастанд”, фикр кард Франк, вақте ки дугоникҳо бо пойафзоли баландашон омаданд. Сибилле он пойафзолро чунон мепӯшид, ки гӯё онҳоро як умр пӯшада буд, лекин Ҳайде ларзида-ларзида роҳ мегашт. Яке, қариб назди дарвоза, почаҳои Ҳайде қад шуданд ва ӯ дод зада ба даруни об афтид. Вақте ки ӯ боз рост истод, либоси сафеди ӯ пур аз лой буд ва дар зонуи ӯ сӯрохии калон намоён шуд.

“Ана чӣ шуд!” ба сӯи хоҳараш дод зад ӯ. “Пойафзоли намешуданӣ! Инаш ҳатто шикаст!”

“Оҳ, хоҳарҷонам, ту акнун чӣ кор мекунӣ?” фарёд зад Сибилле, надониста, ки чӣ кор кунад. “Ту акнун бояд ба хона равӣ.”

“Ҳамааш, фақат ин не!” аниқ гуфт Ҳайде. “Чӣ? Чойнӯширо танҳо барои каме лой ва як сӯрохча монам? Ман як пойафзоламро дар инҷо мемонам ва бо як поча мегардам – инро ҳеҷ кас намефаҳмад.”

Танҳо ин хел фикр дили тозаи Сибиллеро вайрон мекард, лекин Ҳайде ғам нахӯр. Ҳайде мехост, ки гул чинад. Ӯ ба болои девор баромад, ки дар зонуи дигараш низ сӯрох шуд. “Хуб! Акнун ҳардуяшон якхела метобанд”, гуфт ӯ бо розигӣ.

“Роберт дар куҷо бошад?” савол дод Себастиан. “Ман қариб аз гуруснагӣ мемурам. Имрӯз ҳоло тамоман ҳеҷ чиз нахӯрдам. Агар ӯ тез накунад, мумкин дер мекунад ва ман аз гуруснагӣ мемурам.”

Дар ин лаҳза Роберти ғазабнок ва арақфишон давида омад.

“Ин хел бад буд”, нафаскашида гуфт ӯ. “Ман танҳо тез, пеш аз рафтанам, оғили хукҳоро тоза карданӣ будам,. Лекин ман чунон чиркин шудам, ки модар гуфт, ки бояд оббозӣ кунам. Ман оббозӣ кардам ва либоси нав пӯшидам. Ӯ гуфт, ки ман ҳоло ҳам бӯи хук мекунам.” Ва ин ҳам дуруст буд!

Онҳо ба роҳ баромаданд, ки Ҳорст бо дучархаи наваш аз пешашон гузашт.

“Салом”, фарёд кард ӯ, “барои чӣ шумо ҳама ин хел либос пӯшидед? Ба тӯй меравед?”

“Не, мо ба чойнӯшӣ ба нази Марк меравем Ту даъват нашудӣ?” урсид Себастиан, мисли ҳама вақте беаҳамиятона.

“Не!”ҷавоб дод Ҳорст бо ханда. “Ман кори беҳтар дорам. Ба фикрам шумо “имондор” мешавед ва аз ҳозир ҳама вақт ба ҷамоат меравед. Шумо танҳо мехоҳед, ки бо ин бачаи шӯбон дӯст бошед. Паҳ! Шумо чӣ хел соддадил ҳастед! Ман акнун меравам ва камонкаширо машқ мекунам.”

Инро гуфта роҳашро давом дод, лекин дар дилаш орзу мекард, ки ӯро даъват мекарданд.

Вақте ки ба хонаи Марк расиданд, онҳо ҳама яке шарм доштанд ва орзу мекарданд, ки намеомаданд. Ҳатто Ҳайде кӯшиш кард, ки бо куртааш сӯрохиҳоро пӯшонад. Онҳо аз миёни қисмҳои мошин роҳ кофта, ба дари хона мерафтанд. Чунон менамуд, ки шӯбон боз мошинашро якҷоя карда натавонист. Онҳо ҳама дар назди дар ҷамъ шуданд, лекин ҳеҷ кас нахост, ки зангро пахш кунад. Вақте ки онҳо фикр карданд, ки кӣ зангро мезанад, дар кушода шуд ва бадани калони шӯбон пайдо шуд.

"Даромадан гиред", бо хандаи калон онҳоро ба хона даъват кард. Ӯ чунон калон буд, ки гӯё овоз аз се метр баландӣ бошад.

Онҳо даромаданд ва намедонистанд, ки бо дастону пойҳояшон чӣ кор кунанд. Онҳо худро беҳтар ҳис карданд, вақте ки Марк дар дари меҳмонхона пайдо шуд.

"Модарам гуфт, ки шумо даромада метавонед; шумо бояд гушна бошед", гуфт ӯ.

"Мо дар ҳақиқат ҳам гушна ҳастем", ҷавоб дод Себастиан ва пеш рафта, албатта почаи бепойафзоли Ҳайдеро зер кард. Вақте ки онҳо мизро диданд, дар ҷояшон истоданд. Франк танҳо ҳайрон шуд. Ӯ ҳеҷ гоҳ тассавур карда наметавонист, ки ин хел чизҳои бомазза вуҷуд дорад. Як пироги шоколадӣ, якто каҳвагӣ ва якто лимӯгӣ дар рӯи миз буданд; як табақи калон бо печениҳо ва кӯҳи қаймоқ; се намуди нони хонагӣ; як табақи калон бо печенҳои шоколадӣ, нон бо мураббои қулфинай ва дар мобайн як бисквити калон бо қаймоқу олуча. "Оҳ!" гуфт Себастиан бо чашмони калон. "Оҳ!"

Онҳо нишастанд ва Франк хост, ки интихоб кунад, ки аз чӣ сар кунад, ки яке шӯбон гуфт: "Мо мехоҳем пеш аз саркардан шукр гӯем."

Акнун Франк фикр кард, ки онҳо бояд ба хоҳари шӯбон раҳмат гӯянд. Лекин ҳеҷ кас чизе намегуфт ва ӯ чизи аҷоибро дид. Марди калони мӯисафед хандид, чашмонашро пӯшид ва сарашро хам кард ва мегуфт – мисле ки бо шиноси хуб гап мезанад : "Худоҷон, мо мехоҳем ба ту барои ин хӯроки бомазза шукр гӯем ва барои хурсандие, ки мо якҷоя дорем. Моро баракат деҳ, вақте ки баъд ба назди хонаи ту меравем. Моро дар дасти худ нигоҳ кун. Омин."

Франк нишаста, ӯро бо чашмони калон нигоҳ кард. Ӯ яке дигар гурусна набуд. Ҳамаи дигарон бо хӯрдан сар мекарданд ва сӯҳбат карда, ба якдигар, табақча ва пиёла дароз мекарданд. Лекин Франк ин ҳамаашро нафаҳмид, мисле ки онҳо вуҷуд надоштанд. Ӯ чунон дар ҳайрат буд, аз чизи дидагияш. Дар ҳақиқат бо ӯ гап задан! Франк боварӣ надошт, ки инро касе то ҳол мекунад.

"Ва чунон менамуд, ки гӯё ӯ аз ин хурсанд аст", фикр кард ӯ, лекин яке ба ёдаш омад, ки Ҳорст чӣ гуфта буд. "Мумкин ӯ инро бояд аз барои касбаш кунад", гуфт ӯ ғамгинона. "Марк бояд ӯро бад бинад."

Ҳайде ӯро дар таги миз бо поча зад ва ӯ аз фикрҳояш хест. "Биё, Франк", гуфт ӯ, "то ту аз хобат мехезӣ, ҳеҷ чиз намемонад." Ӯ яке мефаҳмад, ки иштиҳояш боз баргашт ва бо хурсанди худро пушти "кор" кард.

Барои ҳар як бурда, ки ӯ мехӯрд, Себастиан шашто мехӯрд ва дар охир ӯ танҳо нишаста ӯро бо ҳайрат тамошо мекард. Чор дона пироги қаҳвагӣ, шашто печен, даҳ нон бо мураббо, нуздаҳ дона печени шоколадӣ ва се порс бисквит дар даҳонаш нест шуданд. Албатта он ҳисоб намешуд, ки Себастиан чиро пеш аз тамошои Франк хӯрда буд.

"Акнун", гуфт ӯ бо рӯи сурх ва даҳони пур аз қаймоқ, "акнун ман худро беҳтар ҳис мекунам."

Баҳд аз чойнӯшӣ онҳо ҳама ба берун мераванд ва болои алаф ё болои курсиҳо дар берун менишастанд. Вақте ки ҳама ҷояшонро гирифтанд, Марк гуфт: "Тағо, ба мо нақл кунед, ки мӯйи сари шумо чӣ тавр сафед шуд."

"Ҳа", сар кард шӯбон ва яке аз почаҳои дарозро аз болои дигараш гузошт, "ман аллакай ҳама вақт мошинҳоро дӯст медоштам. Вақте ки ман ҳоло дар мактаб будам, ман мошини варзишии директорамонро гирифтам, то каме тамошо равам. Ман педали газро зер кардам ва ба суръати баланд расидам, ки даҳшат сар шуд. Ман бо яксаду бист аз кӯҳ фаромадам, ки фаҳмидам, ки тормозҳояш кор намекунанд. Аввал ман дарахтонро буридам, баъд аз болои ҷӯбор паридам ва дар охир дар гандумзор расидам. Мошин чандин бор аз болои худ тоб хӯрд ва оташ хӯрда, тамоми гандумзорро оташин кард. Ман ҳеҷ дард наёфтам

(ба ҳар ҳол пеш аз даромадан ба кабинети директор), лекин вақте ки рӯзи дигар саҳар хестам мӯйи ман сап-сафед буд. Ин тавр то ҳозир монд.”

Ин ҳикоя ба ҳама хеле таъсир кард. Роберт нақл кард, ки чӣ гуна ӯро буқа сур карда буд. “Мӯйи ман сафед нашуд, лекин ман боз се рӯз пас ҳиққақ доштам.” Акнун ҳама хандиданд.

“Биёед як суруд мехонем, баъд аз он ки ҳама боз ба нафаскашӣ даромаданд”, пешниҳод кард шӯбон. ”Марк, илтимос гитарраятро биёр.”

Онҳо суруд мехонданд. Ҳеҷ кас онҳоро намешинохт, лекин онҳо сурудҳоро тез ёд гирифтанд ва бо овози баланд якҷоя мехонданд, ҳангоме Марк бо гитарра менавохт. Сурудҳо дар бораи Худо буданд, лекин Франк ба он аҳамият намедод, чунки Себастианро мушоҳида мекард. Ӯ бо рӯи сап-сафед дар рӯи курсӣ нишаста буд. Аз рӯяш маълум буд, ки ӯ худро бад ҳис мекард ва ҳатто гӯшҳои калони ӯ сафед буданд.

“Ба мо як сурудро танҳо хон, Марк”, гуфт зани зебо, ки дар болои курсӣ мисли малика дар тахт менамуд.

“Хуб. Ман инро дар соли гузашта омӯхта будам”, гуфт ӯ ва бо хондан сар кард:

“Исои Масеҳ бо ман аст,
Бале, Исои Масеҳ бо ман аст.
Ӯ зиндагиашро барои ман дод
Ва хушбахтиро низ дод.
Исои Масеҳ бо ман аст.”

Овози ӯ хеле зебо набуд ва бозии ӯ дар гитарра низ оличаноб набуд, лекин рӯи ӯ дар вақти хондан аҳамияти Франкро ҷалб кард. Франк ӯро нигоҳ кард, мисли тағои ӯро ҳангоми хӯрокхӯрӣ нигоҳ карда буд.

Баъд аз ин суруд ҳеҷ кас ҳеҷ чиз нагуфт. Онҳо ҳис карданд, ки ӯ ба ҳар як калимаи ин суруд бовар мекунад.

“Албатта”, фикр кард Франк, “ӯ гуфтанӣ нест, ки Исо бо ӯст, мисли бо ман буд. Марк инро ба ҳар ҳол беақлӣ меҳисобад.”

Яке модари Марк аз ҷояш хест ва “Оҳ!” фарёд зад.

“Чӣ шуд?” шӯбон ҳайрон шуд. “туро занбӯр газид?”

“Не, ба ёди ман омад, ки Франк ба кӣ монанд аст. Ӯ ба Силвия монанд аст.”

“Ва Силвия кист?” пурсид шӯбон.

“Номи ӯ Силвия Моҳр буд, ман ба назди ӯ рафта будам, он тобистон, ки ту касал будӣ. Ӯ дар хонаи тағояш буд.” Ӯ ба тарафи Франк нигоҳ кард ва давом дод: “Силвия духтари меҳрубонтарин, ширинтарин ва зеботарин буд, ки ман дида будам. Мо дар он вақт нӯҳ сола будем ва дигар якдигарро надидем. Лекин ту ба ӯ монанд ҳастӣ; ту мумкин хеши ӯ бошӣ?”

“Ба фикрам не; ман ҳеҷ чиз дар бораи ӯ намедонам”, шарм дошта гуфт Франк. “Лекин”, ӯ илова кард , “ман ба фикрам ин номро шунида будам.” Ӯ дар хотирааш мекофт, лекин ба ӯ ғайр аз шона ҳеҷ чиз ба ёд наомад!

“Ҳеҷ гап не”, гуфт хонума Таннер шодҳол. “Ба фикрам акнун дар ҳақиқат вақт шуд, то ки ба ҷамоат равем. Чизҳоятонро пӯшед ва мо меравем.”

Дугоникҳо шабкаҳои худро бо гули суннӣ пӯшиданд ва Роберт, ки ҳоло ҳам бӯи оғил мекард, камарбандашро камтар кушодтар кард.

“Ман дар ҷамоат шишта наметавонам, агар камарбандам хӯроки бадамро маҳкам кунад.”, гуфт ӯ вақте ки онҳо ба роҳ баромаданд.

“Ман боварӣ дорам, ки шумо ҳама баъд аз ҷамоат боз гушна ҳастед”, хандид зани зебо. ”баъд шумо бояд ҳама ба хонаи мо биёед ва давомашро хӯред – гарчӣ бисёр намонда бошад ҳам”, гуфт ӯ ва ба тарафи Себастиан хандид.

Лекин Себастиан нахандид. Рӯи ӯ рангу сабзро қабул кард ва мӯйҳояш рост меистоданд. “Ҳар лаъза”, гуфт ӯ, “ман бояд...” Ва ӯ бояд...

”Бечора”, гуфт модари Марк. “Туро ба хона барам?”

“Не, раҳмат”, гуфт Себастиан қаноатманд. “Ман худамро беҳтар ҳис мекунам ва акнун боз ҷой дорам барои хӯроки бегоҳӣ.”

Вақте ки онҳо ба ҷамоат наздик мешуданд, дили Франк сахттар мелаппид. Ӯ одамонро дид, ки ба тарафи ӯ нишон медоданд. Ва ӯ

шунид, ки яке аз онҳо гуфт: “Инро бин! Писари Шафер ба ҷамоат меояд. Оё падари ӯ медонад, ки ӯ дар куҷо аст?”

“Ман шарт мекунам, ки пагоҳ як кас инро ба падарам мегӯяд”, бо тарс фикр кард Франк.

Лекин ҳангоме ки онҳо ба дар наздик шуданд, ӯ падарашро фаромӯш кард. Ӯ хеле мехост дидан, ки дар пушти дар чӣ аст.

Аввал ӯ аз деворҳои оддии сафед ва харакҳои вазнини чӯбин пушаймон буд. Ӯ фикр кард, ки дар инҷо фариштаҳо ҳастанд ё ки ҳатто Худо. Лекин ин танҳо вокзалро ба хотир мерасонид. Онҳо ҳама ба харакҳо нишастанд ва шӯбон омад.

Ӯ либосе пӯшида буд, ки ба либоси шаб монанд буд. Акнун Франк хеле ҳайрон шуд. Ӯ на Китоби Муқаддасро мефаҳмид на сурудномаро. Хонума Фурман чунон баланд пианино менавохт, ки гӯё бом меафтад. Дар пушти ӯ нӯҳ кӯдаконаш ва шавҳараш нишаста буданд. Шавҳараш чунон баланд мехонд, ки доди кӯдаки хурдтарин намоён намешуд.

Франк оҳиста ба гапи Ҳорст боварӣ кардан гирифт, ки Шӯбон суханашро сар кард.

“Имрӯз ман дар бораи ояти 8 дар китоби Яъқуб боби 4 гап задан мехоҳам “ба Худо наздик шавед ва ӯ ба шумо наздик мешавад””, хонд шӯбон.

Франк бодиққат гӯш кард. Ин суханро дар куҷо шунида буд? Ӯ инро хеле хуб медонист. Ва акнун ба ёдаш зад: албатта, ин ояте буд, ки бибикалонаш ба Китоби Муқаддас навишта буд.

Овози шӯбон дар ҷамоат хеле баланд буд. “Якуме, ки мо бояд бовар кунем, вақте ки ба Худо наздик шудан мехоҳем”, гуфт ӯ, “ин аст, ки ӯ ҳақиқат аст. Ӯ на фақат дар осмон аст, балки шахсияте, ки бо мо якҷоя будан мехоҳад.”

Шӯбон боз бисёр чиз мегуфт, лекин Франк дигар гӯш намекард. Яке ӯ боз ҳамон ҳисиёт дошт, ки ҳангоми хондани Китоби Муқаддас дошта буд. Он ҳиссиёт тамоми биноро фаро гирифт ва ӯ худро беҳад шод ҳис мекард. Ӯ шод буд, вақте ки бо Марк якҷоя буд ва ӯ шод буд, вақте ки Марк Ҳорстро ба об партофт. Ӯ шод буд, вақте ки ба хонаи

Марк даъват шуд, лекин ин ҳамааш шодии рӯякӣ буд. Акнун ӯ шодии ҳақиқӣ ҳис мекард, ки дар тамоми баданаш паҳн мешуд.

Ин ҳиссиёт дар ӯ намонд, вақте ки ӯ ҷамоатро тарк кард. Ӯ боз ба хонаи Марк нарафт, то ки падараш ӯро накобад ва напурсад, ки ӯ дар куҷо буд.

“Ман чӣ кор кунам?” гуфт ӯ ва сангчаро бо пояш тела кард. “Як қисми ман мехоҳад ба Худо наздик шавад, лекин дигар қисми ман мегӯяд, ки ман сустфеъл ҳастам, агар инро кунам. Агар ман медонистам, ки кӣ дар ҳақ аст – Ҳорст ё шӯбон. Ман ҳам намедонам, ки Марк дар ҳақиқат фикр мекунад, ки Исои Масеҳ доим бо ӯ аст.”

Дар ин шаб ӯ хоб рафтан наметавонист. Ӯ рӯяшро ин сӯ ва ба он сӯ тоб медод. Лекин вақте ки ӯ рӯзи дигар хест, ӯ донист, ки чӣ кор кунад.

”Ман аз Марк мепурсам”, фикр кард ӯ. “Ман ба ӯ бисёртар бovarӣ дорам назар ба Ҳорст.”

Ӯ мӯяшро сахт бо шонаи кӯҳнаи нуқрагин шона мекард. Яке ӯ ҳарфҳоро дид, ки дар рӯи нуқра нависта буданд – С.М. - , ва яке ӯ фаҳмид, ки Силвия Моҳр кӣ буд.

## Дӯсти нав

“Ман намедонам, ки ба ту чӣ бигӯям. Ту вундеркинд ҳастӣ!” гуфт Марк ва ба ҳадафи нишон нигоҳ кард, ки тири Франк дар он буд. ”Ту чашми хеле хуб дорӣ!”

Онҳо тамоми рӯз дар пушти хонаи шӯбон то хасташавӣ машқ карданд. Франк ҳис кард, ки дар дасти росташ қуввае пайдо шуд, ки бисёр писарон дар синну соли ӯ надоштанд. Ӯ охир танҳо дасти росташро истифода мебурд.

Марк аз пешравии ӯ хеле фахр мекард. Вақте ки онҳо дар рӯи алафҳо ҷой гирифтанд, ӯ гуфт: “Ман тоқат намекунам, то рӯйи Ҳорстро набинам, вақте ки мефаҳмад, ки ту зидди ӯ дар мусобиқа бозӣ мекунад.”

“Ҳа”, хандид Франк, “ва ҳам муаллим Клаар ҳайрон мешавад. Ӯ ҳамаашро дар нақша дорад. Ба фикрам ман чунон ҳаяҷон мешавам, ки нодуруст зада, дилашро мезанам.”

“Ин чизе мебуд!” хандид Марк. “Намуди ӯ дар ҳақиқат аҷоиб аст.”

“Марк, мумкин ман туро як чиз пурсам?” яке Франк оромтар шуд ва шарм дошт.

“Ба ман танҳо савол дар бораи забони фаронсавӣ ва дар бораи математика надеҳ”, гуфт Марк ва дастонашро дар пушти сараш гузошт.

“Ту дар ҳақиқат гуфтанӣ будӣ, ки Исои Масеҳ дар ту аст?”

“Албатта! Ту инро бовар кардан метавонӣ”, гуфт Марк ва якбора аз ҷояш хест. “Мо ин сурудро хеле бисёр дар гурӯҳи талабагии масеҳӣ мехонем.”

“Набошад ту фикр намекунӣ, ки касе ки бо дин сару кор дорад, сустфеъл аст?” ҷавобе, ки Франк интизор буд, барои ӯ хеле муҳим буд ва ӯ дасташро асобона пӯшиду кушод.

“Не, инро фақат касе гуфта метавонад, ки ба интернат намеравад. Дар онҷо масеҳиён сустфеҳл будан наметавонанд!”

“Ту набошад фикр мекунӣ, ки писарон дар синну соли мо ҳастанд, ки шавқ ба Худо доранд? На танҳо одамони пир ва шӯбонҳо?” Агар дастонаш чунон дар намекарданд, ӯ ин ҳамаашро ҳам чун хоб фикр мекард.

“Оҳ не!” ҷавоб дод Марк бо бовари худ. “Ту чӣ хел ба ин фикр омадӣ? Ин ба фикрам аз ин аст, ки ту дар деҳа зиндагӣ мекунӣ. Дар шаҳри Гласшдат, ки мо пеш зиндагӣ мекардем, ҳам одамони ҷавон ба ҷамоат меомаданд. Медонӣ, ин чизи зӯр аст, вақте ки мо масеҳӣ ҳастем! Барои чизе мо зиндагӣ кардан метавонем, ки барои он мубориза бурдан меарзад. Лекин албатта, масеҳӣ буданд на ҳама вақт осон аст. Ба фикрам, барои ҳамин бисёр ҷавонон низ масеҳӣ мешаванд. Дар замони ҳозира моро ба назди шерон намепартоянд, лекин моро ҳоло бисёр масхара мекунанд. Дар бораи ин ман ба ту бисёр чиз нақл карда метавонистам!”

“Ту ҳама вақт масеҳӣ будӣ?” савол дод Франк. Ӯ хост, ки Франкро чунон дер пурсад, то ҳамаи саволҳоро донад.

“Не. Вақте ки ман чор сол пеш ба интернат рафтам, ин ҳамааш маро хеле монда мекард. Падари ман вафот кард ва мо ба назди тағоям кӯчидем. Ман ягон кор бо Худо доштан намехостам. Дар мактаби ман тақрибан даҳ талаба масеҳӣ буданд. Мо онҳоро масхара кардан хеле дӯст доштем ва ба онҳо ҳар чизи бад мегуфтем. Лекин рӯзе пилот (лётчик) ба мактаби мо омад ва бо мо гап зад. Ӯ марди зӯр буд; Ӯ ҳар рӯз тайёраи калонро ба Америка парвоз мекард. Хайр ӯ ба мо ҳикоя карда буд, ки чӣ тавр пеш ҳама вақт масеҳиёнро дар мактаби пилотӣ масхара карда буд. Лекин рӯзе ба ӯ маълум шуд, ки онҳо чизе доранд, ки ӯ надорад ва ӯ ҳам хост, ки масеҳӣ шавад. Баъд аз оне ки ӯ суханашро гуфт, ман бо ӯ гап задам ва баъд рафта, худамро дар ҳаммом қуфл кардам. Ман дар онҷо дуо кардам ва масеҳӣ шудам. Як хел аз писарон маро масхара мекарданд, лекин баъд аз он низ масеҳӣ шуданд ва ба ман гуфтанд, ки онҳо танҳо бахилӣ дошта, ин корро мекарданд.”

Оромии дароз шуд ва Франк бо тираш бозӣ мекард. Ӯ мехост ба Марк ҳамаашро гӯяд: чӣ тавр ӯ Китобо Муқаддасро ёфта буд ва чӣ хел Исои Масеҳро ҳис карда буд, лекин ӯ натавонист.

Охир Марк гап заданро сар кард. “Ҷаноб Михел ба ман дар бораи падарат нақл кард”, гуфт ӯ бо овози ором, ки ба овози оддии ӯ монанд набуд. “Дар бораи он ки ӯ Худоро бад мебинад. Ба фикрам ту низ ин хел ҳиссиёт дорӣ. Ба фикрам ту ҳам маро бад мебинӣ, барои он ки ман Масеҳӣ ҳастам”, давом дод ӯ ва якум бор дар зиндагияш шарм дошт.

“Оҳ не!” фарёд зад Франк. Ва баъд ӯ ҳама шармро гум карда тамоми ҳодисаҳоро нақл кард: “Ва рӯзе Ҳорст маро дид, ки ман Китоби Муқаддас мехонам”, хулоса кард ӯ. “Ӯ гуфт, ки танҳо сустфеълон Китоби Муқаддас мехонанд ва онро аз дастам гирифт. Пас аз он, ки Исои Масеҳ дар салиб мурд, чӣ рӯй дод?”

“Оҳ, ту қисми беҳтаринро нахондӣ”, ҷавоб дод Марк бо овози оддияш, ки ҳама вақт ҳаяҷон буд. “Ӯ баъд аз он боз аз мурдагон бархост.”

“Ва баъд аз ҳама қасд гирифт?” донистан хост Франк.

“Не, ӯ махсусан мурд; ин ҳамааш пешакӣ дар нақша буд. Медонӣ, ӯ натанҳо ба ҷаҳон омад, то як чанд касалонро шифо бахшад ва ҳикояҳо нақл кунад. Ӯ ба ҷаҳон омад, то барои мо бимирад.”

Акнун Франк тамоман ҳайрон шуд: “Ин чӣ маъно дорад?” пурсид ӯ.

“Хайр, ин барои фаҳмондан бисёр душвор аст”, ҷавоб дод Марк бо рӯи ҷиддӣ. “Танҳо мардони доно чун тағоям инро нағз фаҳмондан метавонанд, лекин ман инро чунон мефаҳмондам: Худо хост, ки мо мисли дӯст бо ӯ якҷоя бошем ва баъд аз марг ба пешаш оем. Лекин мо аз ӯ ҷудо шудем, чунки аҳкомҳои ӯро риоя кардан наметавонем. Медонӣ, ин даҳ аҳкомҳо, ки мегӯянд, ки мо бояд дурӯғ нагӯем, надуздем ва дигар одамонро аз худ бештар дӯст дорем. Лекин ҳеҷ кас ин ҳамаашро иҷро кардан наметавонист ва агар мо танҳо як аҳкомро риоя накунем, мо аз Худо ҷудо мешавем. Лекин Худо моро чунон дӯст медорад, ки тоқат намекунад, агар бо ӯ набошем.”

“Барои чӣ ӯ ҳама одамонро набахшид, то ба назди ӯ омада тавонанд?”

“Инро ӯ кардан наметавонист. Директори мактаб ҳам бояд нигоҳ кунад, ки ҳам талабагон қоидаҳоро иҷро мекунанд, агар не, ҳеҷ кас ӯро эҳтиром намекард. Худо низ ин хел фикр кард, барои ҳамин ба ӯ касе даркор буд, ки ҳоло ҳеҷ вақт гуноҳ накарда буд. Он нафар бояд барои ҳамаи гуноҳони дигар мемурд. Барои ҳамин Исои Масеҳ ба ҷаҳон омад, то ки барои гуноҳони ҳама бимурад.”

Боз танаффуси калон шуд, ки Франк дар бораи шунидагияш фикр мекард. Баъд ӯ сар кард: “Акнун ҳама бо Худо дар алоқа ҳастанд ва ҳама ба биҳишт мераванд – ҳатто падар ва Ҳорст?”

“Не, ин тавр нест”, ҷавоб дод Марк, рӯяш аз гапзадан сурх шуда буд. “На ҳар кас мехоҳад бо Худо дар алоқа бошад. Исои Масеҳ роҳро кушод, лекин ҳар одам бояд онро бо хоҳиши худ равад. Касе, ки инро мехоҳад, бояд ба Худо дуо кунад, ки ӯ ба зиндагияш биёяд ва онро ба

дасташ гирад. Дар ин лаҳза масеҳӣ будан сар мешавад. Масеҳӣ будан маънои он дорад, ки Масеҳ дар зиндагӣ мо аст."

Марк хап шуд ва нафас кашид. Ӯ аз ин суханҳо бенафас шуд.

"Инро бояд дар ҳамом кунам, мисле ки ту карда будӣ?" савол дод Франк.

"Не", хандид Марк. "Ту инро ҳама ҷо ва ҳар вақт кардан метавонӣ."

"Набошад ман инро ҳозир ва дар инҷо кардан мехоҳам", гуфт Франк, ки тез ва аниқ интихоб мекард. "Ман инро моҳҳо интизор будам, ва беҳтар мемурам, аз оне ки боз интизор мешавам."

Ин тавр Франк дар рӯи алаф нишаста, масеҳӣ шуд. Ӯ ба Худо гуфт, ки аҳкомро риоя накарда, сазовори марг аст. "Лекин", илова кард ӯ, "ман медонам, ки Исои Масеҳ барои ман мурд ва ман мехоҳам он роҳро равам, ки ӯ барои ман тайёр кардааст. Ман мехоҳам, ки ба ту наздиктар шавам. Илтимос, Исои Масеҳ ба дилам биёяд ва дар ман зиндагӣ кунад. Раҳмат."

Ӯ аз ҷояш хест ва тамоми рӯяш медурахшид.

"Тассавур кун, ман дар ҳақиқат бо Худо гап задам", гуфт ӯ.

"Биё", фарёд кард Марк, "инро ба модарам ва ба тағоям нақл мекунем."

Тағо аз таги мошин баромада, дасти Франк ҷумбонд ва баъд аз шодӣ як қисмчаи мошинро ба ҳаво партофт.

"Чизи беҳтар нест дар ҷаҳон, агар касе масеҳӣ мешавад", гуфт ӯ. Зани зебо гуфт, ки тамоми рӯз барои Франк дуо карда буд. "Ман ҳис кардам, ки ту Худоро мекофтӣ."

Баъд ҳамаашон нишаста хӯрок хӯрданд, гарчӣ вақти хӯроки бегоҳӣ ҳоло нарасида буд. Франк орзу мекард, ки ин рӯз ба охир намерасид.

"Марк, бо ман биё, ман мехостам, ки мошинро якҷоя кунам", гуфт шӯбон . Ӯ пиёларо монда, бо нон дар даст аз ошхона баромад.

"Мумкин ба шумо дар шустушӯи косаю табақ ёрӣ диҳам?" аз модари Марк пурсид Франк, ки дигар он қадар шармгин набуд. "Ман инро хеле нағз метавонам", илова кард ӯ бо ханда.

“Инро ман дар бораи Марк гуфта наметавонам”, хандид модари Марк. “Ӯ бисёртар косаю табақ мешиканад, назар ба он ки онҳоро мешӯяд.”

“Ба фикрам ман медонам, ки ман номи Силвия Моҳрро аз куҷо мешиносам”, гуфт Франк, ҳангоме ки кор мекард.

“Аз ростӣ?” хонума Таннер рӯяшро ба сӯи ӯ кард. “Ту ӯро мешиносӣ?”

“Асосан не. Ман ӯро шахсан намешиносам, лекин ӯ модари ман буд.”

Зан қариб чойникро ба замин меафтонд. Баъди чанд вақт ӯ пурсид:

“Барои чӣ ту номи модаратро пештар намедонистӣ?”

“Медонед, модарам вафот кард, ҳангоме ки ман ҳоло хӯрд будам. Падарам чунон зиқ буд, ки дар бораи ӯ тамоман гап намезанад.”

Зани зебо дар рӯи курси нишаст. Рӯяш сафед шуда буд.

“Дилам ба ту месӯзад”, гуфт ӯ. “Ман инро намедонистам. Вақте ки мо ба ин тарафҳо кӯчидем, ман орзу доштам, ки ӯро боз бинам. Ӯ одаме буд, ки тез аз ёд намебарояд. Ман ҳатто намедонистам, ки ӯ оиладор шуд. Марк ба ман ҳеҷ вақт насабатро нагуфта буд; насаби ту чист?”

“Шафер”, ҷавоб дод Франк. “Ман писари Роберт Шафер.”

Боз дар ошхона ором шуд. Баъд хонума Танер бо овози аҷоиб гуфт:

“Ӯ дар охир дар ҳақиқат бо Роберт оиладор шуд.”

“Оё шумо ҳам падари маро мешинохтед?” ҳайрон шуда пурсид Франк.

“Бале. Роберт Шафер барои мо намуна буд. Мо ҳарду мегуфтем, ки рӯзе бо ӯ оиладор мешавем. Ӯ тақрибан ҳабдаҳсола буд, вақте ки мо нав нӯҳ сола будем. Ӯ калон, меҳрубон ва дилкушод буд. Ман шод ҳастам, ки ту ин хел падар дорӣ.”

Баъд ӯ хап шуда ҳайрон шуд. “Барои чӣ ба ту бояд Марк гуяд, ки ту чӣ тавр масеҳӣ шудан метавонӣ? Падари ту инро ба ту кайҳо бояд мегуфт. Ӯ ба мо ҳама вақт дар бораи масеҳӣ буданаш ва дар бораи модаркалонаш бо Китоби Муқаддас нақл мекард. Ба воситаи ӯ ман масеҳӣ шудам. Ӯ бояд ҳозир бисёр чиз барои Худо кунад.”

Франк нӯги пойҳояшро нигоҳ мекард ва шарм медошт.

“Медонед”, сар кард ӯ. “Падарам дар зиндагияш чунон бисёр бадӣ дида буд, ки ӯ фикр кард, ки Худо зидди ӯ аст. Барои ҳамин ӯ ҳозир Худоро бад мебинад ва хеле ба ғазаб меафтад, агар фаҳмад, ки ман имрӯз масеҳӣ шудам.”

Дар ин лаҳза Марк ба ошхона омад ва сухани онҳо ба анҷом расид. Вақте ки ӯ роҳ ба хона мерафт, шӯбон аз пушташ омад ва Китоби Муқаддаси зеборо ба ӯ дод.

“Ана писарам, инро гир”, гуфт ӯ. ”Ин ҳамон як аст, ки ман ба Марк дода будам. Ҳар рӯз дар он хон, то ки бо Худо нағзтар шинос шавӣ. Бо ӯ гап зан, чӣ қадаре ки мехоҳӣ.”

Франк тамоман хушбахт ба хона мерафт. Худои бузурги тавоно ба ӯ – Франк – иҷозат дод, ки бо ӯ гап занад. Ва ин Худо ҳам ба ӯ ваъда дод, ки доим дар назди ӯ аст ва аз ӯ ҳеҷ вақт дур намешавад.

Вақте ки ӯ роҳ ба сӯи хона мерафт, ӯ худро шаш метер калон ва боқувват чун хирс ҳис мекард.
Ӯ бо тамоми рӯяш механдид, лекин ин ханда нест шуд, ҳангоме ки ӯ ба кӯчаи дигар омад. Дар онҷо ҳама ҳамсинфонаш дар назди мағозаи ҷаноб Михел истода, Ҳорстро тамошо мекарданд, ки яхмос мехӯрд. Дарав Франк хост, ки Китоби Муқаддаси навашро дар таги ҷомааш пинҳон кунад. Акнун чизи аҷоиб бо ӯ шуд – ногоҳ ба ёди Франк омад, ки ӯ дигар Франки хурдакаки тарсончак нест, ки дигарон мешинохтанд. Дар ӯ ва дар гирду атрофаш Худо буд. Ӯ бо Китоби Муқаддас дар даст пеш рафт. Дигарон ба чашмашон бовар намекарданд, вақте ки Франк Китоби Муқаддасро чун шамшер дар даст ба онҳо наздик шуд. Баъди якчанд лаҳза Ҳорст ба худ омада, яхмосро аз даҳонаш гирифта, пурсид: “Ту дар дастат чӣ дорӣ, нинича?”

“Китоби Муқаддаси навро”, ҷавоб дод Франк бе ягон шарм.

“Ман фикр кардам, ки ман ба ту фаҳмо кардам, ки дар замони ҳозира ҳеҷ кас дигар дар Китоби Муқаддас намехонад”, Ҳорст ба ӯ ёдаш овард.

“Ҳа”, ҷавоб дод Франк бо сари баланд, “ту инро ба ман гуфта будӣ, лекин ин нодуруст аст. Ба фикрам вақт шуд, ки ту ба чизҳои муосир

одат кунӣ. Ту ҳоло ба чизҳои кӯҳна одат кардагӣ. Сабаби ин ба фикрам он аст, ки ту дар деҳа зиндагӣ мекунӣ”, меҳрубонона гуфт ӯ.

Ҳорст ҳайрон шуда, даҳонашро воз кард. Ва дигарон низ ҳайрон шуданд. Ин он Франк набуд, ки онҳо мешинохтанд. Бо ӯ чӣ шуда бошад?

Дигарон хап буданд, барои ҳамин Франк давом дод. Рӯйҳои дигарон ба ӯ маъқул шуданд. “Ин китобро ман аз шӯбон гирифтам”, гуфт ӯ. “Марк низ чунин якто дорад.”

“Ӯ дар Китоби Муқаддас мехонад?” ҳайрон шуда пурсид Ҳайде.

“Албатта; ӯ охир масеҳӣ аст. Ман ҳозир низ масеҳӣ ҳастам.” Инро гуфта, ӯ рӯяшро гардонд ва давоми роҳ рафт. Акнун, пас аз ин суханаш, тарси пештрааш баргашт ва ӯ кӯшид, ки тез аз назари дигарон нест шавад. Ӯ худро ба ҳар ҳол беҳтар ҳис мекард, агар рӯйҳои ҳайрони дигаронро дида метавонист.

“Кӣ инро фикр мекард!” гуфт Себастиан. “Ӯ худро чӣ хел ҳимоя кард! Ман инро дар ӯ ягон бор надидам!”

“Лекин ба ман чизи дигар аҷоиб аст”, гуфт Ҳайде ва аз рӯи девори паст хест; “аҷоиб, ки Марк ба дини масеҳӣ шавқ дорад. Агар ӯ масеҳӣ аст, на ҳамааш бояд нодуруст ва беақлӣ бошад”, давом дод ӯ ва ба Ҳорст нигоҳ кард.

Ҳорст чӯбчаи яхмосро партофта, гуфт: “Паҳ! Онҳо ҳардуяшон ҳоло калон мешаванд ва ин дурӯғро мефаҳманд. Ман ҳозир дигар ҳам бо бозичаҳои кӯдакониям бозӣ намекунам. Лекин ба фикрам Франк инро тез тамом мекард, агар падараш аз ин хабардор мешавад”, ӯ бо хандаи бад дар лабонаш аз миёни дигарон рафт.

Рӯзҳо ва ҳафтаҳои омада барои онҳо пур аз саросемагӣ буд. Марк ва Франк барои худ он қадар вақт, ки мехостанд, намеёфтанд. Рӯз ба рӯз онҳо камонкаширо машқ мекарданд ва ҳаяҷонии онҳо рӯз ба рӯз ҳам зиёдтар мешуд. Лекин он рӯзи идро на танҳо онҳо интизор буданд. Ҳама одамон тайёрӣ медиданд ва интизор буданд. Барои бисёр одамон дар ин макон ин рӯзи калонтарин дар сол буд ва ҳама мехостанд, ки дар ин рӯз иштирок кунанд.

Себастиан ҳама вақт дар бораи хор (гурӯҳи мусиқичиён) гап мезад, ки меояд. Роберт соатҳо мегузаронд, то сагашро зебо кунад, ки дар он рӯз дар мусобиқаи сагон иштирок мекард.

Рӯзе Марк ва Франк бо дугоникҳо ва Себастиан дар назди мағозаи ҷаноб Михел вохӯрданд. Сибилле тамоман хушбахт буд. Ӯ ва Ҳайде интихоб шуданд, то ҳамроҳи маликаи сол дар аробаи зебо савор шаванд.

“Мо дар аробаи ӯ дар пеш нишаста, миёни шаҳрро мегузарем ва ҳама ба мо чаппак мезананд”, гуфт ӯ.

“Ҳа”, гуфт Ҳайде на он қадар шод, “ва фикр кун, ки ту чӣ хел хушрӯй мешавӣ ва ман чӣ гуна безеб. Ман инро тоқат намекунам ва ман намеравам.”

“Лекин ту дигар не гуфта наметавонӣ!” Сибилле ноором шуд.

“Инро бовар накун”, ҷавоб дод Ҳайде. “Ман аллакай фикр дорам.”

“Ин сол мусобиқаи либоспӯшӣ мешавад”, гуфт Себастиан, сақич хоида. “Роберт танҳо меравад, агар ҳамчун гов пӯшида тавонад. Ту чӣ пӯшида меравӣ?”

“Ман асосан худро дигар кардан дӯст намедорам”, ҷавоб дод Марк, ”лекин мумкин ман худро чун Робин Гуд мепӯшонам.”

“Модари ман гуфт, ки ба ман либоси кловнӣ мезебад”, хандид Себастиан. “Ман мехостам, ки кайсар шавам, лекин ӯ гуфт, ки баъд ман мисли кулча метобам.”

“Дар ин сол кӣ маликаи сол мешуда бошад?” фикр кард Франк, вақте ки бо ҳамроҳи Марк ба хонаи шӯбон мерафт. “Ӯ бояд зеботарин зан дар макон бошад. Ман фикр мекунам, ки ин бояд модари ту бошад”, илова кард ӯ.

“Ҳа, модарам зани зӯр аст, афсӯс, ки ӯ барои чунин чизҳо калон аст. Ман бисёр барои ӯ ғам мехӯрам”, гуфт ӯ яке ва ханда аз рӯяш нест шуд.

“Чаро?” ҳайрон шуд Франк.

“Ӯ худро барои тағоям нағз ҳис намекунад. ӯ фикр мекунад, ки мо ӯро истифода мебарем. Ба ӯ касе барои хона лозим нест, чунки ӯ худро нағз нигоҳ карда метавонад. Лекин ӯ зиддияте надорад, ки мо

бо ӯ зиндагӣ мекунем. Мо ӯ бо пул ғам дорем. Дина модарам ба ман гуфт, ки онҳо дигар пули интернатро дода наметавонад. Барои ҳамин ман дигар сол ба онҷо баргашта наметавонам. Ҳеҷ кас намедонад, ки баъд бо ман чӣ мешавад. Лекин ин ҳеҷ гап не", гуфт ӯ, ва хандаи ӯ боз пайдо шуд. "Ман сарамро барои чунин чизҳо намешиканам. Агар ман ба мактаби миёна меравам, ба ман мумкин мешавад, ки саг дошта бошам."

Бегоҳӣ Франк хукҳои обияшро мехӯронад, ки сӯҳбат байни падар ва Адалбертро мешунавад.

"Ба ман ин маъқул нест", гуфт Адалберт. "Ман намедонам, ки чӣ кор кунам ва шаб хоб рафта наметавонам."

Франк гӯшҳояшро калон кушод, ӯ ягон махфиятро фаҳмид. Овози Адалберт дигар буд ва ӯро метарсонд.

"Ман ҳам шаб чизеро дар ҳавлӣ гаштан шунидам", гуфт падараш, "ва гоҳе ман ҳис мекунам, ки касе маро нигоҳ мекунад, вақте ки ман ба саҳро мебароям."

"Ҳа", ба ӯ қӯш шуд Адалберт, "ва як чанд бор ман пайи поча дар ҳавлӣ дидам. Афсӯс, ки сагон баланд нестанд, лекин онҳо ҳеҷ гоҳ сагони нағз набуданд."

"Агар чунин давом диҳад", давом дод падар, "ман милисаро фарёд мекунам. Лекин ба Франк инро нақл накун, ман намехоҳам, ки ӯ тарсад."

"Кошкӣ ман метарсидам!" фикр кард Франк хандида. Лекин вақте ки ӯ шаб хеста, овози қадамҳоро дар ҳавлӣ мешунид, ӯ кӯрпаро ба болои сараш кашида, орзу кард, ки ин суханҳоро гӯш намекард.

Рӯзе хабар омад, ки шӯбон ҷумъа бегоҳ гурӯҳ барои ҷавонони даҳ-понздаҳсолон ташкил мекунад. Агар шӯбон чизе мегуфт, онро дарав иҷро мекард.

Ҷумъаи оянда қариб ҳама писарон ва духтарони ин синну сол дар онҷо воқеъ буданд. Себастиан гуфта буд: "Мо ҳамаашро якбор месанҷем, агар сосискаи гарм мешавад."

Аввал онҳо дузд ва милиса бозӣ карданд ва каме камонкашӣ машқ мекарданд.

Вақте ки каме оромтар шуданд ва ториктар мешуд, онҳо ҳама ба алаф нишаста, сосискаи гарм мехӯрданд. Шӯбон ба онҳо дар он вақт дар бораи Исои Масеҳ нақл мекард.

Ҳеҷ кас дигар дар бораи масеҳият намехандид. Ҳама дар бораи ин бисёр фикр мекарданд ва ба наздикӣ ҳама ҳар якшанбе ба ҷамоат мерафтанд. Ҳама гӯш мекарданд, ҳангоме шӯбон гап мезад – ғайр аз Ҳорст, ки на ба гурӯҳ ва на ба ҷамоат меомад. Ин тобистон барои ӯ ҳамааш нодуруст шуд. Аввал ӯ аз имтиҳон нагузашт, баъд аз он писари нав омад, ки ҷойи ӯро гирифт ва акнун, ки ҳама бо Франк ва Марк буданд, дигар ҳеҷ кас ғами ӯро намехӯрд.

“Ҳеҷ гап не”, гуфт ӯ бо хандаи розӣ, вақте ки дигаронро дар ҳавлии шӯбон бозӣ кардан дид.

“Агар ман ба интернати калон равам, ки падарам маро роҳӣ карданӣ аст, маро одамон дар он ҷо ҳурмат мекунанд.” Ва ин тавр ӯ сарбаланд аз онҷо гузашт. Дар фикронаш ӯ аллакай сардор ва писари дӯстдоштаи интернат буд.

“Ба ҳар ҳол”, фикр кард ӯ, “Ман аз ҳамаи дигарон дар камонкашӣ ғолиб мебароям.”

## Мушкилӣ пас аз мушкилӣ

Аз анборе, ки дар он хукҳои обӣ буданд, овози баланд шунида мешуд. Франк аллакай ин овозро шунид, вақте ки ҳоло аз дар набаромада буд. Ӯ ҳавлиро чӣ қадар тез, ки метавонист, тай кард ва ба он ҳуҷра наздик шуд. Чӣ шуда бошад? Вақте ки ӯ дарро кушода, даромад, ӯ дид, ки чӣ рӯй дода аст. Петр ва Тиан бо якдигар меҷангиданд, гӯё ки зиндагияшон аз ин вобаста аст. Онҳо чунон ғазабнок ва хатарнок метофтанд, мисли ду саги газанда. Пашми онҳо хестагӣ буд, чашмони онҳо гӯё оташ мепартофтанд ва аз даҳонашон овози аҷоиб мебаромад.

“Адалберт, Адалберт, тез биёед!” дод зад Франк ва қафасро кушод, то ин ду ҷангараро аз ҳам ҷудо кунад.

Адалберт давида Тианро ба даст гирифт. Франк Петри ларзонро гирифта, хунашро аз пашмаш тоза мекард.

“Ба фикрам, онҳо сахт захмдор нашуданд. ”, гуфт Адалберт, пас аз он ки онҳоро нигоҳ кард, “лекин ман барои ту шуда, шарм медорам, бачаам. Ту аз оилаи деҳқонӣ меоӣ ва бояд инро беҳтар донӣ.”

“Шумо бо ин чӣ гуфтаниед?” пурсид Франк ҳайрон.

“Охир ин хукҳои обӣ дигар нинича нестанд. Онҳо калон шуданд. Ту ду буқаро дар подаи говон монда наметавонӣ ё ду моддагуспандро дар як рама. Бо хукҳои обӣ ин чунин аст.”

Бо ин суханҳо ӯ аз дар баромад ва Франк тез қуттие мекофт, ки Тианро дар ин гузорад.

“Ту акнун бояд дар инҷо танҳо зиндагӣ кунӣ, агар ту чунон ҷангара бошӣ”, ҷанг кард ӯ ҳайвончаро.

Лекин Тиан худро чунон зиқ ва бечора дар як кунҷ хобонд, ки дили Франк ба ӯ месӯхт. “Ман Сараро ба наздат мемонам, баъд шумо метавонед якҷоя зиндагӣ кунед. Мумкин ман каме хонаатонро зебо мекунам, то ки шумо худатонро нағз ҳис кунед.

Дер нагузашт, ки боз як навигарӣ бо хукҳои обӣ шуд. Бастӣ бо он розӣ набуд, ки Франк духтар ва писарашро аз ӯ гирифт, барои ҳамин шашто хукчаҳои обиро таваллуд кард, ки қариб ҳама ба Петр монанд буданд.

“Биёед ва инро бинед!” фарёд кард Франк, вақте ки падараш бегоҳӣ аз саҳро омад. Ӯ ҳоло асбобҳои корияшро дар даст дошт ва сагон аз пушташ меомаданд.

“Вай дод!” фарёд кард падараш, ҳангоме ки ҳамаи ҳайвончаҳоро дид. “Бо якто сар кардӣ ва аллакай ёздаҳто дорӣ. Агар ин чунин давом диҳад, то охири сол дигар ҷой барои говон намешавад! Медонӣ, ту бояд ақаллан дуто аз калонтаринҳо фурӯшӣ.”

Ғамгинона Франк пашми Тианро мемолид. “Агар ман онҳоро ба мағозаи ҳайвонон фурӯшам, онҳо мумкин ба оилаи бад меоянд ва зиқ мешаванд.”

“Хайр набошад ба яке аз дӯстонат деҳ”, пешниҳод кард падар.

“Ин фикр дар ҳақиқатан хуб аст”, ҷавоб дод Франк, “ва ман медонам, ки ба кӣ медиҳам. Себастиан кайҳо боз якто мехост.”

Вақте ки Франк инро рӯзи дигар ба Сеабстиан гуфт, Сеабстиан тамоман хурсанд шуд. Ӯ дар мағозаи ҷаноб Михел аз хурсандӣ меҷаҳид, ки як қуттӣ бо банкаҳои нахӯд ба замин афтиданд.

“Онҳо зиёд мешаванд ва зиёд мешаванд ва ман садҳо аз онҳо хоҳам дошт”, бенафас гуфт ӯ ва банкаҳоро аз замин ҷамъ мекард. “Агар хешҳоям меоянд, онҳо баъд рашк мекунанд. Ман ҳозир тез ба хона меравам ва инро бо модарам маслиҳат мекунам.”

Ду соат пас ӯ ба назди Франк омад. Рӯяш хеле ғамгин буд. “Модарам гуфт, ки наметавонам онҳоро гирам.”

“Лекин барои чӣ не?” донистан хост Франк. “Онҳо бӯй намекунам ва хӯрондани онҳо ҳам осон аст.”

“Ин сабаби он нест”, гуфт ӯ. “Лекин модарам каме аҷоиб аст. Ӯ фикр мекунад, ки аз сабаби кам пул доштани мо,  дигарон моро бад мебинанд. Барои ҳамин ӯ қабул карда наметавонад, агар ба мо як чиз тӯҳфа диҳанд. Ӯ фикр мекунад, ки ҳама дар Швартсенеқ рӯҳбаланд ҳастанд, чунки ин ҳавлӣ аз кайҳо боз дар оилаи онҳо аст.” Ғамгинона Себастиан хаб шуд ва худро дар болои ҷогаи Франк шинонд.

“Барои чӣ ту онро аз ман намехарӣ?” пешниҳод кард Франк.

“Ин намешавад; модарам медонад, ки ман ягон тин надорам. Оҳ, ман чӣ қадар онҳоро мехостам!” Ӯ оҳ кашида бо сақичаш пуфакча кард.

“Ман онҳоро ба ҳеҷ кас дода наметавонам”, гуфт Франк бегоҳӣ ба падараш. “Роберт мегӯяд, ки ҳайвонҳое, ки кор кардан наметавонанд ва гӯшту шир намедиҳанд, бефоидаанд. Марк саг мехоҳад ва дугоникҳо метарсанд, ки онҳо мегазанд. Ман акнун чӣ кор кунам?”

“Ту набошад бояд онҳоро ба мағозаи ҳайвонҳо барӣ”, гуфт падараш ва нонашро бо равған шакид.

“Не, ба фикрам, ман инро тоқат намекардам – ба ман як ҳафта мӯҳлат диҳед, ман ҷавоб меёбам.”

“Хуб, лекин тез фикр кун писарам”, гуфт падар ва табақи холии худро аз худ дур монд. “Ман хуши кушодани фермаи хукҳои обӣ надорам.”

Вақте ки Франк каме дертар табақу косаро дар ошхона мешуст ӯ худро бад ҳис мекард. Охирон вақтҳо дар байни ӯ ва падараш дӯстӣ фаҳмида намешуд. Ҳардуяшон ором ва аз якдигар дур ҳастанд. Пеш онҳо ба якдигар наздик буданд. Лекин аз вақте ки Франк масеҳӣ шуд, ӯ мисли деворе дар байнашон ҳис мекард ва дар назди падараш гоҳе шарм медошт. Се якшанбе ӯ аллакай дар ҷамоат буд ва дар хонаи шӯбон буд, гӯё ки дар он ҷо зиндагӣ мекард. Танҳо саволи вақт буд, ки кай ҳамааш фош мешавад.

“Ва агар ӯ фаҳмад, ӯ ба ҷамоат рафтанро манъ мекунад. Ё ӯ...?” Франк дар ҳаракаташ ист карда, пас пиёларо гузошт. “Оё ӯ... ?” умедона такрор кард ӯ.

Яке назараш ба оина афтод, ки дар девор, рӯ ба рӯи ӯ буд. Дар оина дигар Франки хурдакаки тарсончак дида намешуд. Ӯ чун одами нав метофт. Сари ӯ баланд буд ва дар рӯяш чизе дида мешуд, ки мегуфт, ки ӯ ба худ боварӣ дорад.

“Ман аз они Худо ҳастам”, гуфт ӯ ба худ дар ошхонаи холӣ, “ва ӯ ба ман ваъда дод, ки доим бо ман ҳаст. Барои ҳамин падарам ба ман гуфта наметавонанд, ки чизе кунам, ки зидди хоҳиши Худо аст. Худо ба ман аз ҳама чизи дигар муҳимтар аст.”

Бо ин корашро монда, ба хонаи шӯбон давид. Имрӯз рӯзи ҷумъа буд ва ӯ нахост, ки дер ба гурӯҳ ояд.

Як ҳафта пеш аз иди халқӣ буд ва ҳама ҳаяҷонона дар бораи он фикр мекарданд. Онҳо дар бораи либосҳо гап мезаданд ва фикр мекарданд, ки боз чӣ ҳамааш дар онҷо дида мешавад. Лекин аз ҳама якум албатта камонкашӣ буд.

“Ба фикрам ин сол ҳам мисли соли гузашта, касе ки ғолиб мебарояд ба рӯзнома меояд”, гуфт Ҳайде, ки ҳамчун духтари ягона аз мактаби деҳа дар он иштирок мекунад.

“Ба фикри ман ҳам”, гуфт Себастиан, ки ҳамроҳи Роберт қисмҳои мошини шӯбонро тоза мекард. “Ман ҳама вақт мехостам, ки суратамро дар рӯзнома бинам, лекин ман медонам, ки намебурам.”

“Мо интизор мешавем”, гуфт Роберт. “Ҳеҷ кас аз мо ба зӯри Ҳорст омада наметавонад. Ӯ ба ҳар ҳол мебурад, агар талабае аз Дифлинген ӯро мағлуб накунанд.” Лекин дар ҳақиқат Роберт чунон мехост, ки Ҳорстро мағлуб созад, ки писари деҳқон буданашро фаромӯш карда, машқ мекард.

“Бечора Франк”, гуфт Ҳайде меҳрубонона. “Ту худатро ба фикрам бад ҳис мекунӣ, ки наметавонӣ иштирок кунӣ.”

Франк танҳо каме хандид ва гуфт: “Мумкин шумо рӯзе ҳайрон мешавед.”

Ҳама ӯро кунҷковона нигоҳ карданд, лекин ӯ бисёртар гуфтан намехост.

“Ҳеҷ гап не”, гуфт Себастиан ва равғани мошинро резонд. “Ту метавонӣ, ки дар мусобиқаи маскапӯшӣ иштирок кунӣ. Ту чӣ шуда меоӣ?”

“Оҳ, ман худро аз сар то по бо ранги ҷигарӣ ранг карда, худро дар дастархон мепечонам ва ҳамчун сардори қабилаи африқоӣ меоям”, хандид Франк. Вақте ки ӯ хесту рафт, ӯ шунид, ки Сеабстиан аз Роберт пурсид: ”Ту чӣ фикр мекунӣ? Бо Франк чӣ шуд? Ӯ дигар ба худ монандӣ надорад, дуруст? Ӯ пеш шарм медошт ва хап буд, ҳозир бо ҳама гап мезанад ва механдад.”

“Ин бо масеҳӣ буданаш вобастагӣ дорад”, ҷавоб дод Роберт ва тоза карданро давом дод. “Масеҳӣ будан бисёртар маъно дорад, аз он чӣ ки мо медонем. Гарчӣ Ҳорст дигар чиз мегӯяд.”

Вақте ки дар ин бегоҳ шӯбон гапзаданро сар кард, ҳама дар гирдаш ҷамъ шуданд. Ӯ онҳоро дилхунук намекард ва ҳеҷ бор аз ҳад зиёд гап намезад. Ғайр аз ин онҳо медонистан, ки ҳар як калимаи ӯ маъно дорад.

“Дар зиндагӣ танҳо як чиз ҳаст, ки арзиш дорад”, гуфт ӯ, ҳангоми дароз шудани сояҳо ва ҳангоми бӯи гулҳо ҳавлиро фаро мегирифт. “Вақте ки мо Худоро ёфтем ва мешиносем, баъд мо ҳамаашро дорем.

Агар шумо Худоро мешиносед, лекин дар ҳама чизи дигар бой медиҳед, зиндагии шумо ҳоло пурқиматар аст, назар ки шумо дар ҳама чиз ғолиб шуда, Худоро намешиносед.”

Хуб гӯш карда, Франк дар рӯи алаф менишаст. Ӯ ҳар калимаи шӯбонро гӯш кардан мехост. Ӯ ҳис мекард, ки дар бисёр вақти зиндагияш ӯ бой медод, лекин ин фарх надошт: ӯ бо Худо буд.

Вақте ки Франк ба сӯи хонааш мерафт, аллакай торик шудан мегирифт. Ӯ ҳоло ҳам шод буд, вақте ки гапҳои Роберту Себастианро ба ёд меовард. Лекин ин шодӣ тез ба охир расид. Ӯ дари хонаро кушода, ба ошхона даромад.

Падараш дар миёни ҳуҷра истода аз қаҳр меҷӯшид. “Ту чӣ тавр инро кардан тавонистӣ!” гуфт ӯ бо овози пасти ғазабнок. “Дӯсти ту Ҳорст дар инҷо буд ва ҳамаашро дар бораи ту нақл кард.” Бо чунон овози баланд мушташ ба миз зад, ки пиёлаҳо дар ҷевон меларзиданд.

“Ман ба ту манъ карда будам, ки бо Худо кордор шавӣ. Ва ту чӣ мекунӣ? Ба ҷамоат медавӣ ва тамоми рӯзро дар хонаи шӯбон мегузаронӣ. Ту гапи падаратро бар қасд гӯш намекунӣ! Ту чӣ тавр инро кардан тавонистӣ, Франк Шафер! Чӣ тавр!”

Рӯи ӯ аз қаҳр сафед шуда буд ва баданаш меларзид. Франк ӯро ягон бор чунон ғазабнок надида буд. Ба ӯ тамоми далерии нави худ лозим шуд, ки аз ҳуҷра гурехта наравад.

Яке падараш як курсиро ба даст гирифта аз як кунҷ ба дигар кунҷ партофт. “Худо маро ягон бор ором намемонад?” гуфт ӯ бо овозе, ки ба гиря монанд буд,. “Ман кӯшиш кардам, ки ӯро аз зиндагиям ва аз хонаам дур кунам, лекин ӯ сур карданӣ маро бас намекунад. Ман оромӣ намеёбам. Акнун ба ман хуб гӯш кун!” дод зад ӯ ва ба Франк наздик шуд. “Ту ҳозир ва дар ҳамин ҷо ба ман ваъда мекунӣ, ки дигар ба Худо, ҷамоат ва шӯбон кордор намешавӣ! Ту маро фаҳмидӣ?”

Дили Франк сахт лаппиш мезад, лекин ӯ оромона ҷавоб дод: “Бахшиш падар, лекин ман инро ваъда дода наметавонам. Худо барои ман чунон муҳим аст, ки ман ӯро партофтан намехоҳам.” “Ин бас аст!”, дод зад падар ва хост, ки писарашро ба даст гирад. Франк фикр кард, ки эҳтиёт шудан, қисми беҳтари худмуҳофизат аст ва аз дар баромада

гурехт. Ин шаб ӯ дар назди ҳайвончаҳояш хоб кард ва субҳи дигар хеста, ба назди хонаи шӯбон рафт.

Вақте ки падар ин саҳар хӯроки наҳорияшро тайёр мекард, чизи аҷоиб рӯй дод. Ӯ дар дег хӯрокро омехта мекард, ки дар ҳавлӣ овози қадамҳои тез шунид. Дар кушода шуд, ва овозе пурсид: ”Ту инро чӣ тавр карда тавонистӣ!”

Ӯ пушташро нигоҳ кард ва зани ғазабтаринеро дар зиндагияш дид. Ӯ рост истода дар як даст дег ва дар дигар дасташ кафлез дошт. Ба ӯ чунон менамуд, ки гӯё ӯ аз як лашкар ҳуҷум карда шуд.

“Ту чӣ хел дигар шудӣ!” Гуфт модари Марк бо овози аҷоиб.

“Бахшиш”, ҳайрон шуда пурсид падар, “ба фикрам, мо ягон бор вонахӯрдаем...”

“Бале, мо вохӯрдаем; ман он духтараки хурдакак ҳастам, ки ту ба ӯ харсавориро ёд дода будӣ.” Вақте ки ӯ фаҳмид, ки ба хотири падари Франк омад, ӯ давом дод: “Ту инро чӣ тавр бо писари Силвия карда тавонистӣ? Ту фаромӯш кардӣ, ки Китоби Муқаддас дар бораи калонсолоне, ки ба кӯдакон монеа ҳастанд, то онҳо ба Худо наздик шаванд, чӣ гуфтааст? Навишта шудааст, ки беҳтар аст, ки санг дар гарданашон кашол шуда, онҳо ба баҳр партофта шаванд. Акнун ба ёдат омад? Ту пеш Китоби Муқаддасро чӣ хел хуб медонистӣ! Ман дар бораи ту шунидам ва ба фикрам, ки ту аз ҳолати бадат ҳатто ҳаловат мебарӣ.”

“Ҳар одам худро бад ҳис мекард, агар он бадбахтиро медид, ки ман дида будам”, гуфт падар ва кӯшиш кард, ки худро ҳимоя кунад.

“Ҳар одам дар зиндагияш бадбахти мебинад”, ҷавоб дод зани хурд. ”Дар ту ҳамааш якбора омад, лекин ту Худоро барои ин ҷавобгар кардан наметавонӣ.”

“Ту намедонӣ, ки дар бораи чӣ гап мезанӣ”, гуфт падар ва ҳоло ҳам кӯшиш мекард, ки худро муҳофизат кунад. “Зан мисли ту дар бораи ғами ҳақиқӣ чӣ медонад!”

“Хеле бисёр”, буд ҷавоб. “Чор сол пеш ман шавҳарамро ва ду духтараки хурдакакамро дар фалокати мошинҳо гум карда будам.

Ман зидди Худо нахестам; бе Худо ман ин вақти душворро тоқат намекардам. Ту иҷозат додӣ, ки ин бадабхти зиндагиятро расво кунад ва акнун мемонӣ, ки зиндагии писаратро ҳам вайрон кунад; лекин ман инро намемонам!"

"Чӣ тавр?" пурсид падар кунҷкобона, ҳангоме дар рӯяш ҳайрон буданаш маълум мешуд.

"Ман барои ту дуо мекунам", гуфт зани зебо ва аз ошхона баромад. Падари Франк дар миёнаи ошхона истода рафтанашро нигоҳ кард.

Вақте ки даҳ дақиқа пас Франк тарсида ба ошхона даромад, ӯ ҳоло ҳам чунин дар ошхона истода буд: дег дар як даст, кафлез дар дигар даст ва дар рӯяш ҳайрон будани ӯ.

Ӯ ягон чиз нагуфт, вақте ки Франк рӯзи якшанбе ба ҷамоат рафт. Рӯзҳо пас ӯ қариб ҳеҷ чиз намехӯрд. Шабҳо хоб намерафт ва тамоми шаб дар ошхона қадам зада фикр мекард. Аз рӯяш маълум буд, ки ӯ чизе мекофт ва чашмонаш нишон медоданд, ки ӯ чӣ тавр азоб мекашид.

## Себастиан

"Оҳ Франк, магар ту ба ман ёрӣ дода метавонӣ?" оҳиста муаллима Клаар дар назди Франк истод. Ӯ хеле монда ва арақ карда метофт. Дар рӯзи охирин пеш аз ид ӯ ҳамчун иштирокчии гурӯҳи ташкилкунанда аз ҳама кам, ҳазор чиз барои иҷро кардан дошт.

"Ба ман мукофот лозим аст барои бозии худ дар ид. Он бояд чизи ғайриоддӣ бошад, медонӣ. Ва ман аз худ пурсидам, ки ту мумкин як чандто хукчаи обӣ зиёдатӣ дорӣ."

"Ман дар ҳақиқат дуто зиёдатӣ дорам", ҷавоб дод Франк ва бо фикраш ба назди Тиан ва Сара буд. Ӯ асосан намехост, ки ба як каси бегона диҳад, лекин ба марди ҷиддӣ дар мағоза ӯ ҳам додан намехост. Ғайр аз ин он ҳафтае, ки падараш ба ӯ мӯҳлат дода буд, ба се ҳафта васеъ шуд. Ин хел ӯ гуфт: "Ман он ҳардуро ин бегоҳ ба наздатон меорам."

Муаллима Клаар раҳмат гуфта, давоми роҳ шуд.

Вақте ки Франк бегоҳ ба назди муаллима омад, ӯ муаллимаро бо додарашон дар кор дид. Онҳо мошини боркашро бо ҳар хел анҷомҳо, ки пагоҳ бояд дар ид бошанд, бор мекарданд. Ҷаноб Клаар бо як мақсуди тиркамонӣ машғул буд, ки пагоҳ истифода бурда мешавад. Ӯ ба назди Франк нигоҳ карда хандид ва бо овози падарона гуфт: "Пагоҳ барои тамошокунӣ меоӣ? Мо чунон бисёр иштироккунандаро интизорем, ки ба ҳама мисли пеш вақт дода наметавонем. Мо дувоздаҳ тирро аз шаст метр дурӣ ва шаш тирро аз сӣ метр дурӣ иҷозат медиҳем. Лекин ман шубҳа надорам, ки кӣ ғолиб мешавад.", илова кард ӯ ва бо чашмонаш ба Ҳорст нишон дод, ки дар боркунии мошин ёрдам медод.

"Оҳо, кошкӣ ту ӯро мағуб кунӣ, Марк", гуфт Франк, ҳангоми онҳо охирин машқи худро доштанд. "Ман ҳама чизро медодам, агар инро медидам."

Марк он қадар ба ин боварӣ надошт. "Ӯ хеле хуб аст; ман ӯро тир задан дидам", гуфт ӯ.

Ин шаб Франк қариб хоб рафтан наметавонист. Ӯ тамоман дар ҳаяҷон буд. Тир ва камони ӯ тайёр дар назди ҷоҳгааш буданд ва ранги ҷигарӣ барои либосаш дар берун тайёр буд. "Агар як кас Ҳорстро мағлуб мекард...", пичиррос зад ӯ, пеш аз он ки хобаш бурд.

Тамоми шаб ӯ чизҳои аҷоиб хоб медид. Ӯ ба камонаш тир мезад, лекин ҳамаи тирҳояш ҷорӯб шуда, мақсадро намерасиданд. Арақфишон аз хоб хест ва орзу мекард, ки ҳеҷ вақт дар ягон мусобиқа иштирок намекард.

Моҳтоб ваҳшатомез ба ҳуҷра медурахшид ва дили Франк сахт лаппиш мехӯрд. Овозе ӯро аз хоб бедор кард ва ӯ онро боз шунид. Дар ҳавлӣ касе қадам мезад.

"Аз ҳама хуб он, ба назди падарам равам", фикр каард ӯ. "Вақти он расидааст, ки мо кӣ будани ин одамро бифаҳмем."

Ӯ аз ҷогааш хеста бо нӯги почааш ба назди дар мерафт. Дар ними роҳ ӯ аз тереза гузашт ва аз он нигоҳ кард. Яке кунҷковии ӯ назар ба

тарсаш зиёдтар шуд. Ӯ худро дар пушти парда пинҳон карда, аз тереза назар дӯхт. Он чиро, ки ӯ медид ӯро аз тарс шах кунонд. Дар берун, дар боғи бибикалонаш марди даҳшат истода, ба хона нигоҳ мекард.

Вақте ки Франк ӯро тамошо мекард, тарсаш аз ӯ дур мешуд. Дар рӯи ӯ ғам ва хоҳиш дида мешуд. Дили Франк месӯхт ва ӯ намехост, ки ин мард аз милитса, ё аз сагҳо, ё ҳатто аз милтиқи падараш тарсонда шавад. Ӯ ба ҷогааш баргашт ва хобаш бурд.

Соати як ҳама ба мошини калони шӯбон савор шуданд. Ӯ ба онҳо ваъда дода буд, ки онҳоро дар ҳар ду тарафи роҳ бо мошин мебарад.

“Ту бояд дар пушти мошин савор шавӣ”, хандид шӯбон, вақте ки Франкро дид, ки бо ранги ҷигарӣ аз сар то по ранг карда буд.

Ҳар кас дар аҳволи либоси дигараш механдид, лекин боз дар дилаш фикр мекард, ки аз худаш аз ҳама хуб аст. Себастиан клоуни хуб буд ва Роберт гарчӣ на он қадар ба гов монанд шуд, ба ҳар ҳол чун гов бӯй мекард.

“Ман камони туро якҷоя бо камони худам дар пушти мошин мондам”, пичиррос зад Марк, “ҳамаашон беҳуш меафтанд, агар фаҳманд, ки ту дар озмун иштирок мекунӣ.”

“Ҳама савор шуданд?” пурсид шӯбон ва ба ҷои худ нишаст.

“Не, дугоникҳо ҳоло дар инҷо нестанд”, ҳама бо як овоз гуфтанд.

“Мо дер интизор шудан наметавонем, агар не худамон дер мекунем. Ана, Сибилле аллакай омада истодааст.”

Лекин ин Сибилле пешина набуд, ки ҳозир бо чашмони ашколуд аз дарвозаи шӯбон мегузашт.

“Оҳ не”, гиря кард ӯ. “Ҳайде чизи даҳшатӣ кард. Мо каме аз хона дур шудем ва модарамон моро дигар намедид, ки ӯ қайчиро бароварда, мӯяшро бурид.”

Дар ин лаҳза Ҳайде омад. “Акнун маро ҳеҷ кас маҷбур карда наметавонад, ки дар ароба бо маликаи сол сафар кунам”, гуфт ӯ. “Бо ин мӯй маро ҳеҷ кас маҷбур карда наметавонад.” Инро гуфта, ӯ куртаашро кашид ва бо майка, шортик, ҷоруб (наски) ва пойафзоли

футболӣ дар наздашон истод. “Ман ҳамчун Уве Сеелер мешавам”, эълон кард ӯ ва ба мошин даромад. “Ман ҳама вақт фикр карда будам, ки ба ӯ монандӣ дорам.”

Вақте, ки онҳо ба Дифлинген расиданд, дар он ҷо мисли дар хонаи занбӯрҳо рафту омад буд. Ҳар гуна хоначаҳо буданд; ҷойҳое, ки ҳама чизҳо фурӯхта мешуданд ва хаймаҳое, ки намоишгоҳи ҳар гуна чизҳо буданд. Аз намоишгоҳи гулҳо то намоишгоҳи ниничаҳо.

Дар ҳама ҷо яхмосфурӯшон буданд ва дар ҳар ҷо ширинию нӯшокӣ харидан мешуд.

Ҳамааш дар гирди саҳна сохта буд, ки дар он саҳна маликаи сол баромад мекард. Ҳам баромадҳои саҳнавӣ ва баромадҳои варзишӣ дар он саҳна баргузор мегардиданд.

Роберт бо сагаш ба назди намоишгоҳи сагон ҳаракат мекард ва дигарон якҷоя ба он шаҳраки хурд мерафтанд.

“Хайрат, ки ман дар он ҷо намешинам”, гуфт Ҳайде, вақте ки маликаи сол бо ароба, Сибилле ва дигарон аз наздашон гузашт. “Ӯ мехоҳад, ки рӯзе худаш малика шавад, ва ба фикрам ӯ ин ҳам мешавад.”

Баъд як мошини калони сиёҳ бо мири шаҳр ва хонума фон Ҳаҳн, ки базмро мекушояд, омад. Ӯ чунин хароб метофт, ки гӯё як гурезанда бошад. Пуле, ки аз ин ид мебаромад, барои гурезагони дигар мамлакатҳо буд.

Аз пушти он мошин чандин камазҳои ородода мегузаштанд. Яке шакли чойникро дошт, дигаре шакли хонаро ва дигаре сурати гурезагонро дошт. Охирин шакли аждаҳор (дракон)-и даҳшатиро дошт.

Хори миллӣ он қаторро ба анҷом расонд. Сурнайҳо овози баланд мебардоштанд. Ин намоиши зебо буд ва ҳама ба саҳна наздик мешуданд, ки дар он духтари калонтарини хонума Фурман ҳамчун маликаи сол эълон мешуд ва тоҷро ба сараш гирифт.

Дар гирду атрофи онҳо ид буд ва овоз хеле баланд буд. Сагҳо аккос мезаданд, тифлон гиря мекарданд, сурнайҳо дуд-дуд мекарданд ва ҳама ҷо овоз аз баландгӯякҳо шунида мешуданд.

“Камонзанӣ барои калонсолҳо дар пушти хаймаи қаҳванӯшӣ сар мешавад.”, овоз мебаровардан онҳо.

“Ҳоло навбати мо нест”, гуфт Себастиан, ки дар камонзанӣ на он қадар хуб буд. “Биёед дигар ҷойҳоро тамошо мекунем.”

Якҷоя онҳо сайр карданро сар карданд. Вақте ки аз ҷои сосискафурӯшӣ гузаштанд, онҳо ҷаноб Михелро диданд. Якум бор буд, ки онҳо ӯро берун аз мағоза медиданд, барои ҳамин онҳо ӯро ҳам тез нашинохтанд. Вақте ки ӯ онҳоро дид, хандид.

“Аҳ, бинед”, гуфт ӯ бо фахр, “бист сол ин шим ба ман танг буд, лекин акнун онҳо боз ба ман чен ҳастанд. Шумо фикр мекунед, ки ман хароб шудам?”

Ҳеҷ кас фарқияте дида наметавонист, лекин ҳама гуфтанд, ки ӯ мисли актёри кино метобад. Ин ӯро беҳад хурсанд мекард.

Баъд онҳо ба ҷои муаллима Клаар расиданд ва рӯи Себастиан равшан шуд, вақте ки ӯ хукҳои обиро дид.

“Онҳо мукофот ҳастанд?” ҳайрон шуда, пурсид ӯ. “Набошад ман онҳоро бояд бурам.”

“Як санҷиш бист пфеннинг аст”, гуфт муаллима Клаар, лекин Себастиан дасти чиркини худро кушода, ду маркро нишон дод.

“Инро падарам саҳарӣ ба ман дод”, фахр карда, эълон кард ӯ, зеро ин якум пуле буд, ки ӯ барои худаш гирифта буд.

“Вазифа хеле душвор аст”, давом дод муаллима Клаар, ки Себастианро ин қадар ҳам нағз намедид. “Мо умед надорем, ки бисёриҳо инро кардан метавонанд, барои ҳамин ҳам мукофот ҳам чунин баланд аст.”

Ва дар ҳақиқат ҳам душвор буд. Як сими номунтазам дар миёни ду чӯб кашол буд ва бо як зангӯлаи электрикӣ пайваст буд. Касе ки бозӣ кардан мехост, бояд он чалларо ба даст гирифта, оҳиста аз сим барорад. Агар он симро расад, он зангӯла занг мезад ва ӯ аз бозӣ хориҷ мешуд.

Барои шаш санҷиш Себастиан пулашро сарф кард. Ӯ қариб гиря мекард, ки баландгӯякҳо мусобиқаи либосҳоро эълон карданд.

Чунон либосҳои аҷоиб буд, ки хонума фон Ҳаҳн душворӣ мекашид, якеро интихоб кунад.

Лекин модари Ҳорст тамоми шаб хоб нарафта, барои писараш либоси кайҳонавардӣ дӯхта буд. Ӯ дар сараш шишаи давравии моҳиро пӯшид ва бо ин хулоса ғалаба кард. Аз худ боварӣ дошта ӯ роҳ мегашт ва боварӣ дошт, ки каме пас боз як ғалаба ба даст меоварад.

“Бо ман биёед”, илтимос кард Себастиан, “ман бояд боз кӯшиш кунам, ки хукчаҳои обиро бурам.” Ӯ тамоман дар фикри он буд, ки онҳоро гирифтан мехоҳад.

Вақте ки аз пушти ӯ мерафтанд, онҳо марде бо риш диданд, ки ҷиддӣ бо мири шаҳр гап мезад. Франк Маркро дар остинаш дошта, пичиррос зад: “Ин директори мактаби болоӣ аст.”

“Оҳ, ман дар ин саросемагӣ фаромӯш кардам, ки гӯям”, ҷавоб дод Марк, “ки дина модарам дар назди ӯ буд ва маро дар он мактаб қайд кард. Дар соли оянда ман ҳамроҳи ту мактаб меравам.”

Франк ҳис кард, ки шодии ӯ беҳад буд. “Агар боз падар ояд ва дар камонзанӣ тамошо кунад, ман ба фикрам аз хурсандӣ мемурам”, фикр кард ӯ. “Лекин  ӯ албатта бо ҳосилғундорӣ машғул аст ва вақт надорад.”

Онҳо ба ҷои муаллима Клаар расиданд ва Себастиан ба назди сим нишаст. Рӯи ӯ аз сабаби диққатдиҳиаш суп-сурх буд.

Дар маротибаи якум аллакай баъди бист сантиметр зангӯла занг зад ва дуюм бор низ беҳтар набуд. Ӯ худро хеле рӯҳафтода ҳис мекард.

“Ман танҳо боз ду бор карда метавонам”, оҳ кашид ӯ. “Ман намедонам, ки чӣ кор кунам, агар ғолиб набароям.”

Ӯ бист пфеннигро ҳисоб карда супурд ва баъд боз кӯшиш кард. Аллакай дар ними масофа зангӯл боз овоз баровард.

“Акнун охирин маротиб аст”, гуфт ӯ ғамгин ва арақашро аз сараш тоза кард. Вақте ки ӯ охирин бор кӯшиш мекард, забони ӯ каме баромадагӣ буд.

Ҳама дар гирду атрофи ӯ ором шуданд. Ҳеҷ кас ҳатто нафас намекашид. Ҳайде лабонашро чунон мегазид, ки хун баромад. Роберт

шохҳои либоси говашро шикаст. Ҳатто Тиан ва Сара аз қафасашон тарсида нигоҳ мекарданд.

“Танҳо ним метр боқӣ монд”, пичиррос зад Себастиан. “Аз болои тугма, гирди чӯб ва...”

“Буҳ!” дод зад Ҳорст яке аз пушт. Себастиан тарсид ва овози зангула шунида мешуд.

“Оҳ, ту ҳайвон!” дод зад бечора. “Акнун ман тамоман сӯхтам.”

“Афсӯз”, лабханда кард Ҳорст бе ҳиссиёт. Ҳайде тарафи Себастианро гирифта, гуфт: “Илтимос, муаллима Клаар, ба Себастиан як бори дигар иҷозат диҳед; ин беадолати буд.”

Муаллима Клаар фикр кард, Ҳорст талабаи дӯстдоштаи ӯ буд. Лекин хулоса меҳрубонии ӯ ғолиб баромад ва ӯ иҷозат дод. Ӯ гуфт: “Хуб майлаш Себастиан, лекин тез кун.”

Боз оромии том он ҷоро фаро гирифт ва бисёртар одамон дар он ҷо истоданд, то тамошо кунанд.  Онҳо муҳимии лаъзаро ҳис мекарданд. Себастиан  мисли ҷаноб Михел нафас мекашид ва гӯшҳояш сурхи зебои ранги кӯшишро доштанд.

Даҳ сантиметр, панҷ сантиметр, ду сантиметр, як сантиметр ... ”Тавонистам!” дод зад ӯ ва худро ба замин партофт. Дар онҷо хурсандона пойҳояшро ба осмон бардошт ва одамон қарсак мезаданд.

“Ман онҳоро то тамом шудани ид нигоҳ медорам, Себастиан”, гуфт муаллима Клаар рӯҳбаланд. “Ту онҳоро аз инҷо баъд гирифта метавонӣ.”

“Мо бояд ҳозир ба ҷои камонзанӣ равем”, пешниҳод кард Роберт, ки соҳиби соат буд. “Баъд мо саросема намешавем.”

Себастианро аз ҷои ҷунбондан душвор буд. Ӯ чунон фахр мекард, ки ба ҳамае, ки вомехӯрд, ғолибияташро нақл мекард. Ғайр аз ин ӯ ҷаҳида-ҷаҳида суруд мехонд.

Вақте ки онҳо давоми роҳ мерафтанд, онҳо аз як ҷо гузаштанд, ки дар онҷо бисёр анҷомҳои шишагӣ ҳам чун мукофот нишон дода мешуданд. Дар наздаш Адалберт менишаст, ҳангоми апаи бениҳоят калонаш каҳва менӯшид.

”Марҳамат дароед! Марҳамат дароед!” салом дод ӯ ба он гурӯҳ. Ӯ ба як сурати аҷдаҳормонанд нишон дод, ки дар он тарафи девор буд. “Агар шумо яке аз ин тубчаҳоро ба даҳони ӯ дохта метавонед, шумо яке аз ин мукофотҳои аҷоибро мебуред.”

“Оҳ, ман мехостам, ки дар ин ҷо иштирок кунам”, гуфт Себастиан ва боз якбор дар ҷояш ҷаҳид, “лекин ман дигар пул надорам.”

“Биё; ман ба ту медиҳам”, пешниҳод кард Ҳорст, ки худро дилкушод нишон дод. Дар дилаш ӯ шарм доҳт, ки ”буҳ” дод зад.

“Раҳмати калони калон”, гуфт Себастиан ва ӯро бахшид.

Акнун Себастиан тамоман хуб партофтан наметавонист – фарқ надошт бо кадом тӯб –, лекин  ҳозир ҳаяҷонии ӯ қобилияти заданашро тамоман суст кард.

Адалберт ба ӯ ак тӯби вазнини чӯби дод ва ӯ онро гирифта, ба тамоман тарафи нодуруст зад. Тӯб қариб аз пеши рӯи Адалберт гузашта, ба миёни мукофотҳои зебои ӯ зад. Бо овози бениҳоят баланд пиёлаҳо, чойникҳо ва гулдонҳо ба замин афтиданд ва ба ҳазор қисм ҷудо шуданд. “Ту ...” ҳақорат кард Адалберт. “Апаи ман чӣ гуфта бошад?” Ӯ чӯбро гирифта, гуфт: “Ҳоло ист,  туро ман ҳоло медорам.”

Лекин Себастиан на истод! Чӣ қадаре, ки ӯ сахт давидан метавонист, ӯ гурехт ва Адалберт бо чӯб аз пушташ. Дар пушташ апаи ӯ бо пиёлаи қаҳва дар даст ва ҳамаи дигароне, ки ин ҷангро дидан мехостанд.

Себастиан чунон метарсид, ки тамоман аҳамият намедод, ки ба куҷо медавад. Ӯ дар миёни онҳое, ки мусиқии миллӣ гӯш мекарданд давид. Дар лаҳзаи дигар ӯ дар миёни хори навозандагон буд. Овози сурнай яке бас шуд ва асбоби мусиқие дар ҳаво дида мешуд. Сароядагон ва навозандагон боло ва таги ҳамдигар афтида, як тӯби одамон сохтанд.

Сеабстиан пушташро нигоҳ накард, то бинад, ки чӣ кор шуд. Ӯ давида ба тарафи заводи газбарорӣ рафт, то дар он ҷой баҷо шавад. Дар пушташ дережёр буд, ки одамонро ором кардани буд ва доирачӣ, ки сараш аз миёни доира мегузашт.

Баъди ин воқеаъ гурӯҳи мусиқичиёни миллӣ ҳеҷ гоҳ ба шаҳраки Дифлинген наомаданд, гарчӣ мири шаҳр бахшиш пурсида, хоҳиши омадани онҳо кард.

## Камонзанӣ

“Ана бин! Туро дар инҷо ҳам вохӯрдан мешудаст”, гуфт овози зебо, мисли овози мусиқӣ. Падар тарсида ба пушт нигоҳ кард ва қариб каҳваи дар дасташ будагиро мерезонд. ”Франк нагуфта буд, ки ту серкори бад ҳастӣ, то ки биёӣ?”

Зани  зебо либоси осмоникабудро пӯшида буд ва мисли одаме, аз дигар ҷаҳон менамуд. Ӯ танҳо дар хаймаи пур менишаст ва қаҳва менӯшид.

“Хайр”, гуфт падар бо каме шарм, “ҳосилро мо чунон нағз ғун кардем, ки ман фикр кардам, ки ним рӯз аз кор роҳат кардан метавонам. Ман хостам, ки намоиши сагонро тамошо кунам ва Франк хост, ки мусобиқаи камонзаниро ҳам тамошо кунам. Ман лекин намедонам барои чӣ”, илова кард ӯ, “ӯ ба ҳар ҳол иштирок карда наметавонад.”

“Аҳ, ту бояд тамошо кунӣ, ки писари ман чӣ гуна мезанад”, хандид хонума Таннер. Роберт Шафер ҷавоб надод ва рӯи ӯро мушоҳида кард, гӯё ки чизеро дар он мекобад.

Ӯ хост, ки ин ҳиссиёти аҷоибро нест кунад ва бо овози хушҳол гуфт: “Хайр, ман умед дорам, ки ту барои ман дуо карданро фаромӯш накардӣ.”

“Ман фаромӯш накардам”, буд ҷавоби оромонаи ӯ. “Ман барои ту дуо карданро бас накардам, аз рӯзе, ки бо ту вохӯрдам.”

“Ман мехостам, ки ту бо дуо гӯӣ барои ҳамеша бас кунӣ!” гуфт падар ва яке ғазабнок шуд. “Аз кай ту ба назди ман омадӣ ман оромӣ надорам. Гӯё, ки Худо худаш маро фарёд мекунад.”

“Барои чӣ ту ба назди ӯ барнамегардӣ?” пурсид хонума Таннер меҳрубонона.

“Чӣ? Ба назди ӯ баргардам ва иқрор шавам, ки бе ӯ зиндагӣ карда наметавонам? Ҳеҷ вақт! Ин тамоман номардӣ мешуд!”

Яке дар чашмони зан низ ғазаб дида мешуд. “Ту беақлтарин мард ҳастӣ, ки ман мешиносам, Роберт Шафер”, гуфт ӯ. “Ту роҳ ба сӯи хушбахти медонӣ, вале аз ҳад зиёд ғурур дорӣ, ки онро рафта наметавонӣ.” Ин гапро гуфта, аз ҷояш хест ва хаймаро тарк кард.

“Камонзанӣ барои хурдсолон ҳозир сар мешавад”, овоз баровАрданд балангӯякон.

“Биёед, тез!” фарёд кард Марк дигаронро, ки ҳоло ҳам гурӯҳи мусиқичиёнро тамошо мекарданд. “Ман ба назди мошин меравам ва чизҳоро меорам. Мо бо ҳамдигар дар майдони камонзанӣ вомехӯрем.”

Каме дертар онҳо дар қатори иштирокчиён меистоданд ва интизор мешуданд, ки ҷаноб Клаар номи онҳоро ба рӯйхат гирад. Бо навбат онҳо панҷоҳ пфеннинг пули иштикрокӣ доданд ва ӯ номи онҳоро ба рӯйхат илова мекард.

Вақте ки навбат ба Франк расид, ҷаноб Клаар бетоқатона қаламашро ба ҳаво партофт. “Рав аз инҷо, Франк Шафер, ман вақт надорам, то туро ҳам нигоҳ кунам.”

“Лекин илтимос, ман мехостам иштирок кунам”, ларзида гуфт Франк ва худро бад ҳис мекард.

Қошҳои ҷаноб Клаар ба боло ҳаракат карданд. “Ин мусобиқаи ҷиддӣ аст. Мо туро наздиктар ба мақсуд оварда наметавонем ва дигар бартарӣ ҳам намедиҳем.”

“Ман медонам”, гуфт Франк ва сурх шуд. “Ман мисли ҳар яки дигар ҷанг мекунам”, гуфт ӯ ва бо худбоварӣ пулро ба рӯи миз гузошт.

Роберт ва Ҳайде дар қатор дар пушти ӯ меистоданд. Баъде ки ӯ пулашро дод, Роберт пурсид: “Ту дар ҳақиқат иштирок мекунӣ?” Франк орзу мекард, ки чунон намебуд, лекин ӯ инро тасдиқ кард.

“Мо акнун сар карда метавонем”, эълон кард ҷаноб Клаар бо овози баланд, баъд аз ҷамъ кардани пул. “Мо бисту як иштирокчӣ дорем. Ман якум серо ба ҷои чилметра хоҳиш мекунам.”

Роберт бо ду писар аз дигар мактаб якум буданд. Пас аз як дигар онҳо се тир ва боз се тир заданд. Роберт бист хол дошт, лекин яке аз дигар писар бо мӯи сурх бисту панҷ хол гирифт.

Дар гурӯҳи дигар Ҳайде буд. Лекин ӯ чунон асабонӣ буд, ки ду тири ӯ мақсудро тамоман нарасиданд, сето ба сафед ва якто ба сиёҳ расид. Бо ин ӯ танҳо панҷ хол гирифт.

Франк дар наздикӣ меистод ва гурӯҳҳои дигарро нигоҳ мекард. Чӣ қадар, ки навбат ба ӯ наздиктар мешуд, ҳамон қадар дилаш сахтар мелаппид.

“Ман худамро тамоман шарманда мекунам”, пичиррос зад ӯ. “Дигар ба ҳеҷ ҷо рафтан наметавонам. Ман барои чӣ дар ин хел озмун иштирок мекунам?”

Худбоварии ӯ бо суханони Ҳорст тамоман гум мешуд. “Инҷо санаториум нест”, хандида гуфт ӯ, вақте ки Франкро бо тиру камон дид.

“Акнун сетои охирон ба майдон биёянд”, талаб кард ҷаноб Клаар ва Франк фаҳмид, ки акнун навбати ӯ аст.

Ӯ якҷоя бо Ҳорст ва Марк мезад ва аз ин хеле шод буд. “Ҳама бо мусобиқа байни ин ду кас чунон саргардон мешаванд, ки ба ман аҳамият намедиҳанд”, фикр кард ӯ. Лекин вақте ки ба майдон истод, ӯ бисёр рӯйҳои ҳайронро дар миёни тамошобинон дид. Ҳама одамон, ки ӯро мешинохтанд, ба ӯ ишора мекарданд. Ва вақте ки ӯ рӯи ҳайрони падарашро дар миёни одамон дид, дилаш қариб меистод. Ӯ дар ҳақиқат омад! “Акнун ман бояд беҳтаринамро кунам”, фикр кард ӯ, “ё падарам барои ман шуда, мисли ҳар вақт шарм медорад.”

“Илтимос занед”, фармон дод ҷаноб Клаар ва Ҳорст камонашро ба сӯи мақсуд дошт. Тири ӯ ранги тиллоиро расид ва ӯ нӯҳ хол гирифт. Одамон баланд оҳ кашиданд ва Ҳорст ду тири дигарро зад: якеро ба ранги сурх барои ҳафт хол ва дигареро ба ранги кабуд барои панҷ хол.

“Бисту як хол бо танҳо се тири аввал – хеле хуб”, таъриф кард шӯбон.

“Ҳа”, гуфт падар, ки каме пеш бо шӯбон шинос шуд. “Худо медонад, ки кӣ писари маро ба ин кор боварӣ кунонд. Ӯ қувва надорад, ки мақсадро расад.”

“Ҳеҷ гап не”, ӯро ором кард шӯбон меҳрубонона. “Аллакай ҳиссиёти иштирок кардан ба ӯ фоида мерасонад, агар ӯ ҳам ягон хол нагирад.”

“Ман тамоман намедонистам, ки онҳо дукаса машқ мекарданд”, илова кард хонума Таннер. “Ман фикр карда, ки Франк заданҳои Маркро тамошо мекард.”

Марк бо се тири аввалаш танҳо понздаҳ хол гирифт. Акнун навбат ба Франк расид.  Ӯ чунон асабӣ шуда буд, ки ба ӯ дигар фарқ надошт, ки чӣ кор мешавад. Якум тирро бо чашмони маҳкам зад ва нахост, ки онҳоро кушояд, то Марк гуфт: “Он дар сурх аст; хуб кардӣ!”

Ду тири дигар ҳардуяшон ба сиёҳ афтиданд ва сетоӣ хол оварданд. Баҳд аз он ки ӯ намоишашро тамом кард ҳама ором шуданд ва каме пас қарсакзаданро сар карданд.

“Сездаҳ хол; чӣ хел зӯр!” гуфт падар ва хеле шод шуд. Диққати ҳама акнун боз аз Ҳорст ҷалб карда мешуданд, ки бо се тири дигар якум навбати худро ба анҷом мерасонад. Ӯ дувоздаҳ хол гирифт ва ҳамагӣ сиюсе хол дошт – то ҳол калонтарин натиҷа.

Марк даҳтои дигарро ба понздаҳ холи будагияш илова мекунад. Франк чуқур нафас кашида, ду бор сурхро расид. Ӯ ҳозир чунон саросема буд, ки бо сеюм тир мақсудро тамоман нарасида, дигар хол нагирифт.

“Фаромӯш накун: ту бояд танатро то расидани тир ба мақсуд ором гузорӣ”, ӯро огоҳ кард Марк, пас онҳо ба як тараф рафтанд, то ки се бозигари дигар ба майдон оянд.

“Ба ҳар ҳол, бисту ҳафт хол натиҷаи хуб аст. Ту ду хол аз ман бисёртар дорӣ.”

Ҳеҷ кас рекорди Ҳорстро бо сиюсе хол дар дуюм навбат шикаста натавонист. Бинобарин ӯ дар навбати худ аз худбоварӣ гӯё ки мекафид.

Баъд аз ин навбат холҳо чунин буданд: Ҳорст шасту се хол, Марк (ки чандин бор тиллоиро расонд) шаст ва Франк панҷоҳу ҳафт.

Падар ба гӯшҳояш бовар намекард, вақте ки холҳо эълон шуданд. Ӯ ҳама вақт барои писараш шарм медошт, гӯё ки маъюбии писараш айби ӯ буд. Ӯ ҳама вақт писаре мехост, ки он чиро, ки дигар писарон метавонистанд, низ метавонист. Айнан инро Франк имрӯз кард ва ғайр аз ин бисёри дигаронро мебурид. Падар мехост, ки ба зани фарбеҳ дар наздаш гӯяд: "Ин писари мӯйзард дар он ҷо писари ман аст!" Вақте ки ӯ Адалберт ва ҷаноб Михелро ба наздаш омадан дид, инро накарда, ба сӯйи онҳо ниоҳ кард.

"Чӣ хел хуб, ки шумо дар инҷо ҳастед", гуфт ҷаноб Михел. "Агар ман инро дертар ба шумо нақл мекардам, шумо ба ман боварӣ намекардед."

"Агар ман писари хурди маъюбро ба ёд оварам, ман намедонам, ки чӣ фикр кунам", гуфт Адакберт.

"Чизе ин писарро тамоман дигар кард", давом дод ҷаноб Михел. "Ӯ пеш ҳеҷ вақт ба худ ин қадар боварӣ надошт."

Танҳо зани зебо рӯи падарро дид, ки бо ин суханҳо дигар гардид.

"Ман намедонистам, ки ту задан метавонистӣ", гуфт ҷаноб Клаар бо хандаи турш, вақте ки ба охирин навбат тайёрӣ медид.

"Ту бояд танҳо се хол пеш равӣ", пичиррос зад Ҳайде, вақте ки навбат боз ба онҳо расид. ”Ту бояд Ҳорстро бурӣ; ӯ чунон ҳавобаланд аст."

"Мусобиқа танҳо байни Ҳорст, Франк ва Марк мондааст", аҳамият дод Роберт. "Шумо ягон бор ин хел чизи аҷоибро мисли бо Франк дидаед?" илова кард ӯ. "Кӣ фикр мекард, ки ӯ чунон хуб мезанад?"

"Ман боварӣ намедоштам, агар бо чашмони худам намедидам", тасдиқ кард Сеабстиан, ки аз баҷояш баромада дар назди дигарон истод. Ӯ бисёри бад аз Адалберт ва аз гурӯҳи мусиқӣ метарсид, ки дар озмун иштирок накард. Лекин акнун ӯ чунон бо мағлубияти Франк машғул буд, ки тарсашро фаромӯш кард.

Ҳорст тамоман бо боварии комил аз худ ба майдон омад. Бетарс ӯ бо се тири якумаш бисту ду хол ҷамъ кард. Вақте ки Марк тирро зад,

Франк нафас накашид, лекин чизе бо дӯсташ соз набуд. Ду тир сафедро расиданд ва якто кабудро.

“Танҳо ҳафт хол”, гуфт ӯ. “Бо ман чӣ шуд?”

Акнун навбати Франк буд. Вақте, ки тирро рост мемонд, чашмаш ба директори ояндаи ӯ афтид, ки дар миёни тамошобинон буд. Лекин ҳатто ин ба ӯ халал намерасонд; ӯ тамоман ором буд. Албатта ӯ ғолиб баромада наметавонад, лекин ӯ шарманда нашуд.

Ӯ се тиррашро зад ва аҳамият надод, ки ба куҷо меафтанд. Барои ҳамин ӯ бовар карда натавонист, вақте ки ҷаноб Клаар бисту панҷ хол ҳисоб кард.

“Ин писари хуб аст”, гуфт деректори мактаби болоӣ ба муаллима Клаар, ки чашмони муаллима аз ҳайроншавӣ калон шуда буданд. “Ӯ бойгарии калон барои мактаби мо мебошад. Бисёр далерӣ лозим аст, то бо ин касалии бадан худро дар назди чунин шахсони бисёр нишон диҳад.”

Ҳорст ин гапҳоро шунид ва қаҳр карда, рӯяшро дигар тараф тоб дод. Бигзор Франк бойгарӣ барои чунин мактаби кӯҳнаи болоӣ бошад. Танҳо се ҳафта дар миёни деҳотиёни беақл ва баъд ӯ – Ҳорст – ба интернати қимат меравад. Дар он ҷо ҳама ба ӯ нигоҳ мекунанд. Лекин то он вақт ӯ мехост, ки дар озмун ғолиб шавад ва ба ин деҳотиён ҳайратро нишон диҳад.

Охирин натиҷаи ӯ наваду шаш хол буд. Ӯ камонро ба як тараф партофт ва хандид, гӯё ки  ӯ бо ин ханда гуфтанӣ аст: “Агар тавонед, зиёдтар занед.”

Бешавқ дигаронро нигоҳ мекард ва фикр мекард, ки чӣ тавр истад, вақте ки рӯзноманигор аз ӯ сурат мегирад.

“Ба Марк сию ду хол лозим аст, то Ҳорстро бурад”, Франк беумед фикр кард. “Инро ӯ кардан наметавонад.”

Марк хеле кӯшиш мекард, лекин танҳо бисту ду хол гирифта тавонист. Натиҷаи охирини ӯ ҳаштоду нӯҳ хол буд – аз Ҳорст нӯҳ хол камтар. Ҳорст инро дид ва хандааш боз ҳам калонтар шуд.

“Хайр, ақаллан дуюм шуд”, фикр кард Франк, вақте ки худаш ҷояшро гирифт. Лекин акнун Ҳайде ба сӯи ӯ пичиррос зад: “Ба пеш Франк; ҳамааш аз ту вобаста аст.”

“Чӣ аз ман вобаста аст?” ҳайрон шуд Франк. “Ман тамоман имконият надорам.” Ва яке ба ёдаш омад, ки ба ӯ танҳо ҳабдаҳ хол барои мағлубият лозим аст.

## Шодӣ барои Франк

Ин фикр ӯро чунон ба ҳаяҷонӣ овард, ки тире, ки ӯ задан мехост аз дасташ лағжида, қариб ду метр аз ӯ дур ба замин афтид.

“Бахшиш, лекин мо инро бояд ҳамчун як маротиба ҳисоб кунем”, гуфт ҷаноб Клаар ва дар овоззаш ханда шунида мешуд.

“Мумкин ӯ тирро аз ҷояш гирифта метавонад”, пешниҳод кард Марк. “Кӯшиш кун Франк; агар инро тавонӣ, боз якбор зада метавонӣ.”

Франк дар ҷояш мустаҳкам истод ва камонро чӣ қадаре, ки тавонист пеш кард. Дили падар сахт мелаппид, ҳангоме Франк беҳуда кӯшиш мекард: танҳо даҳ сантиметр намерасиданд. Франк нафас накашида, боз як бор кӯшиш кард. Ва ин даъфа ӯ бо куни камон тирро расида тавонист! Тамошобинон қарсак заданд ва “Офарин!” дод заданд. Падар ба миёни шӯбон дӯстона якто зад ва дасти ҷаноб Михелро ҷунбонд.

Лекин Франк бодиққат набуд ва ин тир тамоман ба мақсад нарасид. Падар чуқур нафас кашида, лабонашро мегазид. “Кошкӣ ӯ мебурид”, гуфт ӯ ба зани зебо, “ба фикрам, ман хушбахтарин мард дар ҷаҳон мебудам.”

Франк рӯи пушаймони падарашро дид ва хеле дилхунук шуд. “Илтимос, Худоҷон, маро мон, ки ман ғолиб бароям, то ки падарам аз ман фахр кунад”, пичиррос зад ӯ.

Ӯ хеле ором ва далер шуд. Фикр накарда ӯ ду тири охирро ба майдони тиллоӣ зад. Шодии баланданд дар ҳама тараф шунида

мешуд. “Сад хол!” оҳ кашид Марк ва Ҳайде ҷаҳида-ҷаҳида фарёд мегуфт: “Франк Ҳорстро бурид! Франк Ҳорстро бурид!”

Ҷаноб Клаар ҳайрон мешуд, шӯбон қарсак мезад, то дастҳояш дард мекарданд, Роберт бо даҳони кушода нигоҳ мекард ва Сеабастиан худро боз ба замин партофта пойҳояшро ба ҳаво бардошт. Ҳатто Сибилле боз хандида метавонист ва ҷаноб Михел чунон шод буд, ки парҳезашро фаромӯш карда, рафт, то ба ҳама яктои яхмос харад ва худаш шашто хӯрад.

Адалберт бо дастонаш рӯи сабзинаашро молида, гуфт: “Ин рӯзи бузург аст барои Шбартсенеқ!” Яке лозим шуд, ки ӯ ба пушти хайма равад ва бинияшро тоза кунад. Танҳо як одам буд, ки шод набуд ва доим суханҳои бад мегуфт, ин Ҳорст буд. Ӯ камон ва тирҳояшро гирифта, аз онҷо рафт.

Директори мактаби болоӣ ба назди ҷаноб Клаар омад ва гуфт: “Клаари мӯҳтарам, шумо хеле талабаҳои нағзро дар мактабатон тарбия додед. Аз ҳама бисёр шумо бо он писари хурдакаки маъюб натиҷаи хеле хуб доред.”

“Хайр”, ҷавоб дод ҷаноб Клаар, “ба шахсони маъюб бисёртар аҳамият додан даркор.”

“Бисёртар аҳамият! Чӣ хел дурӯғ!” пичиррос зад Франк, кӣ ин суханҳоро шунид. Лекин ӯ хушҳоли бад буд, ки қаҳр кунад. Якум бор дар зингагияш ӯ худро баробари писарони ҳамсолаш ҳис мекард ва рост ба рӯяшон нигоҳ карда метавонист, мисле ки марди пир ба ӯ маслиҳат дода буд.

Дар тамоми ғалағӯла падар ором истод ва ҳоло ҳам бовар накарда, ба сӯи Франк нигоҳ кард. Вақте ки писараш бениҳоят шод ба наздаш омад, ӯ қариб нафас кашида наметавонист.

“Ин мӯъҷиза аст”, пичиррос зад ӯ.

“Ман аз кай ки масеҳӣ шудам, фақат мӯъҷиза дидам”, хандид Франк ва фаромӯш кард, ки бо кӣ гап мезанад. Ғам ва ғазаб дар рӯи падар намоён шуд ва Франк бо тарс фаҳмид, ки чӣ гуфт.

“Ман дигар тоқат намекунам”, яке гуфт падар ва тоб хӯрда ба назди мошинаш рафт. Каме дертар ӯ бо мошинаш ба тарафи хона ҳаракат мекард.

“Барои ӯ ғам нахӯр”, гуфт зани зебо. “Ба фикрам, ӯ ба хона рафт, то бо Худо боз оишта шавад. Оҳо, вақт кимкайҳо шуд!”

Дар ин вақт Адалберт бо ду милиса ба назди ӯ омаданд. “Падари ту дар куҷост, бача?”, бенафас гуфт ӯ. “Милисаҳо ӯро мекобанд.”

“Ин кори хеле муҳим аст, бачаам”, гуфт яке аз ин милисаҳо. “Дар ҳавлӣ ба мо гуфтанд, ки ӯ дар ин ҷо ҳаст. Ту ҳам бояд бо мо ой”, илова кард ӯ ва дасти Франкро гирифт.

“Падарам ҳозир ба хона рафт, лекин мо чӣ кор кардем?” пурсид Франк тарсида.

“Ман инро ба ту дар роҳ нақл мекунам”, гуфта милиса ва ӯро ба назди мошини истода кашид.

Ҳайрон ҳама аз пушти ӯ мерафтанд ва нигоҳ мекарданд, ки чӣ мешавад.

“Гӯш кунед, шумо инро карда наметавонед”, гап гардонид шӯбон.

“Дар ин ҷо чӣ шудааст?” пурсид ҷаноб Михел, ки ин аз ягон лаҳза ақиб мондан намехост.

“Биёед, мо ҷанг мекунем ва Франкро озод мекунем”, фарёд зад Марк ва камонашро ба ҳаво партофт.

“Ҳама чиз хуб аст”, ором кард яке аз милисаҳо ва Франкро ба даруни мошин шинонд. “Ин бо марди даҳшати пир аз ҷангал вобастагӣ дорад. Ӯ инфакт дошт ва духтур мегӯяд, ки ӯ ба наздикӣ мемурад. Марди пир мегӯяд, ки ба ҳарду Шаферҳо чизи муҳиме гуфтанӣ аст ва барои ҳамин мо бояд онро дар вақташ биёрем.” Мошини милисаҳо дар вақти кӯтоҳ  роҳи ҷангалиро гузашта, падару Франкро ба назди хонаи марди пир овард.

Духтур дар назди дарвоза меистад ва норозӣ дасташро ба миён монд.

“Ба шумо вақти зиёд лозим буд, то биёед”, гуфт ӯ бо рӯи турши худ. “Лекин хушҳолона ӯ каме беҳтар шуд. Ӯ дар ҷангал яке инфакт шуд ва Ҳаннес Ламмерих ӯро ёфт. Ӯ гуфт, ки бояд бо шумо гап занад, барои

ҳамин шуморо фарёд кардем. Акнун ӯ менишинад ва худро бо қувват ҳис мекунад, лекин мошини беморхона аллакай дар роҳ ба инҷо ҳаст.”

Франк бо падараш ба хонаи хурдакаки ӯ даромаданд ва ӯро дар болои ҷогааш диданд. Дар пушташ линчаҳо пур аз қоҳ буданд. Вақте ки онҳо диданд, ки дар дасти ӯ чист, онҳо ҳардуяшон ҳайратзада шуданд. Дар дасти пири ӯ Китоби Муқаддаси бибикалон буд.

“Даромадан гиред”, гуфт ӯ. Ман мехоҳам чизи шуморо ба шумо баргардонам. Бинед, ман акнун мемурам”, илова кард ӯ қариб бо шодӣ. “Ва ман хостам, ки охирин бор хешҳоямро бинам.”

“Хешҳо?” пурсид падар бо рӯи аҷоиб.

“Ҳа, хешҳо”, гуфт марди пир. “Ту ҷияни ман ҳастӣ. Ту ягон бор дар бораи Ҳарри, гуспанди сиёҳ дар оила, ки ба хориҷа гурехта буд, нашунида будӣ? Ман мисли шумо дар Швартсенеқ таваллуд шудам ва ин Китоби Муқаддаси модарам аст. Ӯ доим мегуфт, ки ин китоб боаяд ҳеҷ гоҳ Швартсенеқро тарк накунад. Агар Шаферсҳо онро хонанд ва дӯст доранд, онҳо доим хушбахт мемонанд, гуфта буд модарам. Лекин агар онҳо дар он хонданро бас кунанд, бадбахтӣ ба сарашон меояд.”

Ӯ падарро нигоҳ кард ва хандаи аҷибаш дар рӯяи ӯ маълум шуд. “Ана, онро боз гир. Ман туро бисёр дар Швартсенсқ дидам ва фикр кардам, ки ту чӣ хел бадбахт менамоӣ.”

Падар ба назди ҷогааш омада, онро бо қадр ба даст гирифт – китоберо, ки ӯ қариб нобуд карданӣ буд. Ӯ онро нигоҳ кард ва шармгинона гуфт: “Аҷоибаш он, ки ман имрӯз ҳам Худоро ва ҳам Китоби Муқаддасро ёфтам.” Ӯ оромона истод ва он китобро сахт ба даст гирифт, гӯё ки он ганҷи қиматтарини ҷаҳон аст.

“Шумо онро чӣ тавр гирифтед, амаккалон?” пурсид Франк. “Шумо ҷодуӣ карда метавонед?”

“Не, не, писарам”, ҷавоб дод марди пир бо овози суст. “Рӯзе ман дар ҷангал роҳ мерафтам, ки писари калони хашмгинро дидам, ки ин китобро дар дасташ дошт. Ман китобро ҳамчун китоби модарам шинохтам ва ба ӯ дод задам: “Инро мон!” Ӯ тарсида, онро монд ва гурехт. Аз он вақт ман дар он хондам ва чизҳои омӯхтаамро аз

модарам боз ба ёд овардам. Ба фикрам, ӯ мехост, ки он боз ба Швартсенеқ баргардад!”

Яке рангу рӯяш парид. Ӯ дастонашро дар болои дасти Франк монд ва гуфт: “Хукҳои обиямро нигоҳ кун, то ки онҳо боз ғолиб баромадан гиранд.”

Духтур як қадам ба пеш кард ва “Ҳмм, Ҳм” гуфт. Ӯ нигоҳубинии ин хел шахсонро бад медид ва дар ҳайрат буд, ки Шаферс чунин хеш доранд. Лекин вақте ки нигоҳубони ҷангал даромада, бо ҳурмат гуфт: “Салом, дилам ба шумо месӯзад, ки маззаатон нест”, чашмони духтур калон шуданд.

“Оҳ, шумо омадед ҷаноб Фергусон”, гуфт марди пир аз ҷогааи коҳдораш. “Гӯш кунед: Ман тамоми ҷангалро ба ин писар медиҳам. Дар нома навишта шудааст, ки ҳангоми ба балоғат расидандаш, он аз ӯ мешавад. Ман туро дӯст медорам, писарам”, гуфт ӯ ва ба Франк бо чашмони нимкушода нигарист. “Ман мехоҳам, ки ту соҳиби ҷангали ман шавӣ. Ман ҳамаи пуламро дар Канада кор кардам ва соҳиби бисёри ҷангали Канада будам.

Ман лекин ҳамаи онҳоро фурӯхтам, то ин ҷангалро харам. Ин тавр ман дар наздикии Швартсенеқ зиндагӣ карда метавонистам. Зиндагиятро мисли ман ҳайф накун, писарам. Доим ба ёд биёр, ки ҳамаашро ба чашмаш бинӣ.”

## Дигаргунии бисёр

Франк дар болои дарахти себ нишаста, ба тарафи Швартсенеқ нигоҳ кард. Аз вақте ки ӯ охирон бор дар ин дарахт нишаста буд, чунон бисёр чиз дигаргун шуд, ки ӯ бовар намекард, ки аз он вақт танҳо ду сол гузашта аст.

Дар он вақт ӯ ҳоло фикр мекард, ки ин хона лаънатзада аст. Акнун хона меҳрубон ва шод метофт. Ҳама терезаҳо нав ранг шуда, калон кушода буданд. Пардаҳои нави рангоранг маълум буданд. Гулҳои сурх, ки ба девор мечаспиданд, ранги хокистаранги хонаро зинда мекарданд. Боғи бибикалон мисли дар вақтҳои пеш тоза ва

рангоранг буд ва дарахтон дар ҷангали наздик калонтар ва сиҳаттар менамуданд.

Франк худашро нигоҳ кард. Агар хона дар ду соли охир дигар шуа бошад, ӯ боз ҳам дигартар шуд. Аз кай, ки ӯ ба мактаби болоӣ мерафт, ӯ калонтар шуд. Акнун ӯ аз Марк калонтар аст ва қариб ба Роберт баробар шуд. Бо ёрии физиотерапоит ӯ беҳтар роҳ гаштан метавонист ва дасташ ҳам рӯз ба рӯз боқувваттар мешуд. Ӯ беҳтарин дар синфаш буд ва роҳбари камонкашон дар мактабаш. Ӯ тамоман фаромӯш кард, ки пеш худро чӣ хел ҳис карда буд.

Франк ҷангалро – ҷангали худашро – нигоҳ карда, фахр мекард. Рӯзе ӯ ба донишгоҳ меравад ва ҳама чиз дар бораи рӯйдан ва нигоҳубинии дарахтон меомӯзад. Баъд ӯ ба хона баргашта, мероси марди пирро қабул мекунад. Корҳои идоравӣ барои Шаферсҳои Швартсенеқ кор нестанд.

Овози "қуик, қуик" шунида мешуд ва ӯ ба хотир овард, ки бояд чемпионҳои хукҳои обиро хӯронад. Дари он анбор кушода буд, ва ӯ қафасҳоияшр дар даруни он дид. Дар ҳафтаи гузашта як писари Петр ва як абераи Кайсар баландтарин медалро барои хукчаҳои обӣ гирифтанд.

Франк ягона шахс набуд, ки дар ин макон дигар шуд. Ҳорст аз якум соли хонишаш дар интернат ҳамчун одами нав баргашт. Ба ҷои он ки ӯ калонтарин ва донотарин писар дар мактаби хурд бошад, ӯ хурдтарин ва беақлтарин писар дар мактаби хеле калон буд. Ҳар яке аз ин ҳафсад талаба мехост, ки беақлии Ҳорстро калон нишон диҳад.

Дар ҳар як таҳтил Ҳорсти каме беҳтар ба хона бармегашгт ва Марк бисёр мегуфт: "Ӯ акнун қариб одам аст." Чӣ қадаре ки метавонист, ӯ ба ҷамоат меомад ва ба гурӯҳ ҳам омада, мисли дигарон бодиққат гӯш мекард.

Дигаргунии калонтарин албатта ..., лекин акнун касе ӯро ба хона фарёд кард. Дарав ӯ аз дарахт фаромада ба тарафи хона шитобид. Ҳа, ин калонтарин дигаргунӣ буд!

Дар рӯи миз пирогҳои бамазза, нони навпухта ва мураббо буданд. Дар гирди миз падар, Марк ва зани зебо нишастанд.

“Биё Франк”, хандид Марк; “ман қариб аз гуруснагӣ мемурам!”

Баъд аз оне ки падар дуо кард, Франк бояд фикр кунад: “Афсӯс, ки ӯ як чанд соли дигар тоқат накард ва бо ман тӯй накард. Лекин ба фикрам беҳтар аст, ки ман акнун бо Марк бародар ҳастам. Ӯро ҳамчун писари ӯгай тассавур карда наметавонистам!”

Китоби Муқаддаси бибикалон дар ҷои эҳтиром буд ва сурати Ҳарри, гуспанди сиёҳ дар оила, дар меҳмонхона овезон буд. Аз вақте ки Худо дар дили ин чор кас зиндагӣ мекард, Шаферсҳо дар Швартсенек дар сулҳ зиндагӣ мекарданд.